**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК:** 338.431 (575.3)
**ББК:** 65.32 (2 Т)
**К.**14




**КАЗОКЗОДА УМЕДА ҲУРМАТУЛЛО**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612 - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ)

**Роҳбари илмӣ:** н.и.и. Тағоев Баҳром Дустмаҳмадович

ДУШАНБЕ - 2026

**МУНДАРИҶА**


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО, АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................... 3**

**МУҚАДДИМА........................................................................... 4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ВА ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШОВАРЗӢ....... 19**

1.1. Таҳқиқи назариявии ташаккули иқтисоди «сабз» дар заминаи гузариш ба рушди устувори кишоварзӣ............................................. **19**

1.2. Принсипҳо ва хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ............................................................ **42**

1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» - ҳамчун самти муҳими рушди устувори соҳаи кишоварзӣ.................... **67**

**БОБИ 2. РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ: ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ТАМОЮЛИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ.......................................................................... 87**

2.1. Таҳлили вазъи муосири захираҳои табиӣ ва гузариш ба иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ............................................... **87**

2.2. Маҳакҳо (индикаторҳои) асосии баҳои иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ......................................................................................... **102**

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН........................................................................................ 118**

3.1. Танзими давлатии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ......................................................................................... **118**

3.2. Таъмини бехатарии озуқаворӣ - самти муҳими рушди иқтисоди «сабз» дар шароити инкишофи иқтисодиёти кишоварзӣ.................... **136**

3.3. Модели рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз»............................................................................... **151**

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО........................................................ 164**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.................................... 167**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ............................................................ 180**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО, АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

| | | |
|---|---|---|
| **ҶТ** | - | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **КОА** | - | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| **НТМ** | - | Ноҳияҳои тобеи марказ |
| **ВМКБ** | - | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| **СММ** | - | Созмони Милали Муттаҳид |
| **СМРҶТ** | - | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ИМА** | - | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| **КАС** | - | Комплекси агросаноатӣ |
| **АИКТ** | - | Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон |
| **GEF** | - | Фонди ҷаҳонии муҳити зист |
| **ҲРУ** | - | Ҳадафҳои рушди устувор |
| **ИА** | - | Иттиҳоди Аврупо |
| **ММД** | - | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| **МММ** | - | Маҷмуи маҳсулоти миллӣ |
| **ҲҲҶТ** | - | Ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ТОК** | - | Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ |
| **КАҶТ** | - | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МУК** | - | Маҳсулоти умумии кишоварзӣ |
| **БРСММ** | - | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| **ШДБХ** | - | Шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
| **МКТИ** | - | Маблағгузории кишоварзӣ барои татбиқи технологияҳо |
| **ИМР** | - | Институтҳои молиявии рушд |
| **ИБМ** | - | Институтҳои байналмилалии молиявӣ |
| **ККО** | - | Кумита оид ба кишоварзӣ ва озуқаворӣ |
| **КБАО** | - | Кумитаи бисёрҷониба оид ба амнияти озуқаворӣ |
| **OECD** | - | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд |
| **СУС** | - | Созмони умумиҷаҳонии савдо |
| **БИР** | - | Бонки исломии рушд |
| **СРИС** | - | Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» |
| **ФАО** | - | Ташкилоти байналмилалии кишоварзӣ ва озуқаворӣ |
| **ДАСА** | - | (Tool for Agroecology Performance Evaluation) Дастурамал оид ба арзёбии самаранокии агроэкологӣ |
| % | | фоиз |
| **б.ф.** | | банди фоизӣ |
| **ҳаз.** | | ҳазор |
| **млн** | | миллион |
| **га** | | гектар |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир гузариш ба модели иқтисоди «сабз» ҳамчун самти афзалиятноки рушди устувори кишварҳои ҷаҳон эътироф гардидааст. Соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти миллӣ мавқеи асосӣ дошта, манбаи асосии шуғли аҳолии деҳот ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат эътироф мешавад. Дар айни замон, ба кор бурдани равишҳои кӯҳнаи хоҷагидорӣ, ки харҷи бемеъёри обёрӣ, нуриҳои маъданӣ ва моддаҳои кимиёвиро талаб мекунанд, ба паст шудани қувваи ҳосилдиҳии хок ва барҳам хӯрдани мувозинати табиӣ оварда мерасонад. Ташаккули хоҷагидории «сабз» дар ин бахш имкон фароҳам меорад, ки зиёд гардидани ҳаҷми маҳсулот бо ҳифзи муҳити атроф ва сарфакорона харҷ намудани неъматҳои табиӣ ба ҳам мувофиқ гардонида шавад.

Ҳадафи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат бидуни ҷорӣ намудани технологияҳои захирасарфакунанда ва аз ҷиҳати экологӣ тоза амалӣ шуда наметавонад, ки ин дар шароити феълӣ заминаи асосӣ ҷиҳати гузариш ба модели “сабз”-и иқтисоди миллӣ, аз ҷумла ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз-и соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон таҳқиқотҳо дар соҳаи илми иқтисодии ватанӣ нишон медиҳанд, ки масоили ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди «сабз»-и соҳаи кишоварзӣ, мукаммалсозии механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди он, усулҳои арзёбии самаранокии ҷорӣ намудани технологияҳои сабз дар хоҷагии қишлоқ ва фаъолгардонии сармоягузориҳо дар самти инкишофи модели мазкур таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир нагардидааст. Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди сабз дар соҳаи кишоварзӣ ба тавсеаи истеҳсолоти маҳсулоти ғизоӣ ва рушди имкониятҳои содиротӣ мусоидат намуда, заминаҳои боэътимодро баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ

Ҷумҳурии Тоҷикистонро на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозорҳои берунӣ мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёмҳои ҳар солаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсусро ба масоили рушди иқтисоди сабз ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои гузаштани соҳаҳои дигари хоҷагии халқ ба ин модели ояндадори рушд таъқид намуда, дастуру супоришҳои зарурӣ медиҳанд. Ҳанӯз дар соли 2016 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Пешвои миллат қайд намудаанд, ки: «…бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди «сабз»» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд» [120]. Дар навбати худ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва бо пайгирии ҳадафи таъмини такрористеҳсол ва ҳифзи заминҳои фонди корам бо пешгирӣ аз истифодабарии ғаримақсаднок, бо ин мақад таъмини истифодабарии оқилонаи сармояи табии кишварро дар ҳини гузариш ба иқтисоди «сабз» бодарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ таъмин менамояд. Баҳисобгирии омили минтақавӣ шарти муҳими ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Дар пасманзари татбиқи амалии барномаи дарозмуҳлати давлатии Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 зикр шудааст, ки: «...амалӣ намудани стратегияи мазкур ба таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва расидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон - баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ мусоидат менамояд» [10, с. 4]. Ҳалли ин масъалаҳо имкон медиҳанд, ки

ифлосшавии сарватҳои табиии замину об пешгирӣ карда шавад ва тавассути он барқарорсозии заминҳои обёришавандаи соҳаи кишоварзӣ, роҳандозии усулҳои кишти аз ҷиҳати экологӣ бехатар, муҳофизати биологии зироату растаниҳо ва солимгардонии фазои зисти сокинон таъмин гардад.

Дар соҳаи кишоварзӣ давоми даҳсолаи охир вазнин гардидани вазъи экологӣ бамаротиб мушоҳида мешаванд, аз қабили тағйирёбии иқлим, кам гардидани захираҳои об, ифлос гардидани захираҳои замин ва захираҳои обӣ, дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани низоми мелиоративию ирригатсионии заминҳои обёришаванда, норасоии кадрҳои баландихтисоси бахши мазкур ба назар мерасад, ки дар маҷмуъ, ба бехатарии озуқаворию экологӣ ва вазъи зиндагии аҳолии деҳот таъсири бевоситаи худро мерасонад. Суръати афзоиши мусбати аҳолии кишвар, ки дар бо ҳисоби солона зиёда аз ду фоизро дар саросари кишвар ва минтақаҳо бахуссус ташкил медиҳад, ба таври мустақим сарбории афзуншавандаро ба экосистемаҳои табиӣ мерасонад. Дар солҳои охир ҳолати мавриди назар сабаби ба вуқӯъ омадани як қатор чолишҳои манфӣ дар самти истифодаи оқилонаи истифодабарии замин ва ҳифзи муҳити зист гардидааст, ки миёни онҳо метавон ҷудо намуд:

Рушди устувори кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи заминҳои корам ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ бо чолишҳои сершумор рӯ ба рӯ мебошанд, аз ҷумла:

- суръати ифлосшавии захираҳои табиӣ, ки баландбардории маърифати экологӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ, монеаҳои ҷиддиро эҷод менамояд ва ба рушди устувор, пастшавии ҳосилхезии заминҳо ва ифлосшавии муҳити атроф мусоидат намуда, барои баланд бардории ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ ва сатҳу сифати зиндагии ҷомеъа таъсири манфӣ мерасонад;

- халалдор гардидани мувозинати экологию иқтисодӣ ба бадшавии ҳолати экологии заминҳои кишоварзишаванда, аз ҷумла; ба эрозияи заминҳои обёришаванда ва талафи ҳосил аз ҳисоби шӯрии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ зарари экологӣ мерасонад.

- сатҳи ниҳоят пасти рушди инфрасохтори истеҳсолӣ дар занҷираи истеҳсолии комплекси агросаноатӣ, бахусус дар бахши коркард ва нигоҳдорӣ, фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ғайра;

- нокифоягии истифодаи равандҳои аз ҷиҳати экологӣ асосноки истеҳсолоти кишоварзӣ, ки барои риояи стандартҳои содирот ва воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, инчунин, таъмини бозорҳои дохиливу байниминтақавӣ монеа эҷод намуда, барои ноил шудан ба самаранокии экологию иқтисодӣ халал мерасонад, ки ин худ аз мубрамият ва аҳамияти ҳамарӯзаи мавзуи диссертатсияи мазкур шаҳодат медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи ташаккули иқтисоди «сабз» ба хотири таъмини рушди устувори кишоварзӣ аз ҷониби иқтисодчиёни ватанӣ, ба мисли Ф.П. Арабов [107], У.С. Асрорзода [59], Т.Б. Ғаниев [15, 65], Б.С. Зиев [29], А.Д. Давлатзода, [68], [Б.Д. Тағоев [97, 110], Ҳ.Р. Исайнов [30, 31, 72, 73], Р.Р. Қудратов [35], Ҳ.А. Одинаев [39, 119], С.А. Мирсаидов [37], Э.Н. Шералиев [45, 46, 47, 104, 113], К.Қ. Шодиев [48] ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Назариявии самаранокии экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ва муҳофизати муҳити зист дар асарҳои олимони классикӣ Аҳуӣ О. [21], Браун Л. [23], Дейли, Герман Э. [28], Фюкс Р. [44], Fiorino D. [52], Francis C. [53] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Баъзе ҷанбаҳои методологии дастгирии давлатии рушди иқтисоди «сабз» ва бехатарии озуқаворию экологӣ дар кори олимони зерини рус, ба монанди: И.П. Айдаров [15],

В.С. Бочко [64], В.С. Колмаков [74], А.А. Лылов [78], В.Е. Степенко [96] ва ғайра.

Масъалаи рушди устувори кишоварзӣ ва экологикунонии истеҳсолот дар асарҳои олимони хориҷӣ, ба мисли: А. И. Алтухов [58], С. Н. Бобылев [62, 63], В.И. Данилов-Данильян [69], Н. Н. Моисеев [38], В.Н. Краснощеков [34], В.С. Голубев [67] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аввалин бор мафҳуми иқтисоди «сабз» дар корҳои илмии олимони Британияи Кабир, Д. Пирса, А. Маркандӣ ва Э. Барбиера дар бораи масъалаҳои экологию иқтисодӣ дар соли 1989 таҳқиқ гардида, он «...ҳамчун нишондиҳандаи асоси рушди инсонӣ ва сатҳу сифати зиндагии мардум эътироф гардида, тайи даҳсолаҳои охир дар заминаи назарияи алоқамандии иқтисодиёт ва экология, рушди ҷомеа, беҳдошти муҳити зист ҳамчун ченаки асосии рушди устувор ба ҳисоб меравад» [55].

Лозим ба қайд аст, ки рушди устувори экологию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист ба ташаккули иқтисоди «сабз», ки ҳамчун амсилаи нави рушди устувори иқтисодӣ дар таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон эътироф шудааст. Ҳамзамон, конепсияи рушди устувор аз мавқеи субъектҳои хоҷагидор нигоҳ доштани мувозинатро байни самараи иқтисодии бадастомада, аз як тараф ва ҳифзу суръатфизории низоми экосистемаҳои табиӣ, аз тарафи дигар, пешбинӣ менамояд.

Дар монографияи илмӣ профессор Қудратов Р.Р. Проблемы обеспечения продовольственной безопасности в условиях малоземелья и трудоизбыточности (соли 2005) оварда шудааст, ки «...сифати зиндагии аҳолӣ ҳамчун стратегияи афзалиятноки миллӣ зери таъсири низоми омилҳои мухталиф, аз он ҷумла омилҳои экологӣ ва иқтисоди «сабз» ташаккул меёбад, ки онҳо ба рушди соҳаи кишоварзӣ, иқтисодиёт ва истифодаи захираҳои табиӣ алоқаманд мебошанд» [35, с. 12].

Ба ақидаи К.К. Шодиев, «...дар муқоиса ба иқтисодиёти анъанавӣ, иқтисодиёти «сабз» истифодаи ҳаматарафаи захираҳои табииро баҳри афзунгардонии ММД дар назар дорад. Бо ибораи дигар, иқтисодиёти «сабз» гузариш аз истифодаи сарчашмаҳои энергияи анъанавӣ ба сарчашмаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барқароршаванда мебошад» [48, с. 7].

Дар кори илмии худ Э.Н. Шералиев қайд менамояд, ки «...самти муҳими низоми бехатари заминдорӣ дар шароити минтақаҳои аридӣ ин риояи принсипи рушди иқтисоди «сабз» ба ҳисоб меравад» [112, с. 181], ки истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва технологияҳои сарфакунандаи захираҳои заминро ҳавасманд менамояд.

Аз ин лиҳоз, мо тарҳи ҷустуҷӯи он намунаҳои пойдории соҳаи зироаткориро таҳлил менамоем, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» ва ҳангоми танзими давлатии тавозуни байни хоҷагидорию муҳити зист корбаст шуда метавонанд, зеро сохти онҳо ба самтгирии умумии тараққиёти бонизоми кишвар мутобиқ аст. Масъалаи истифода намудани заминҳои кишоварзӣ ва ҳифз намудани муҳити зист ва ҳамзамон, таъсири тарафайни онҳо ба шарту шароити зиндагии аҳолӣ ҳамчун ҷузъҳои муҳими ташаккули иқтисоди «сабз» баромад менамоянд. Дар ин росто, арзишҳои экологӣ, адолати иҷтимоӣ, самаранок гардидани кишоварзии органикӣ ва инчунин, бехатарии экологию озуқаворӣ таҳқиқи назариявию илмии навро тақозо менамояд.

Дар шароити муосир рушди устувори бахши аграрӣ ба маҷмуи омилҳои ба ҳам алоқаманд вобаста мебошад, ки муҳимтарини онҳо барқарорсозии ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ, нигоҳдории мувозинати экологию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зисти минтақаҳои ҷумҳурӣ ба шумор мераванд. Дар ин замина, истифодаи оқилонаи захираҳои замину об ва ташкили фаъолияти самараноки субъектҳои

хоҷагидории кишоварзӣ бояд ба ноил шудан ба як ҳадафи умумӣ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори деҳот равона карда шаванд. Маҳз ҳамин омилҳо зарурати таҳқиқи амиқи назариявию амалӣ оид ба ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи зироаткориро асоснок намуда, аҳаммияти таҳияи механизмҳои муассири татбиқи онро дар амалия тақвият мебахшанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба ҳадафҳои амалисозии «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» мувофиқат намуда, он дар заминаи истифодаи оқилонаи заминҳои кишти кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зист муҳим арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, арзиши рисолаи илмӣ ба паҳлуҳои назариявӣ ва амалии «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», стратегия ва барномаҳои ҳукумати кишвар оид ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ, амалисозии Консепсияи рушди иқтисоди «сабз» дар бахши кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои табиӣ, аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти мазкур ба ташаккул ва рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ зарурати таъмини сатҳи зиндагии аҳолӣ, қонеъ намудани эҳтиёҷотҳои онҳоро, ки аз омилҳои иҷтимоӣ ва маданияти фарҳангӣ вобаста мебошад, бахшида шудааст. Вобаста ба ин омилҳои зикргардида ба воситаи беҳтарнамоии ҳолати иқтидори табиӣ, пеш аз ҳама, майдонҳои кишти зироатӣ, тавассути баландбардории ҳифзи муҳити зист ҳангоми рӯ овардан ба иқтисодӣ «сабз» амалӣ мегарданд.

Мавриди зикр аст, ки худи истилоҳи “рушди устувори иқтисодӣ” аз рӯи миқёси фарогирӣ нисбат ба хоҷагии қишлоқ технологияҳои нисбатан босамар ва аз нигоҳи иқтисодӣ мувофиқу сарфакунандаро дар

бар мегирад. Дар ҷараёни ташаккули иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзӣ ин технологияҳо чун қоида на танҳо самараи техникиву иқтисодӣ, балки имконияти такроран истифода ва коркарди дубораи партовҳоро ба роҳ монад, ки яке аз ҳадафҳои ҳифзи муҳити зист арзёбӣ мегардад.

**Ҳадафи таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот аз коркарди муқаррароти назариявию методологӣ ва тавсияҳои амалие, ки бахри ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.**Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, зарур аст, ки вазифаҳои зерин ҳалли худро ёбанд:

- омӯзиши асосҳои илмию назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар муайян намудани мақому нақши он дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шаванд;

- ошкор намудани хусусиятҳо, принсипҳо, маҳак (критерия)-ҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокиирушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бодарназардошти омилҳои минтақавӣ ва соҳавӣ;

- асоснок намудани маҷтамаи усулҳои ташкилӣ-иқтисодии танзими давлатии ҷараёнҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди “сабз” дар хоҷагии қишлоқ;

- таҳқиқ ва арзёбии вазъи муосири заминаи табиӣ-захиравӣ ва сатҳи тараққиёти соҳаҳои бахши аграрӣ дар пасманзари сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва экологӣ;

- коркарди модели рушди устувори хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти зарфиятҳои минтақавӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди “сабз”;

- пешниҳоди афзалиятҳои стратегии рушди устувори иқтисоди миллӣ дар заминаи ташаккулёбии модели “сабз”-и хоҷагии қишлоқ.

**Объекти таҳқиқот -** ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар бахши кишоварзӣ.

**Мавзуи таҳқиқот -** муносибатҳои экологию иқтисодие, ки дар ҷараёни ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба чунин муқаррарот асос ёфтааст, ки ташаккул ва инкишофи рушди амсилаи «сабз»-и иқтисодӣ, ки ҳамчун яке аз унсурҳои тараққиёти баробарии соҳаи аграрӣ баррасӣ гардида, ба хамхарҷнамои ва самаранок хароҷот намудани неъматҳои табиӣ (махсусан, замин ва об), ба мустаҳкамии таъминоти маҳсулоти озуқаворӣ, ба афзоиши самарабахшии деҳқонӣ ва ба тазагии муҳити зинда таъсир мерасонад. Дар навбати худ, рушди иқтисоди «сабз» ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи экосистемаи табиӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд. Пешниҳоди аз нигоҳи илмӣ асоснок оид ба ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» ба истифодаи оқилонаи заминҳои кишти кишоварзӣ ва истеҳсоли ҳарчӣ бештари маводи озуқаворӣ, инчунин, беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ равона мегардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таълифоти олимон-иктисодчиён дохилӣ ва хориҷӣ доир ба масоили рушди устувори хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла масоили ташаккулёбӣ ва тараққити иқтисоди “сабз” дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, инчунин маводу тавсияҳо аз натиҷаи конфренсияҳои илмию амалӣ, семинар ва нашриёти илмии фарогири рушди устувори иқтисодӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** маҷмуи усулҳо ва равишҳои илмиро дар бар мегиранд, ки ба воситаи онҳо масъалаҳои ташаккул ва тараққиёти иқтисоди «сабз» ҳаллу фасл гардиданд, аз ҷумла: таҳлили оморӣ, монографӣ, иқтисодию риёзӣ, демографӣ, сохтани моделҳои иқтисодӣ, пешгӯиву дурнамосозӣ ва таҷрибавию омӯзишӣ. Ба кор бурдани ин равишҳо дар шароити мавҷуд будани маълумоти боэътимод

имкон дод, ки натиҷаҳои назариявию амалӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф асоси мустаҳкам пайдо кунанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Таъмини сарчашмаи рисолаи илмиро санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар, қарору фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ ва захираҳои электронӣ ташкил мекунанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон давоми солҳои 2021-2026 иҷро карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** – асосноккунии назариявӣ-методологии равандҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, ҳамчунин аз коркарди тавсияҳои амалӣ доир ба гузариши бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели “сабз”-и иқтисодиёт иборат мебошад. Дастовардҳои нисбатан назаррас, ки навгонии тадқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд:

- натиҷаи омӯзиш ва таҳлили осорҳои илмӣ имкон фароҳам овард, ки тасаввуроти мукаммали иқтисоди «сабз» аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шавад, зеро маҳз ташаккули он ба мустаҳкамии амнияти экологӣ ва озуқаворӣ, таъмини истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии мутобиқ ба талаботи дохилидавлатӣ, ҳамчунин, ба ҳимоя ва аз нав ҳосилхез гардонидани хокҳои кишоварзию сарватҳои зиндаи табиат нигаронида шудааст;

- ошкор гардидаст, ки хусусиятҳо ва принсипҳои ташаккулёбии иқтисоди “сабз”-и хоҷагии қишлоқ, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ бо дарназардошти тафовутҳои минтақавӣ, ки афзоиши

истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ватанӣ, барқарор намудани ҳосилхезии заминҳо ва солимгардонии вазъи экологии муҳитро таъмин мекунад, аҳамияти аввалиндараҷа доранд;

- собит шудааст, ки ҳолати имрӯзаи истифодаи **заминҳои** кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» ҳамчун заминаи воқеӣ буда, дар атрофи он масъалаи асосии таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои замин, об ва иқлим дар истеҳсолоти кишоварзӣ муайян карда шуда, аҳамияти онҳо барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти соҳаи таҳқиқшаванда  муайян ва натиҷагирӣ карда шуд;

- модел (амсила) – и илмӣ таҳия шудааст, ки мутобиқи он рушди ҳолати устувории соҳаи кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» тавсияву пешниҳодот муайян намуда, дар маҷмуъ, ба механизмҳо ва равишҳои таъмини рушди устувори минтақаҳои агросаноатӣ, ки ба ҷараёни саноатикунонии маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи бехатарии экологӣ ва таҳкими истиқлолияти озуқавории мамлакат мусоидат менамояд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асоснок карда шудааст, ки иқтисоди «сабз» ҳамчун самти муҳими рушди устувори кишвар ба истифодаи оқилонаи заминҳои кишт, таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ, ҳифзи муҳити атроф ва беҳсозии вазъи иҷтимоии аҳолии манотиқи мамлакат дар маҷмуъ, мусоидат менамояд;

- муқарар гардидааст, ки ибораҳои фарққунандаи иқтисоди «сабз» ва бахши аграрӣ дар асоси риояи принсипҳо ва ба меъёрҳои инкишоф ва тараққиёти бонизом ба зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти хӯроквории аз ҷиҳати экологӣ тозаю безарар, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва нигоҳдошти низомҳои табиии зист замина мегузорад;

- ошкор карда шудааст, ки истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва равандҳои ташаккули рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ, беҳтар намудани вазъи экологию иқтисодии захираҳои замин, об ва омилҳои билогӣ, инчунин роҳҳои баланд бардоштани самаранокии ҳолати кишоварзӣ, тавассути тақвияти дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони ватанӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби кишоварзии органикӣ ва маблағгузориҳои «сабз» натиҷагирӣ карда шуд;

- таҳияи модели илмии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», тавсияву пешниҳод гардид, ки он метавонад, тавассути механизмҳо ва равишҳои таъмини рушди устувори минтақаҳои агросаноатӣ, ки ба ҷараёни саноатикунонии маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти экологӣ ва истиқлолияти озуқавории кишвар, дар маҷмуъ равона мегардад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** ба низомдарорӣ ва тавсеаи фаҳмишҳои илмӣ доир ба консепсияҳои рушди устувор ва ташаккулёбии иқтисоди "сабз" дар бахши аграрӣ, инчунин аз такмилдиҳии асосҳои методии арзёбии муҳиммияти иҷтимоиву иқтисодӣ ва экологӣ иборат аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** бар он асос меёбад, ки барои беҳтар намудани вазъи экологию иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, истифодаи технологияи нави «сабз»-и парвариши зироатҳо ва истеҳсоли ҳарчӣ бештари маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва безарар ба саломати мардум равона мегардад. Он дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни пешниҳодҳои мушаххас ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат мекунад. Муқаррароту тавсияҳои услубии онро аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар маҳалҳо ва таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба рушди иқтисоди «сабз» истифода бурдан мумкин аст.

Муқаррароти методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили равишҳои методӣ доир ба баҳодиҳии равандҳои ташаккулёбии иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии кишвар, инчунин ҳангоми ҳалли вазифаҳои гузариш бахши аграрӣ ба намуди нави фаъолияти хоҷагидорӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳолати мазкур барои фароҳам овардани шароити зарурии дохилӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисои миллӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Бо дурустии маълумотҳои оморӣ дақиқӣ ва дараҷаи эътимоднокии маълумотҳо, ҳаҷми кифоягии таҳқиқот, коркард, натиҷагирӣ ва интишороти онҳо тасдиқ мешавад. Дар асоси маълумоти овардашуда баҳои рушди иқтисоди «сабз», самаранокии экологию иқтисодӣ, ҷалби маблағгузориҳои «сабз» ба ҳифзи экосистемаи минтақавӣ асоснок гардида, истифодаи судманди унсурҳои асосии он дар шароити минтақаҳои кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад. Баъзе қисматҳои он дар семинару конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфта, дар раванди таълим дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№2/8 - 95 аз 14.07.2026) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ), (№169 аз 23.06.2025с.) татбиқи худро хоҳад ёфт.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612 - Иқтисоди «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ) мувофиқат мекунанд: 1.4.1. ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии татбиқи иқтисоди «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ ва экология; 1.4.5. муаммоҳо ва мушкилотҳои рушди соҳаҳои кишоварзӣ дар низоми гузариш ба

иқтисоди «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ; 1.4.8. танзими давлатии соҳаҳои кишоварзӣ, экология ва дигар соҳаҳои КАС ҳангоми амалишавии барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо ва стратегияи рушди иқтисоди «сабз»; 1.4.16. таҳқиқи масоили экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории дараҷаи таъмини рушди устувори иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар доираи низоми иқтисоди «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Марҳилаҳои иҷроиши кори илмӣ, аз қабили интихоби мавзуъ, таҳқиқи масъалаи рушди экологию иқтисодии кишоварзӣ, модели иқтисодӣ, натиҷагирӣ, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи он дар амалияи хоҷагидорӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар амалисозии ҳадафҳои асосии рушди иқтисоди «сабз», имконпазирӣ ва татбиқи амалии сиёсати аграрии давлат ва таъмини рушди устувори бахши кишоварзӣ, самаранокии истифодаи заминҳои кишти кишоварзӣ, татбиқи амалии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, ҷалби сармоягузориҳои «сабз» ба экосистемаҳои табиӣ дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни таъмини маводи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақаҳои кишвар инъикос ёфтаанд. Баъзе қисматҳои таҳқиқоти мазкурро дар донишгоҳҳои олии мамлакат ҳангоми омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти истифодабарии захираҳои табиӣ», «Иқтисоди миллӣ», Иқтисоди «сабз» ва «Рушди устувори иқтисодӣ» истифода бурдан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, 4-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 6,3 ҷузъи чопӣ ба нашр дода шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, номгӯйи адабиёт иборат мебошад, ки он дар 180 саҳифа, 20 ҷадвал, 5 расм ва 1 диаграмма гирд оварда шудааст. Номгуйи адабиёт 122 ададро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ВА ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШОВАРЗӢ

## 1.1. Таҳқиқи назариявии ташаккули иқтисоди «сабз» дар заминаи гузариш ба рушди устувори кишоварзӣ

Пешрафти босубот ва устувори кишвар аз он вобаста аст, ки захираҳои табиӣ то чӣ андоза хирадмандона ба кор бурда шаванд ва солимии муҳити зист нигоҳ дошта шавад; чунин пешрафт ҳангоми ҳалли мушкилоти марбут ба табиат ва масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии ба он алоқаманд дар сатҳи ҷаҳонӣ як зарурати ногузир маҳсуб меёбад. Дар тули даҳсолаҳои сипаришуда душвориҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои навоҳии кишоварзӣ хеле шиддат гирифта, масъалаи рӯй овардан ба намунаи иқтисоди «сабз»-ро ба миён овардаанд.

Консепсияи ташаккули иқтисоди «сабз» ин самти хеле нави илмӣ буда, ба хубшавии саломатии аҳолӣ, риояи баробариҳои иҷтимоӣ ва паст кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист бештар такя мекунад. Вазифаи асосии он: «... дар назарияи экологӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар мушаххаскунии илмӣ буда, ба хотири таъмини рушди устувори ҷомеа равона карда мешавад» [115]. Дар вазъи нави хоҷагидорӣ, ки зери фишори натиҷаҳои буҳрони ғизоӣ ва молиявию иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст, иқтисоди «сабз» ҳамчун яке аз механизмҳои самараноки таъмини рушди устувор, паст намудани хавфҳои экологӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагӣ равона шудааст. Маҳз ҳамин алоқамандӣ на фақат аз нигоҳи назарияи муаммоҳои хоҷагидорию истеҳсолӣ, балки аз нигоҳи экологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Дар солҳои охир масъалаи таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар шароити рӯй овардан ба иқтисоди «сабз» ба мавзуи

таҳқиқот табдил ёфтааст. Мутахассисону олимони соҳаҳои экология ва иқтисод бар ин назаранд, ки чунин гузариш имкон медиҳад хатарҳои экологиву иқтисодӣ коҳиш дода шаванд ва вазъи муҳити зист барои зиндагии солим беҳтар гардад. Ин ҳадафҳо тавассути истифодаи хирадмандонаи захираҳои об ва замин, кам кардани фишор ба экосистемаҳои табиӣ, поин овардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини сокинони минтақаҳо бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ амалӣ мешаванд.

Барои татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи аграрӣ рушди инфрасохтори истеҳсолию бозорӣ ва такмили заминаҳои институтсионалӣ аҳаммияти асосӣ дорад. Дар ин замина, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи кишоварзӣ ва иқтисоди «сабз» ҳамчун яке аз шартҳои асосии баланд бардоштани самаранокии идоракунии соҳа арзёбӣ мегардад. Дар маҷмуъ, ин равандҳо ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқавории аз лиҳози экологӣ тоза ва тақвияти пойгоҳи иқтисодии давлат мусоидат менамоянд.

Аз нигоҳи Герман Дели асосгузори иқтисодию экологӣ: «...даврае, ки омили таъмини рушди устувори иқтисодӣ аз имкониятҳои одамон вобаста буд (олами «пурнашуда») ба охир мерасад. Акнун инсоният ба марҳилае қадам мениҳад, ки омили муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ маҳсуб ёфта, он вазъи муҳити зисти аҳолӣ рӯз то рӯз бештар фишор меорад арзи вуҷуд мекунад.» [28]. Ба ин тартиб, бартараф намудани буҳронҳои экологию иқтисодӣ дар доираи фаъолияти хоҷагидорӣ маҳз аз тариқи рӯй овардан ба иқтисоди «сабз» имконпазир мегардад.

Дар шароити муосир тағйирёбии иқлим, таназзули экосистемаҳо, коҳиш ёфтани захираҳои табиӣ ва афзоиш ёфтани хавфҳои экологӣ зарурати ташаккули равишҳои нави ташкили фаъолияти иқтисодӣ ба миён меоранд. Дар ин замина, консепсияи иқтисоди «сабз» ҳамчун яке аз

равишҳои стратегии рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва таъмини амнияти экологӣ роҳандозӣ шудааст. Татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» барои афзоиши самаранокии захираҳо, рушди технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳавасмандгардонии инноватсионӣ мусоидат мекунад. Дар айни замон, гузариш ба иқтисоди «сабз» заминаҳоро барои пайдоиши соҳаҳои нав, афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва беҳтар кардани амнияти энергетикӣ фароҳам меорад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ рушди иқтисоди «сабз»-ро ҳамчун воситаи калидӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ва иҷрои уҳдадориҳои иқлимӣ мешуморад.

Татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» ба коҳиш додани таъсири экологӣ, мусоидат ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва рушди истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, гузариш ба модели иқтисодие, ки ба принсипҳои ҳифзи муҳити зист нигаронидашуда, барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳамзамон, рушди сармояи инсонӣ, густариши фаъолияти инноватсионӣ ва густариши ҳамкории байналмилалӣ дар рушди устувор мусоидат мекунад. Дар шароити имрӯза, самаранокии сиёсати экологӣ ва иқтисодии ҳукумат асосан аз қобилияти ҳамгироии принсипҳои иқтисоди «сабз» ба ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва амалияҳои идоракунӣ муайян карда мешавад. Ин зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи илмии асосҳои назариявӣ, механизмҳо ва абзорҳои гузариш ба иқтисоди «сабз»-ро ба миён меорад.

Дар ин маврид, кам шудани шумораи аҳолӣ ва норасоии сармояҳои табиӣ хеле назаррас гардида, бо дасту ақли инсоният сохта шуда, дар баробари ин, истифодаи аз ҳад зиёди захираҳои табиӣ ва харобшавии муҳити атроф мушоҳида мегардад. Бахусус, «...ин дар шароити хоҷагидорӣ ҳолати баръакс дошта, мушоҳидаи акси ҳол аст, ки бо васеъ шудани фаъолияти хоҷагидорӣ низоми экологӣ хеле хароб ва

маҳдудиятҳои экологию иқтисодии барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва қонеъ намудани ниёзҳои инсонӣ даҳчанд мегардад» [54, с. 79]. Дар чунин шароит зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани модели нави иқтисодӣ, яъне иқтисоди «сабз» ва истифодаи фарохи ҷузъҳои бунёдии он ба миён меояд. Ба ин ҷузъҳо метавон ҳифзу нигаҳдошти захираҳои кишоварзӣ, афзоиши иқтидори захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама, заминҳои киштбоби кишоварзӣ - бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва ҳимояи муҳити зистро шомил намуд.

Ба маънои дигар, маҳдудиятҳои экологӣ ҳарчи бештар дарки зарурати таъмини рушди устувори кишоварзиро дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» ва ҳифзи экосистемаҳои табиию сармояи инсонӣ ба маврид меҳисобад. Дар ин хусус «... барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа монеаҳо эҷод гардида, инсоният дарки онро мекунад, ки аллакай дар остонаи бӯҳрони экологию иқтисодӣ қарор дошта, (яъне, дар ибтидои мавҷудият инсоният тақрибан 1% маҳсулоти биосфериро истеъмол менамуд, ҳоло бошад, 6-7%» [67, с. 40-44].

Созмони Милали Муттаҳид тавсия медиҳад, ки гузариш ба иқтисоди «сабз» ҳамчун раванди ҳамаҷонибае баррасӣ шавад, ки ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар рушди устуворро муттаҳид мекунад. Ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти мазкур, ки шароити миллӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, захираҳои мавҷуда ва иқтидори институтсионалиро ба назар гиранд. Аҳамияти махсус ба ҳамгироии афзалиятҳои экологӣ ба стратегияҳои ҳукуматӣ, банақшагирии буҷет, барномаҳои соҳавӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ дода мешавад. СММ, инчунин, ба зарурати беҳтар кардани самаранокии захираҳо, кам кардани ифлосшавӣ, идоракунии оқилонаи сармояи табиӣ ва пешгирии талафоти гуногунии биологӣ таъкид мекунад.

Ҳангоми ба хоҷагидории «сабз» гузаштан ду шарти асосӣ - фарогирии иҷтимоӣ ва адолат аҳамияти муҳимро мебозад. Татбиқи ин шартҳо тақозо менамоянд, ки дар ҷараёни мазкур барои таъсири ҷойҳои кории шоиста, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва расонидани дастгирӣ ба кормандони бахшҳои зарардида чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Давлатҳо ташвиқ карда мешаванд, ки иқтидори институтсионалӣ ва захираҳои инсониро инкишоф диҳанд, метрикаҳоро барои арзёбии пешрафт татбиқ кунанд ва таълиму тарбияи экологӣ ва омӯзиши онро васеъ кунанд. Зарурати ҳамкории байналмилалӣ, мубодилаи технологияҳо ва таҷрибаҳои беҳтарин ва расонидани кумаки молиявӣ ва техникӣ ба кишварҳои рӯ ба инкишоф ва камрушд таъкид карда мешавад.

Мафҳуми иқтисоди «сабз» бори нахуст аз ҷониби мутахассисони бритонӣ дар бахши иқтисодию беҳдошти муҳити атроф Д. Пирса, А. Маркандӣ ва Э. Барбиера соли 1989 дар маърузаи: «Нақша оид ба ташкили иқтисоди «сабз» истифода бурда шудааст.» [55], ки он имконияти стратегияи рушди устуворро дар бахши муҳофизати сармояҳои инсонию табиӣ ба хотири ҳадафҳои рушди устувор бештар менамояд.

Тибқи андешаи олимони бахши иқтисодӣ ва экологӣ, алоқамандии низоми экологӣ-иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити атроф аз ҳисоби таъсири бештари манфӣ ба экосистемаҳои табиӣ, ба мисли: ифлосшавиҳо, дастрасии кам ба захираҳои об ва замин, беҳшавии вазъи саломатӣ ва афзоиши ниёзҳои одамон ба маводи ғизоии тозаи экологӣ зарур мебошад. Ба андешаи Мирсаидов С.А. «...давлат ҳангоми танзими муносибатҳои заминдорӣ бояд шароитҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва институтсионалиро оқилона ва самаранок истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва вазъи ҳудудӣ ва

устувории экологии онҳоро таъмин намояд» [37, с. 165]. Дар баробари ин, назарияи иқтисоди «сабз» ҳамчун яке аз самтҳои муосири илми иқтисодӣ ва экологӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши кишоварзӣ хеле хуб дарҷ ва роҳандозӣ мегардад.

Баъдан, таваҷҷуҳи бештар ба иқтисоди «сабз» аз солҳои 1970-уми асри XX зиёд шуда, дар шароити муосир он ҳамчун маҳаки муҳими рушди устувори иқтисодӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ба ҳифзи оламу набототу ҳайвонот ва маҳдудиятҳои ҳарчи бештари экологӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Масъалаи иқтисоди «сабз» дар конфронси сатҳи баланд оид ба рушди устувор - Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди устувор (маъруф ба «Рио+20»), ки моҳи июни соли 2012 дар шаҳри Рио-де-Жанейро баргузор гардид, яке аз мавзуъҳои марказӣ қарор гирифт. Қатъномаи Рио оғози ворид гардидани мафҳуми иқтисоди «сабз»-ро ба рӯзномаи ҷаҳонии сиёсат нишонагузорӣ намуд. Дар натиҷаи баргузории ин конфронс иқтисоди «сабз» ҳамчун модели нави рушди иқтисодӣ муаррифӣ гардид, ки моҳияти он дар таъмини афзоиши даромаду шуғли аҳолӣ дар заминаи сармоягузориҳои камкарбон ва истифодаи самараноки захираҳо ва инчунин, ҷорӣ намудани технологияи аз ҷиҳати экологӣ устувор ифода меёбад.

Ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули иқтисоди «сабз» дар корҳои илмии олимону иқтисодшинос ва экологҳо ба мисли: Фюкс Р. [44], Фиорино Д.[52], Альбеков А.У. [17], Бобылев С.Н. [63], Бочко В.С. [64], Алинов М.Ш. [40], Одинаев Ҳ.А. [119], Исайнов Х.Р. [72], Шералиев Э.Н. [113], Шодиев К.Қ. [48] ва дигарон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Тавсеаи модели «сабз»-и хоҷагидорӣ дар соҳаи деҳқонӣ яке аз шартҳои муҳими фаровонии озуқа, истифодаи муътадили сарватҳои

табиӣ ва паст кардани таъсири номатлуби зироаткорӣ ба муҳити атроф ба ҳисоб меравад. Ҷорӣ гардидани технологияҳои камхарҷи захира, усулҳои кишти табиатдӯст ва навъҳои таҷдидшавандаи энергия барои посдории ҳосилхезии хок, захираҳои обӣ ва олами зиндаи гуногун замина фароҳам меорад.

Тавре муҳаққиқон қайд менамоянд, ҷавҳари асосии барпогардии иқтисоди «сабз» дар бахши аграрӣ аз ба тартиб даровардани робитаи миёни ҷомеа ва олами табиат иборат буда, пеш аз ҳама, дар устувор гардонидани силсилаи «табиат - мардум - истеҳсолот» зоҳир мегардад. Ин ҷараён бар оқилона ба кор бурдани заминҳо, обҳо, имкониятҳои иқлимӣ ва омилҳои биологӣ такя карда, ба кишти дурусти майдонҳои зироатӣ ва ба беҳтар шудани зиндагии сокинони маҳалҳо нигаронида шудааст. Ба таъбири дигар, он нишон медиҳад, ки муносибатҳои иқтисодӣ бо маҳдудиятҳои экологӣ чӣ гуна ҳамоҳанг мешаванд.

Дар доираи экологикунонии муносибатҳои истеҳсолӣ иқтисоди «сабз» ҳамчун самти нави рушди бемайлони ниёзҳои аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ва ифлосшавии муҳити атроф рабт дошта, назарияи таҳқиқи онҳо тайи солҳои охир марҳилаи тулониро паси сар намуда, ташаккули эволютсияи иқтисоди «сабз» дар афкори иқтисодчиёни мактабҳои гуногуни илмӣ ба асрҳои XV11-XX рост меояд.

Дар соҳаи экологию иқтисодии муносибатҳои истеҳсолӣ иқтисоди «сабз» бо афзоиши мунтазами ниёзҳои аҳолӣ ба озуқаворӣ ва ифлосшавии муҳити зист алоқаманд аст. Назарияи омӯзиши онҳо дар солҳои охир давраи тулонии рушдро паси сар намуда, ташаккули таҳаввули иқтисоди «сабз» дар афкори иқтисоддонони мактабҳои гуногуни илмӣ ба асрҳои XVII-XX рост меояд.

Иқтидори заминҳои корам ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими иқтисоди минтақавӣ дар таъмини амнияти экологию озуқаворӣ ба ҳисоб

меравад, ки ҷустуҷӯ ва амалисозии иқтисоди «сабз»-ро дар ин самт тақозо менамояд. Ин зарурат истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи зироат, ташаккули сохтори мувофиқи бахши кишоварзӣ ва тахассуси истеҳсолотро дар минтақаҳои агросаноатӣ дар бар мегирад, ки бе онҳо ҳам барои экосистемаҳои табиӣ ва ҳам барои таъмини амнияти озуқаворию иқтисодӣ таҳдиду монеаҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар таҳқиқоти олимони соҳаи кишоварзӣ иқтисоди «сабз», пеш аз ҳама, ҳамчун самти стратегӣ ва маҷмуи раванди экологикунонии фаъолияти истеҳсолоти кишоварзӣ, ташкили кишоварзии органикӣ, ҳифзу такрористеҳсоли устувори захираҳои табиию меҳнатӣ ва муҳофизати муҳити зист такя менамояд. Дар доираи ин масъала аз лиҳози назариявӣ андешаҳои гуногуни илмӣ вуҷуд доранд, ки ҳалли мусбати онҳо маҳз тавассути гузариш ба иқтисоди «сабз» имконпазир мегардад. Мавқеи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба таҳқиқи муттасили иқтисоди «сабз» дар ҷадвали 1.1 оварда шудааст.

Тафсири имрӯзаи иқтисоди «сабз» ба назарияи тараққиёти бонизом такя мекунад ва пешрафти иқтисодиро чунин ҷараёне медонад, ки аз посдории муҳити зинда, аз харҷи хирадмандонаи неъматҳои табиӣ ва риояи адолати иҷтимоӣ ҷудонашаванда мебошад. Агар дар модели маъмулии хоҷагидорӣ диққати асосӣ ба то ҳадди имкон афзоиш додани фоидаву даромад дода шавад, дар диди «сабз» вазифаи меҳварӣ барқарор сохтани мувозинати се гурӯҳи манфиат - иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Бо ҳамин роҳ фишори зиёновари фаъолияти хоҷагидорӣ ба табиат маҳдуд карда мешавад, самарабахшии истифодаи захираҳо баланд мегардад ва барои инкишофи дурударози мутавозини ҷомеа замина фароҳам меояд. Дар пажуҳишҳои илмии солҳои охир иқтисоди «сабз» ҳамчун тарҳи низомии дигаргунсозии иқтисодиёти

миллӣ баррасӣ мешавад, ки натиҷаи амалӣ гардидани он гузариш ба рушди камкарбон, навоварона ва фарогир маҳсуб меёбад.

Мушкилоти экологию иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла масъалаҳои таъмини истифодаи самараноки заминҳои зироатӣ ва коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти истеҳсолӣ ба муҳити зист, дар ибтидои асри XXI, яъне дар давраи пешрафти босуръати илму техника, ҷорӣ гардидани технологияҳои муосир ва афзоиши фишори антропогенӣ ба муҳити табиӣ хусусияти ниҳоят ҷиддӣ пайдо намуд. Аз ин сабаб, ҳалли онҳо имрӯз ҳамчун ҷузъи муҳими фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва самти технологию навоварона баррасӣ мегардад. Дар ин маврид олими рус Парфенов В.Ф. чунин менависад, ки «...дар шароити муосир зернизоми хоҷагидорӣ аллакай дар 63%-и сатҳи болоии замин, ки ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва 40% истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии софи биосферӣ, танҳо 10% барои истеъмоли аҳолӣ дастрас, боқимонда, 30%-и он талаф ва валангор мегардад ва тайи даҳсолаҳои охир одамон қариб се ҳиссаи захираҳои табииро нест карданд» [41, с. 44].

Дар ин замина, кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда ба масъалаи иқтисоди «сабз» аҳамияти махсус медиҳанд. Ин таваҷҷуҳи афзалият ба иқтисоди «сабз» бо зарурати коҳиш додани сатҳи баланди бекорӣ, ҳалли чораҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ва экологӣ асоснок мегардад. Зарурати тадбиқи чунин чораҳое, ки аз сабабҳои афзоиши шумораи муҳоҷирону гурезагон аз ҷойи зисти доимӣ инчунин, бинобар сабабҳои экологиву иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд.

Пажуҳишҳои марбут ба иқтисоди «сабз» ва кӯмаки давлат ба соҳаи хоҷагидорӣ се такягоҳи асосӣ доранд. Якум - бо ёрии навоварӣ ва навсозии техникӣ баланд бардоштани самараи кишт. Дуюм - зиёд

намудани ҳаҷми маҳсулоти ғизоии барои табиат безарар. Сеюм - маҳдуд сохтани зарари ба муҳити атроф расонидашуда.

Пешрафт дар ин самт таъсири худро ба рушди низоми иқтисодӣ тавассути истифодаи захираҳои табиӣ, меҳнат ва ифлосшавии муҳити зист афзоиш дода, дар солҳои охир бинобар истифодаи беш аз ҳадди захираҳои замину обу иқлим дар кишоварзӣ ва муҳити атроф ба хатарҳои ҷиддии экологию иқтисодӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ ва минтақаҳои кишвар оварда расонидааст.

Афзун гардидани самараи истеҳсолоти аграрӣ дар модели «сабз» аз се сарчашма бармеояд: техникаву технологияҳои камхарҷ, истифодаи муътадили заминҳову манбаъҳои обӣ ва тарзҳои киштукори аз ифлосӣ озод. Ҳангоми ба кор бурдани усулҳои нави агроэкологӣ хоҷагиҳо аз захираҳои таҷдиднашаванда камтар вобаста мешаванд, зарари экологии фаъолияти онҳо маҳдуд мегардад ва қобилияти муқобилат ба дигаргунии иқлим боло меравад. Ба ин ҳама сарфаи энергия, нуриҳо ва маводи ҳифзи набототӣ илова мешавад, ки масрафи истеҳсолиро паст карда, вазъи молиявии корхонаҳои деҳқониро беҳтар мекунад. Натиҷаи дигар ба сифати мол рабт дорад - маҳсулот бехатартар мешавад, таъминоти ғизоии мардум мустаҳкамтар мегардад ва барои молҳои дорои шаҳодатномаи экологӣ бозорҳои нав пайдо мешаванд.

Ниҳоят, дар давраи тулонӣ маҳз ҳамин равиш бардавомии зироаткорӣ, эҳтиёти неъматҳои табиӣ ва мустаҳкамии мавқеи рақобатии бахши аграриро таъмин месозад.

Ба андешаи Альбеков А.У., ва Матишов, Г.Г. «...иқтисоди «сабз» ҳамчун унсури муҳими рушди устувор, зарурати муттаҳидсозии ҳалли масъалаҳои дастҷамъонаи экологӣ-иқтисодии ҷомеаро дар сатҳи нав зарур мешуморад» [17, с. 14], ки барои ҳалли онҳо ташаккули иқтисоди «сабз» яке аз самтҳои рушди устувори кишвар нақши муҳим мебозад.

**Ҷадвали 1.1. - Таҳаввулоти назариявии шарҳи ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар рушди соҳаи кишоварзӣ**

| Муаллифон | Ақидаҳо оид ба назарияи иқтисоди «сабз» |
|---|---|
| Фюкс Р. | «...Иқтисоди «сабз» - ин инқилоби таҳаввулоти маҳсулоти биологӣ ва технологӣ, яъне рушди якҷоя бо табиат, инноватсияи экологӣ, аз ҷумла навовариҳои биотехнологӣ ва гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва самаранокии технологӣ, ки он заминаи асосиро барои гузариши оҳиста ба иқтисодиёти биологӣ фароҳам месозад» [44, с. 146]. |
| Фиорино Д. | «...Ба сифати стратегияи идоракунӣ дар бахши экологӣ назарияи муҷҷаҳазгардонии раванди экологикунонии истеҳсолот, ки консепсияи иқтисоди «сабз» ба сифати омили муҳим мусоидат менамояд» [52, с. 29]. |
| ЮНЕП | «...Иқтисоди «сабз» ҳамчун шакли махсуси иқтисодие мебошад, ки ба таъмини адолати иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва кам намудани хатарҳои манфӣ ба муҳити зист ва таназзулёбии захираҳои табиӣ нигаронида шудааст» [118]. |
| Бобылев С. Н. ва Захаров В. М. | «...Консепсияи иқтисоди «сабз» - ин баромадан аз модели ашёии иқтисодӣ ва таъмини баланди самаранокии энергетикӣ, ташаккули модели нави рушди устувор, татбиқи сиёсати судмандии дуҷониба, ки ба самаранокии иқтисодӣ ва кам намудани ифлосшавиҳо ба муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва технологияи кампартови истеҳсолӣ асос меёбад» [63, с. 90]. |
| Бочко В.С. | «...Иқтисоди «сабз» - ин истеҳсоли аз нигоҳи экологӣ тозаи маҳсулоти озуқаворӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт дар заминаи принсипи «сабз», аз ҷумла гузариш ба иқтисоди пасти углеродӣ, технологияи кампартови маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тозаи саноатӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ мебошад» [64, с. 113-119]. |
| Алинов М.Ш. | «...Иқтисоди «сабз» - ин модели иқтисодие, ки ба истеҳсолот, тақсимот ва истеъмоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳо алоқаманд буда, ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ барои давраҳои дарозмуҳлат мусоидат намуда, дар баробари ин, барои наслҳои оянда бояд хатарҳо |

| | |
|---|---|
| | ва маҳдудиятҳои экологиро кам намояд» [40, с. 340]. |
| Альбеков А.У., Матишов, Г. Г. | «...Иқтисоди «сабз» ҳамчун унсури муҳими рушди устувор зарурати муттаҳидсозии дастҷамъонаи масъалаҳои экологӣ-иқтисодии ҷомеаро дар сатҳи нав ифода менамояд» [17, с. 200]. |
| Одинаев Ҳ.А. | «...Иқтисоди «сабз» - ин азхудкунии бошуурона ва истифодаи оқилонаи иқтидори энергетикӣ, бахусус кам намудани ҳадди ақал таъсири манфӣ ба муҳити зист, рушди шуғли аҳолӣ бо роҳи ташкил ва васеъ намудани соҳаҳои энергиясарфкунандаи саноатӣ ва инфрасохтори истеҳсолӣ» [119]. |
| Исайнов Х.Р. | «...Иқтисоди «сабз» - ин низоми иқтисодиест, ки дар он истеҳсоли аз нигоҳи экологӣ тозаи маҳсулот, технологияи самаранок ва рушди устувори кишоварзӣ ҳамчун омили такондиҳандаи рушди иқтисодӣ ва беҳдошти муҳити зист маҳсуб меёбад» [72, с. 50]. |
| Шералиев Э.Н. | «...Яке аз самтҳои асосии рушди иқтисоди «сабз» ин зироаткории органикӣ ба ҳисоб рафта, дар шароити минтақаҳои обёришавандаи кишоварзӣ ба консепсияи рушди устувори минтақаҳои кишвар бо назардошти шароитҳои соҳавию минтақавӣ ва иқлимӣ-табиӣ мувофиқат менамояд» [113, с. 183]. |
| Шодиев К. Қ. | «...Иқтисоди «сабз» - ин ба истифодаи самаранок ва ҳадди аксари захираҳои табиӣ, ки дар навбати худ ба баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва пешгирии оқибатҳои манфии истеҳсолот шароит фароҳам меорад» [48, с. 10]. |
| Казокзода У.Ҳ. | «...Иқтисоди «сабз» - ин модели муосири рушди иқтисодӣ маънидод гардида, ба татбиқи технологияҳои аз нигоҳи экологӣ тоза, истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи аълосифат, беҳдошти муҳити зист ва таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ равона гардида, дар он тавозуни экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ дошта мешавад [6 - М, с. 3]. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо истифода аз адабиёти илмӣ.

Ба назардошти гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки «...ҷомеаи ҷаҳониро на танҳо бӯҳрони молиявӣ-иқтисодӣ, балки бӯҳрони экологӣ-иҷтимоӣ низ домангир мебошад, яке аз сабабҳои асосии шиддати буҳрони озуқаворчии ҷаҳонӣ ва муноқишаҳои охири кишварҳои дунё, ки ба тағйирёбии иқлими сайёра, гуруснагӣ, вайроншавии ҳавои атмосферӣ ва амсоли инҳо боис мегардад. Барои пешгирии таъсири глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур аст, ки захираҳои табиӣ то ба дараҷае барқарор карда шавад, ки принсипи Ле Шателье-Брауно риоя гардида, тамаддуни инсониро зарур аст, ки шароити муътадили зиндагӣ ва на рушди устувор аз ҳисоби истисмори захираҳои табиӣ ва ифлосшавии муҳити зист таъмин намояд» [27].

Ба андешаи академик Н. Моисеев «...иқтидори рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва равандҳои экологӣ ба он оварда расонидааст, ки инсоният ба бозсозии сохтории эволютсияи табиӣ ниёз дорад. Монеаҳои ҷиддӣ дар рушди минбаъди инсонӣ ихтилофи зиёдеро байни афзоиши бемайлони ниёзҳои моддӣ ва маҳдудияти захираҳои тамомшавандаи табиӣ ба миён меояд. Дар ин хусус бояд диққати асосӣ ба нигоҳ доштани тавозуни байни рушди илмӣ-техникӣ, ва мувозинати экосистемаи табиӣ дода шавад, ки дар мавриди ба 10 баробар кам шудани аҳолӣ ва ё 10 баробар кам намудани талаботи ниёзҳои моддӣ таъмин мегардад ва маълум аст, ки ҳеҷ аз кадоми ин масъалаҳо роҳи ҳалли мусбии худро намеёбанд.» [38, с. 3-27].

Иқтисоди «сабз» дар низоми идоракунии хавфҳои соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад, зеро он ба афзоиши устувории системаҳои кишоварзӣ дар муқобили омилҳои номусоиди табиию иқлимӣ, экологӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад. Истифодаи технологияҳои каммасраф ва захирасарфакунанда, истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва об, ҷорӣ намудани усулҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзӣ ва истифодаи технологияҳои ҷадиди муосири рушди устувори кишоварзӣ

ба коҳиш додани равандҳои таназзули хок, коҳиш додани эҳтимолияти талафоти ҳосил ва баланд бардоштани қобилияти мутобиқшавии соҳаи кишоварзӣ ба таъсири тағйирёбии иқлим мусоидат мекунад.

Дар шароити муосир иқтисоди «сабз» ҳамчун воситаи муассир барои идоракунии хатарҳои экологӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар кишоварзӣ дида мешавад. Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, роҳҳои ҳалли рақамӣ, системаҳои кишоварзии дақиқ ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба афзоиши ҳосилнокӣ, коҳиш додани талафоти захираҳо ва коҳиш додани таъсири манфии экологӣ мусоидат мекунад. Татбиқи ҳамаҷонибаи принсипҳои иқтисоди «сабз» имкон медиҳад, ки модели устувортари истеҳсоли кишоварзӣ таҳия карда шавад, ки қодир ба посухи муассир ба мушкилоти беруна ва таъмини рушди устувори дарозмуддати соҳа бошад. Ба андешаи мо, сабаби асосии ин равандҳо дар:

- аз ибтидо нодуруст интихоб гардидани самтҳои ташкили муносибатҳои истеҳсолӣ ва модели хоҷагидорӣ дар марҳилаҳои ибтидоии муҳофизати муҳити зист;
- зарурати такмили таносуби фишангҳои иқтисодии идоракунӣ нисбат ба усулҳои маъмурию фармондиҳӣ дар раванди истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва ландшафтҳои табиӣ;
- таъсири камтарин ба муҳити атроф, тавассути чораҳои маҷмуии экологӣ-мелиоративӣ ва камхарҷу маблағгузориҳои «сабз» барои коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ва кам намудани партовҳои истеҳсолӣ;
- бад шудани вазъи экологии минтақаҳо аз ҳисоби истисмори бештари сармояҳои табиӣ ба хотири таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ.

Татбиқи стратегияи иқтисоди «сабз» ба чанд фишанг такя мекунад: равона сохтани маблағгузории «сабз» барои рушди кишоварзии

органикӣ, фароҳам овардани имкониятҳои дастрасӣ ба қарзҳои сабуккардашуда барои хоҷагиҳои деҳқонӣ, дастгирии молиявии соҳибкорони деҳот ва таҳкими низоми ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ иборат мебошад. Аз нигоҳи экологӣ гардонидани зироаткорӣ ва нигоҳдошти сарватҳои зиндаи табиат ин равиш натиҷаи судманд медиҳад. Мисоли ин: «... Форуми глобалии намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки дар як вақт бо конфронси Рио-1992 баргузор гардида, тибқи он бояд барои гузариш ба модели рушди иқтисоди «сабз» ва муҳофизати экосистемаҳои табиӣ бояд чунин тадбирҳо амалӣ карда шавад» [34, с. 14]:

- таъмини рушди устувор бо назардошти масъалаҳои экологию иқтисодӣ, аз ҷумла биёбоншавии заминҳои корам ва истифодаи нодурусти онҳо ҳангоми фаъолияти кишоварзӣ;

- таъмини ҳамоҳангии рушди экологӣ ва иқтисодӣ, ки ба бартараф намудани беадолатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ равона гардидааст;

- таъмини тавозуни экологию иқтисодӣ бо назардошти омилҳои табиию иқлимӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ ва нигоҳдории омилҳои табиию иқлимӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ ва нигоҳдории олами набототу ҳайвонот дар бахши кишоварзӣ, ки дар ниҳоят ба таъмини амнияти озуқаворию экологӣ мусоидат менамояд.

Барои паси сар кардани ин камбудиҳо баҳри рушди иқтисоди «сабз» зарур аст, ки пеш аз ҳама, ба қонеъ гардонидани ниёзҳои аҳолӣ ба маҳсулоти озуқавории тоза тавассути истифодаи ҳадди ақали захираҳои обу замин ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ равона гардидааст.

Иқтисоди «сабз» дар таъмини амнияти озуқаворӣ мавқеи муҳим дошта, барои ташаккули низоми рушди устувори системаҳои истеҳсолии кишоварзӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ мутавозин мусоидат

мекунад. Ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва об, нигоҳдории ҳосилхезии хок ва истифодаи таҷрибаҳои кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсоли устувори озуқавориро таъмин мекунанд ва дар айни замон таъсири манфии экологӣ коҳиш медиҳанд. Бартарии дигари муҳим коҳиш додани вобастагии истеҳсоли кишоварзӣ аз захираҳои маҳдуди табиӣ ва энергияи воридотӣ мебошад, ки устувории низоми миллии озуқавориро афзоиш медиҳад.

Ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» ба хотири таъмини бехатарӣ ва ғизои солим дар бисёр мавридҳо ба сифати сармояҳои табиӣ таъсири бештари манфӣ мерасонад.

Дар ин раванд «...масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва устувории экологӣ ва ҳифзи ландшафтҳои табиӣ тавассути чораҳои маҷмуии беҳдошти муҳити атроф, аз қабили: гидротехникию агрохимиявӣ, шаклҳои мелиоратсия ва ирригатсия боис гардида, муносиб намудани сохтори кишти кишоварзиро бо ландшафтҳои табиӣ, механизми иқтисодии идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ таъмин мекунад» [88, с. 224]. Модели инкишофи иқтисоди «сабз» дар ин маврид се самтро дар маркази таваҷҷуҳ мегузорад: муҳити зист, хоҷагидорӣ ва масъалаҳои иҷтимоӣ, ки дар байни онҳо кафолати таъминоти ғизоӣ ва шароити арзандаи зиндагии сокинон мавқеи хоса доранд. Аз ин сабаб, пойдории соҳаи кишоварзӣ бояд ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат ба таври фарогир арзёбӣ гардад.

Яъне «...масъалаҳои байналмилалӣ, аз қабили экологӣ дар кишварҳои ҷаҳон рӯз аз рӯз тезутунд гардида, экология ва иқтисодиёт дар сатҳи маҳаллӣ, глобалӣ ва миллӣ ба ҳамдигар зич алоқаманд буда, корҳои дастҷамъӣ, мураккаб, сабабҳою оқибатҳои онҳоро ба миён меоранд» [23, с. 392]. Дар ин маврид, таъмини бехатарии озуқаворию

экологӣ тавассути худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ғизоии ватанӣ, ки тоза ва барои саломатии инсон безарар мебошанд, амалӣ мегардад. Ин раванд аз вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити атроф вобаста буда, тақозо менамояд, ки ҳангоми истифодаи онҳо ба экосистемаҳои минтақавӣ таъсири манфии камтар расонида шавад.

Ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар бахши кишоварзӣ ба маҷмуи омилҳо ва унсурҳои асосии он манша гирифта, ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, рушди кишоварзии органикӣ ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист равона гардидааст. Дар расми 1.1 унсурҳои асосии иқтисоди «сабз» ва омилҳои таъминкунандаи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ оварда шудааст.




**Расми 1.1. Унсурҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар низоми иқтисоди «сабз» яке аз самтҳои афзалиятнокро истифодаи оқилона ва корбурди заминҳои кишоварзӣ, нигоҳдории ҳосилхезии хок ва ҳифзи муҳити зист ташкил медиҳад. Ин ҷузъ ба он равона шудааст, ки зарари ба экосистемаҳои табиӣ воридшаванда то ҳадди имкон кам гардад ва зиндагонии сокинони навоҳии гуногуни

мамлакат рӯ ба беҳбудӣ ниҳад. Зиёев Б. С. дар ин хусус чунин менависад, «...захираҳои замин ба сифати захираи стратегӣ барои ҷомеа хизмат менамоянд. Аз ин рӯ, тамоми табақаҳои ҷомеа ба шаклҳо, усулҳо ва намудҳои заминистифодабарӣ дар соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, истифодаи самараноки онҳоро барои таъмини бехатарии озуқавории кишвар ба роҳ мемонанд» [29, с. 25]. Аз ин бармеояд, ки таҳияву мукаммалсозии стратегияву барномаҳо дар ростои ҳам бехатарии озуқаворӣ ва ҳам ҳифзи ҳудудҳои экологӣ ба як зарурат табдил меёбад.

Дар ин замина, экологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисоди «сабз» ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ воситаи самарабахши нигоҳдории амнияти озуқаворию экологӣ мебошад. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки чунин иқдомҳо аксаран маҳз бо мақсади барқарорсозии замин, захираҳои обӣ ва муҳити зист амалӣ мегарданд. Дар чунин шароит самти асосии иқтисоди «сабз» ба беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, ташкили ҷойҳои кории «сабз» ва таъмини рушди устувори кишвар равона гардидааст.

Ҳамзамон, ба ҳисоб гирифтани унсурҳои экологӣ таъсири мусбат дошта, тавассути як силсила тадбирҳои муштараки экологию мелиоративӣ, берун кардани заминҳои олударо аз муомилоти кишоварзӣ ва солимгардонии фазои экологии минтақаҳо ба анҷом мерасад, ки чунин равиш аз нигоҳи ҳадафҳои гузошташуда комилан асоснок аст. Ба андешаи Севак В. К. ва Чульдум А. Э. «... барои рушди минтақаҳои кишоварзӣ ин омилҳо хеле муҳим буда, ҳамчун зернизоми минтақавӣ, барои таъмини иқтидори захиравӣ-табиӣ ва экологӣ-иқтисодӣ хизмат менамоянд. Ба сифати зернизоми асосии рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо омилҳои ташкилӣ-истеҳсолӣ,

комплекси хоҷагидорӣ ва беҳдошти муҳити зист низ муҳим аст» [94, с. 12].

Аксари минтақаҳои деҳоти кишвар бо мушкилоте ба монанди захираҳои маҳдуди об, таназзули замин, эрозияи хок, сатҳи пасти таҷҳизоти кишоварзӣ, вобастагӣ аз шароити иқлимӣ ва дастрасии маҳдуд ба технологияҳои муосир рӯ ба рӯ мешаванд.

Татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» ба беҳтар шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии деҳоти Тоҷикистон мусоидат мекунад. Рушди кишоварзии экологӣ ҷойҳои нави корӣ эҷод мекунад, рушди тиҷорати хурдро ҳавасманд мекунад, ба афзоиши даромади хонаводаҳои деҳот мусоидат мекунад ва сифати зиндагиро беҳтар мекунад. Дар айни замон, имкониятҳо барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии рақобатпазир ва экологӣ тоза васеъ шуда, иқтидори содиротии кишвар ва амнияти озуқавориро тақвият медиҳад. Рушди инфрасохтори инноватсионӣ, такмили низоми дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва татбиқи стандартҳои муосири экологӣ аҳамияти хоса доранд.

Агар ба паҳлуҳои иқтисоди «сабз» аз нигоҳи рушди соҳаи кишоварзӣ назар афкенем, муносибати одамон бо муҳити атроф доимо характери истисмори захираҳои табиӣ дошта, он ба оқибатҳои нохуши экологӣ-иқтисодӣ боис мешавад. Ин вазъ аз ҷониби коршиносони масоили экологӣ-иқтисодӣ дар тезутундшавии ҳолати экологӣ-мелиоративӣ рабт дошта, он зери таъсири рушди илмӣ-техникӣ ва суръати баланди афзоиши аҳолӣ вобаста мебошад.

Дар ҳавзаҳои агросаноатӣ маҳз захираҳои обу замин ва омилҳои биологӣ нақши ҳалкунанда бозида, ба пешрафти соҳаҳои дигари комплекси агросаноатӣ такон мебахшанд. Ин раванд дар шароити рӯй овардан ба иқтисоди «сабз» ва кишоварзии экологӣ ба вуқуъ мепайвандад. Ба андешаи Шералиев Э.Н. «...захираҳои замин миёни

дигар унсурҳои табиӣ мақоми махсус дошта, ҳамчун асоси ҳастӣ ва манбаи истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ ва объекти моликиятдорӣ хизмат менамояд» [104, с. 213]. Дар шароити ташаккули муносибатҳои муосири заминдорӣ масъалаҳои экологӣ-иқтисодии кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворию экологӣ дар мадди аввал қарор дорад.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ иқтидори захираҳои табиӣ ва омилҳои агробиологӣ ҳамеша аҳамияти зарурӣ доранд, зеро онҳо аз ҳолати сармояи табииву меҳнатӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» вобастаанд. Маҳз ҳамин омилҳо ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот, солимгардонии муҳити атроф ва ба пеш бурдани фаъолияти хоҷагидорӣ хизмат менамоянд. Аз ин хотир, татбиқи сиёсати аграрӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавию минтақавӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои муосири парвариши зироатҳо ва танзими давлатии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ метавонад дар якҷоягӣ ба ҳалли масъалаи рушди устувори кишвар мусоидат намояд.

Ба андешаи профессор Айдаров И.П. «...мақоми захираҳои табиӣ дар низоми биосферӣ, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, дар мавҷудияти биологӣ ва технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва пешбурди хоҷагидорӣ инъикос ёфта, он дар якҷоягӣ ба консепсияи рушди устувори минтақаҳои кишоварзӣ мувофиқат менамояд» [15, с. 208]. Захираҳои табиӣ ва одамон дар ин росто, ифлосшавиҳоро дар намуди партовҳои истеҳсолӣ ва ифлоскунии муҳити атроф барои аҳолӣ зиёдтар менамоянд.

Аз ин рӯ, захираҳои замину об, инчунин, иқтидори экологию мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла шабакаи обёриву ирригатсионӣ, дар қатори омилҳои дар боло зикргардида ба иқтисоди «сабз» эҳтиёҷ доранд. Маҳз ҳамин иқтисод барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва

таъмини устувории низоми агроэкологӣ хизмат менамояд. Вобаста ба ин масъала профессор Одинаев А.Ҳ., қайд менамояд, ки «...беҳдошти вазъи экологӣ-иқтисодии минтақаҳои обёришавандаи кишоварзӣ, бартараф намудани буҳрони озуқаворӣ, азнавсозии низоми обӣ-ирригатсионӣ, аз омезиши боҳамдигарии самаранокии рушди устувори кишоварзӣ ва хоҷагии об манша мегирад» [39, с. 141].

Ин вазъ, коркарду амалинамоии консепсияи иқтисоди «сабз»-ро дар соҳаи кишоварзӣ, бо назардошти чорабиниҳои экологию мелиоративӣ ва рушди устувори кишвар тақозо намуда, он дар шароити муносибатҳои нави хоҷагидорӣ ҳамкориҳои дастҷамъонаро дар бахши кишоварзӣ муҳим мешуморад. Ба ақидаи Норов Х.Г. «... чораҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, бахусус, мелиоративӣ-ирригатсисонӣ Дар ин хусус муҳим буда, ҳангоми обтақсимкунӣ, идораи тақсимоти захираҳои обӣ ва талафоти онҳо зимни обёрикунии заминҳои кишоварзӣ барои рушди минтақаҳо зарур мебошад» [83, с.146-151]. Барои таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ истифодаи оқилонаи заминҳои кишт, такрористеҳсоли васеи захираҳои замин, об ва иқлим дар ҷойи аввал меистад.

Чуноне, ки ба мо маълум аст, аз ҳама беш истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои мазкур ва ифлосшавии муҳити атроф дар минтақаҳои кишоварзӣ ба назар мерасад. Бобылев С.И. чунин қайд менамояд, ки: «...агар тайи 10-15 соли охир вайроншавии вазъи агроэкологӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ чунин вазъ дошта бошад, пас ҳолати соҳаи кишоварзӣ новобаста аз дигаргунсозиҳои институтсионалӣ, дастгириҳои молиявӣ ва шакли моликият ба замин ва механизми муносибатҳои бозорӣ боз ҳам мушкилтар мегардад.» [65, с. 5-7]. Аз ин рӯ, вазъи хуби захираҳои замини кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат рушди устувори минтақаҳои кишвар ва вазъи зиндагию фаъолияти аҳолии онро муайян менамояд.

Ҳадафи асосии иқтисоди «сабз» дар ин маврид, аз истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, мутобиқнамоии муҳити атроф бо одамон ва низоми табиӣ иборат буда, он аз нигоҳи илмию амалӣ асоснок карда шуда, ба принсипҳои рушди устувор дар минтақаҳои кишвар ҷавобгӯ бошад. Дар ин самт сиёсати аграрӣ ба амалисозии ҳадафҳои иқтисоди «сабз» дар доираи стратегияи он нигаронида шудааст. Чунин сиёсат ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодии корбурди оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ва экосистемаҳои табиӣ, инчунин, риояи принсипҳои бунёдии иқтисоди «сабз» ва ҷузъҳои муҳимми онро дар назар дорад, ки аз ҷумлаи онҳо кишоварзии захираҷӯёна, «экологӣ» гардонидани истеҳсолоти кишоварзӣ, тадбирҳои маҷмуии солимгардонии муҳити атроф, татбиқи технологияҳои «сабз», инчунин, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ба минтақаҳои гуногуни кишвар мебошанд.

Ҳангоме ки унсурҳои хоҷагидории «сабз» бо риояи меъёри асосии рушди устувор ҳамроҳ амал мекунанд, натиҷаи умумии судманд ба даст меояд. Саҳми онҳо дар се самт намоён аст: нигоҳ доштани тавозуни миёни манфиатҳои иқтисодӣ ва экологӣ, мустаҳкам гардонидани худтаъминкунии кишвар бо озуқа ва бардавомии соҳаи зироаткорӣ. Заминаи амалии ин дастовардҳо бошад, аз баланд бардоштани самараи истеҳсолот ва аз пардохтҳои экологие иборат аст, ки ба ифлоскунандагони муҳити зист вогузор мешаванд. Хатари ин равандҳо ба экосистемаи минтақавӣ, агроландшафтҳои табиӣ ва низоми экологӣ-иқтисодӣ ҷиддӣ буда, «...ин ҷараёнҳо ба он маънидод карда мешавад, ки Тоҷикистон сарзамини кӯҳӣ буда, 93%-и онро кӯҳҳо ишғол кардаанд ва ҳама шаҳрҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишини он дар водиҳои ҳамворӣ воқеъбуда дар иҳотаи кӯҳҳо ва баландкӯҳҳо ҷойгир шудаанд» [42, с. 178].

Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ татбиқи амалии он бояд аз нигоҳи илмӣ асоснок ва аз нигоҳи ташкилӣ-иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ судманд ва ба талаботи бозори дохилӣ ва экосистемаҳои табиӣ мутобиқат намояд.

Таҳаввулоти ин консепсия гузариш аз равишҳои анъанавӣ ба идоракунии муҳити зист ба системаи муттаҳиди идоракунии устувори захираҳои табиӣ, ки бар асоси принсипҳои самаранокии захираҳо, бехатарии экологӣ, рушди инноватсионӣ ва масъулияти иҷтимоӣ асос ёфтааст.

Тибқи тавсияҳо ва ҳуҷҷатҳои стратегии байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид, иқтисоди «сабз»-ро воситаи калидӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор, таъмини амнияти озуқаворӣ, коҳиш додани таъсири манфии тағйирёбии иқлим, ҳифзи захираҳои табиӣ ва бунёди иқтисодиёти устувори миллӣ мешуморанд. Аз ин рӯ, татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» барои кишварҳое, ки мехоҳанд рушди дарозмуддат ва мутавозинро таъмин кунанд, ба як зарурати зарурӣ табдил меёбад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисоди «сабз» аҳамияти стратегии махсус дорад, зеро он имкон медиҳад, ки як қатор мушкилоти ба ҳам алоқаманди иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ дар деҳот ҳал карда шаванд. Гузариш ба модели иқтисоди «сабз» бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян гардад, ки барои таъмини устувории дарозмуддати кишоварзӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ин замина, аҳаммияти иқтисоди «сабз» бо як қатор омилҳои зерин асоснок карда мешавад:

- мавҷудияти иқтидори назарраси захираҳои табиӣ дар кишвар, ки ҳамчун яке аз омилҳои муҳими гузариш ба модели рушди иқтисоди «сабз» арзёбӣ мегардад;

- дар қатори унсурҳои калидии хоҷагидории «сабз» ва пешрафти соҳаи зироаткорӣ на танҳо сатҳи ҳосилхезии хок, ҳаҷми майдонҳои кишт ва инчунин, ҳолати иҷтимоии сокинон ҷой дорад - маҷмуи ин омилҳо ба таъмини амнияти экологӣ, истеҳсоли ғизои безарари ватанӣ ва такмили устувории рушди иқтисодию иҷтимоиро таъмин месозанд;

- дар таҳқиқоти олимони соҳа роҷеъ ба шаклгирӣ ва инкишофи хоҷагидории «сабз» ба ду ҷиҳат таваҷҷуҳи махсус дода мешавад: аввалан, нақши сарватҳои заминию обӣ ва ҳимояи муҳити зисти мардум дар тараққиёти бонизоми зироаткорӣ; сониян, имкони маҳдуд сохтани таҳдидҳои экологӣ ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ;

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ ва баҳои экологӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои обу замин ва таъсири манфӣ ба ҳифзи муҳити зисти аҳолӣ ҳамчун омили муҳими рушди устувори кишоварзӣ барои солҳои мибъада мебошад.

## 1.2. Принсипҳо ва хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ

Самаранокии иқтисоди кишоварзӣ ва пойдории рушди кишвар аз татбиқи амалии стратегияи иқтисоди «сабз» дар минтақаҳои кишоварзӣ вобаста аст. Дар чунин шароити устувории иқтисодӣ тавассути баҳодиҳии услубии заминҳои киштбоб ва солимгардонии муҳити зист бо мақсади ҳалли масъалаҳои экологӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирад. Дар ин ҷараён, омӯхтани вазъи корбурди заминҳои кишоварзӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми рушди иқтисоди «сабз», истеҳсоли маҳсулоти озуқавории аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳифзи муҳити атроф мувофиқи мақсад мебошад.

Масъалаи ташаккулу рушди иқтисоди «сабз» дар тули даҳсолаҳои охир дар бисёре аз ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид, инчунин, дар

доираи маърузаҳо, форумҳо ва конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ мавриди баррасии васеъ қарор ёфта, дар масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ, истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва пойдории рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ба андешаи А.Я. Шукина, А.Н. Василев «...гузариш ба рушди устувор зарурати таъмини бехатарӣ ва экологиро дар муносибатҳои истеҳсолӣ ва низоми хоҷагидорӣ тақозо намуда, алоқамандии бехатарии озуқаворӣ, рушди ҷомеа ва ояндаи ҳастии инсониятро дар рӯйи замин таъмин менамояд» [106, с. 21-28], ки он дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, бахусус захираҳои замин, об ва иқлиму ҳаво амалӣ мегардад.

Комплекси хоҷагидорӣ ҳамчун низоми муттаҳидшудаи фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодӣ бо мақсади таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва пойдории минтақаҳо дар асоси робитаҳои байнисоҳавӣ ва минтақавӣ ба роҳ монда мешавад ва ба ҷараёни истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ, инчунин, таъмини бозори дохилӣ хизмат менамояд. Ба андешаи Колмаков В. С., «...устувории ҷомеа тавозуни омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологиро тақозо менамояд» [74, с. 31-34]. Ин мақсад дар ниҳоят тавассути ҳалли масъалаҳои экологию иқтисодӣ амалӣ мегардад, аз ҷумла таъмини маҳсулоти ғизоӣ бо нархҳои дастрас, содироти маҳсулоти ватанӣ ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ дар заминаи корбурди оқилонаи захираҳои табиӣ ва пойдории муҳити атроф.

Масъалаи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» тайи даҳсолаҳои охир ба масъалаҳои муҳими экологӣ-иқтисодӣ табдил ёфта, ба хотири рушди устувори иҷтимоӣ ва экологӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Ба андешаи М.Е. Листопад «...таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ, дар раванди такрористеҳсоли захираҳои табиӣ на фақат устуворӣ, балки амалкарди

судманди низоми экологӣ-иқтисодиро новобаста аз характери муносибатҳои иқтисодӣ ва тарзи хоҷагидорӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ таъмин менамояд» [108, с. 27]. Ҳадафи асосии Дар ин хусус, қудрати давлат ва талаботи ҷомеа оид ба кафолати бартарафсозии ҳар гуна хавфу хатарҳои экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Принсипи муҳими рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосир ҳангоми гузариш ба иқтисоди «сабз» таъмини мутобиқати байни вазъи экологию озуқаворӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, инчунин, беҳтар намудани муҳити зист ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Давлатзода А.Д. «...иқтисодиёти анъанавӣ тайи даҳсолаҳои охир ҳангоми истеҳсоли молу маҳсулот ба муҳити зист бештар зарарҳои иқтисодӣ-экологиро дар шакли партовҳо расонидааст. Аммо, рушди иқтисоди «сабз», баръакс партовҳои истеҳсолиро ба сикли (занҷираи) нави истеҳсолӣ баргардонида, хатарҳои экологиро ба муҳити зист камтар ва сатҳу сифати зиндагии одамонро беҳтар менамояд» [68, с. 232-237].

Аз ин рӯ, гузариш ба модели иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ на ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои алоҳидаи экологӣ, балки ҳамчун раванди муназзами тағйири усулҳои хоҷагидорӣ дарк карда мешавад, ки риояи қатъии қоидаҳои умумии рушди устуворро тақозо менамояд. Аввалин ва муҳимтарини ин қоидаҳо таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворechии аз ҷиҳати биологӣ бехатар ва хушсифат ба ҳисоб меравад, зеро ҳадафи ниҳоии ҳар гуна ислоҳоти аграрӣ баланд бардоштани сатҳи ғизогирии солими ҷомеа мебошад. Дуюмин талабот ба сарфакорона истифода бурдани омилҳои истеҳсолот равона гардида, коҳиш додани хароҷоти об, энергия, сӯзишворӣ ва нуриҳои минералиро дар ҳисоби як воҳиди маҳсулот пешбинӣ менамояд. Сеюмин шарти ҳатмӣ бошад, маҳдудсозии таъсири манфӣ ба муҳити зист буда, нигоҳдории ҳосилхезии хок, тозагии обҳо ва гуногунии биологиро ҳамчун меъёри асосии самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ муқаррар мекунад.

Ҳамзамон, риояи ин принсипҳо бояд дар алоқамандии мутақобила амалӣ гардад, зеро бартарӣ додан ба яке аз онҳо ба зарари дигараш мувозинати умумии низоми аграриро вайрон месозад. Масалан, талоши кӯтоҳмуддат барои паст кардани хароҷот тавассути истифодаи ашёи арзони кимиёвӣ метавонад боиси паст гардидани сифати маҳсулот ва ҳолати экологии заминҳо зарари ҷиддӣ расонад, ки оқибати он дар дарозмуддат хеле гаронтар аз фоидаи кӯтоҳмуддат хоҳад буд. Аз ин лиҳоз, дар амалияи ҷаҳонӣ баҳодиҳии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор на танҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, балки бо назардошти самараи экологӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад. Чунин муносибати маҷмуӣ имкон медиҳад, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бидуни фарсудасозии захираҳои табиӣ таъмин гардида, барои наслҳои оянда шароити мусоиди хоҷагидорӣ ҳифз карда шавад.

Аз нигоҳи методологӣ, рушди иқтисоди «сабз» таъмини бехатарӣ, устуворӣ ва коҳиш додани маҳдудиятҳои экологиро тақозо намуда, мувофиқи чунин меъёру нишондиҳандаҳои асосӣ баҳогузорӣ мешавад:

- миқдору сифати заминҳои кишоварзӣ ва корбурди оқилонаи иқтидори табииву захиравии соҳа зимни истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бо сарфи ками хароҷоти истеҳсолӣ ва таъсири ниҳоят кам ба муҳити зисти аҳолӣ;

- арзиши экологӣ-иқтисодии хок, об ва шароити иқлимӣ дар кадом сатҳ қарор дорад, агар он ҷудогона барои ҳар минтақа ҳисоб карда шавад;

- фаъолияти хоҷагидорӣ ба муҳити атроф чӣ гуна асар мегузорад ва ба низомҳои табиии зист чӣ андоза зиён мерасонад;

- раванди ба меъёрҳои экологӣ мутобиқ сохтани зироаткорӣ ва пойдории умумии рушди кишвар дар кадом марҳила аст.

Ченакҳои мазкур аз мубрамии масъалаи иқтисоди «сабз» дар таъмини рушди устувори кишоварзӣ ҳидоят намуда: «...рушди устувори

кишоварзӣ дар ҳолате таъмин мегардад, ки вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологии соҳа беҳтар гардида, барои ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) дар сиёсати минтақавии давлат мавқеи аввалиндараҷа дорад.» [79, с. 36-43]. Устувории иқтисодиёт дар ин маврид ҳамчун меъёри асосии бехатарии озуқаворӣ баромада, имкони корбурди самараноки заминҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити атрофро таъмин менамояд. Маҳз ҳамин омил таъмини ғизои солиму безарар, ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти ғизоии ватаниро кафолат медиҳад.

Дар ин ҳолат, рушди иқтисоди «сабз» дар доираи фаъолияти хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ хизмат намуда, дар заминаи гузариш ба кишоварзии экологӣ амалӣ мегардад. Ба андешаи Тағоев Б.Д. «...имрӯз дар таъминоти ҷаҳонии озуқаворӣ дар даҳсолаҳои охир дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омадааст, чунки дар давоми 70 соли охир аҳолии дунё беш аз ду баробар афзуда, истеҳсоли озуқаворӣ аз хоҷагиҳои анъанавӣ ба истеҳсолоти интенсивӣ, яъне бо технологияи пешқадами имрӯза таъмин шуда ва бо соҳаи саноат алоқаманд буда, афзоиши захираҳои табиӣ ва урбанизатсияи аҳолӣ одатҳои истеъмолии шахсии ғизоро тағйир додааст» [97, с. 45-50]. Дар ин хусус, ба хулосае омадан мумкин аст, ки татбиқи амалии принсипҳои рушди иқтисоди «сабз», ҳалли масъалаҳои экологӣ-иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ ва устувории соҳаи кишоварзӣ таъмин мегардад.

Дар ин маврид, «...бехатарии озуқаворӣ ҳамчун қобилияти низоми иқтисодӣ бояд ба такрористеҳсоли васеи захираҳои табиӣ, тарзи ҳаёти солим, рушди судманди корхонаҳои кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зист равона карда шуда» [108, с. 7], ки зимни он бехатарии озуқаворию экологӣ, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои замин ва обӣ,

инчунин, коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти истеҳсолӣ ба муҳити атроф аз самтҳои муҳимми рушди устувори соҳаи аграрӣ ба ҳисоб меравaнд.

Имрӯз дар аксари кишварҳои ҷаҳон тамоюли густариши иқтисоди «сабз» ва таҳкими амнияти экологӣ ба назар расида, он алоқамандии рушди иқтисодӣ ва омилҳои экологиро дар заминаи ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва рақобатпазирии маҳсулоти агроозуқаворӣ дар бозори минтақавӣ зарур мешуморад. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи амалии стратегияи рушди иқтисоди «сабз» ба масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва ташаккули тарзи зиндагии солим ҳамчун ченаки асосии рушди устувор бояд диққат дода, вобастагии байни ин омилҳо дар шакли дастҷамъона баҳогузорӣ намуд.

Таҳлили равандҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар тули даҳсолаҳои охир меъёри асосии баҳодиҳии пойдории рушди иҷтимоию иқтисодӣ тадриҷан аз нишондиҳандаҳои соф миқдорӣ ба сӯи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва устувории низомҳои аграрӣ тағйир ёфтааст.

Ҳар як воҳиди маҳсулоти кишоварзӣ бояд бо назардошти «арзиши экологии» он, яъне ҳаҷми захираҳои сарфшуда ва зарари эҳтимолии ба табиат расонидашуда арзёбӣ гардад. Ин муносибат имкон медиҳад, ки самаранокии воқеии истеҳсолот муайян карда шуда, хароҷоти пинҳонии экологӣ ба ҳисоби умумии иқтисодӣ ворид гардад. Дар маҷмуъ, тафаккури «сабз» на маҳдудкунандаи рушди иқтисодӣ, балки заминаи илмии таъмини рушди дарозмуддат ва беохири он барои наслҳои имрӯзаву оянда ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус «...омӯзиши заминаҳои назариявӣ-методологӣ ва сохтории Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки тамоюлҳои ҷаҳонии ин раванд бо хусусиятҳои миллӣ, бахусус дар заминаи саноатикунонии босуръати кишвар, ба ҳам алоқаманд карда шаванд» [59, с. 394-402].

Фаъолияти маҷмуӣ дар самти экологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар муносибати байни одамон ва муҳити атроф тағйир ёфта, таҳқиқи услуби баҳои рушди «иқтисоди «сабз»-ро тақозо мекунад. Ин масъала дар афкори иқтисодшиносони мактабҳои гуногуни иқтисодиву экологӣ доир ба корбурди дурусти захираҳои табиӣ ва солимгардонии муҳити атроф ҷойгоҳи худро ёфтааст. Дар асрҳои XVII-XX ба масъалаҳои экологӣ, бахусус ба беҳдошти заминҳои кишоварзӣ, идоракунии хоҷагии об ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити атроф таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад.

Тайи даҳсолаҳои охир таъсири инсоният ба муҳити зист аз ҳама бештар дар минтақаҳо мушоҳида гардида, он зарурати татбиқи чораҳои маҷмуии экологӣ-мелиоративӣ ва беҳдошти вазъи заминҳои кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити атрофро тақозо менамояд. Ин масъала бори аввал дар: «... маърузаи Комиссияи байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва тараққиёт зери мавзуи «Ояндаи умумии мо» (соли 1987) бо супориши СММ ва раисии Х.Г. Брунтланд сарвазири ҳамонвақтаи кишвари Норвегия пешниҳод карда шудааст. Дар он оид ба масъалаи байналмилалӣ, бахусус маҳдудиятҳои экологӣ барои паёмадҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ сухан рафта, қайд мегардад, ки экология ва иқтисодиёт рӯз то рӯз дар сатҳи маҳаллӣ, глобалӣ ва миллӣ тезутунд гардида, зарурати корҳои дастҷамъонаро барои бартараф намудани оқибатҳои нохуши экологӣ зарур мешуморад» [23, с. 392] ва он дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз»» дар соҳаи кишоварзӣ ҳаллу фасл мегардад.

Дар вазъи имрӯзаи хоҷагидорӣ ду мафҳум - тавоноии рақобат ва саломатии экологӣ ба ҳамдигар наздик омада, аз ҳолати категорияҳои алоҳида ба ҷузъҳои ба ҳам пайвасти як низоми ягонаи иқтисодӣ гузаштаанд. Сабаби ин дигаргунӣ дар он аст, ки бозорҳои ҷаҳонӣ имрӯз аз истеҳсолкунанда на фақат сифату нархи молро, балки роҳу усули

ҳосил кардани онро низ талаб мекунанд. Дар чунин заминаи нав посдории муҳити зист аз доираи мафҳуми маҳдуди «шарти зинда мондани инсоният» баромада, ба омили муҳими иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал гардидааст - омиле, ки ба саломатии мардум ба сифати қувваи корӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва ба нуфузи иқтисодии истеҳсолкунандагон бевосита асар мегузорад. Аз ин лиҳоз, бехатарии экологӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи комплекси хоҷагидорӣ эътироф гардида, риояи меъёрҳои он на хароҷоти иловагӣ, балки сармоягузорӣ ба устувории дарозмуддат ва мустаҳкамсозии мавқеи рақобатии субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоб меравад.

Таҳлил ва омӯзиши робитаи мутақобилаи байни мафҳумҳои «бехатарии озуқаворӣ - иқтисоди «сабз»» - рушди устувор» барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи кишоварзӣ аҳамияти муҳим дошта, ин робита ҳамчун яке аз омилҳои муҳими таъмини амнияти иқтисодӣ хизмат намуда, он зимни таҳқиқи он вобастагии байни мафҳуми мазкур дар шакли гурӯҳбандии муайян пешниҳод мегардад:

«...- тавассути «ҳавасмандгардонӣ» (дар сатҳи ҷамъиятӣ, давлатӣ ва шахсӣ);

- таъмини «рушди устувор» (пойдории экологию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ);

- таъмини «истиқлолияти озуқаворӣ» (қонеъгардонии бозори дохилӣ ва танзими вобастагии он аз бозорҳои дохиливу ҷаҳонӣ ва ғайра) [60, с. 38];

- ба василаи дигар омилҳои гуногун, ки: «...миёни онҳо омили якуму дуюм барои бехатарии озуқаворӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» ва дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ амалӣ гардида, он ба кам намудани таъсири манфӣ ба муҳити атроф мусоидат менамояд» [80, с. 11-62].

Дар шароити нави хоҷагидорӣ андешаҳои гуногун оид ба ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ мавҷуд буда, алоқамандии миёни иқтисодиёти кишоварзӣ ва вобастагии он аз иқтисоди «сабз», бехатарии озуқаворию экологӣ ва рушди устувор муҳим буда, он ба кам намудани таъсири манфӣ ба муҳити атроф ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ амалӣ мегардад. Ин алоқамандиҳо дар занҷираи сегона, яъне рушди иқтисоди «сабз» - бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори кишоварзӣ ҳалли амалии худро меёбад (расми 1.2).




**Расми 1.2. Алоқамандии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз», бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар ин хусус дарки мафҳуми иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ дар алоқамандӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ (замин, об ва омилҳои биологӣ) ва ҳифзи муҳити атроф инъикос гардида, он ҳамчун унсурҳои муҳими рушди устувор ва беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ барои солҳои тулонӣ хизмат менамояд. Дар он: «...нақшаи амалӣ намудани супориши Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор» хеле назаррас буда, дар он роҳҳои пешгирӣ намудани буҳрони иҷтимоӣ-экологӣ муҳим буда, он ба ҳалли хатарҳои экологӣ-иқтисодӣ ва рушди устуворро тақозо мекунад» [5, с. 24]. Аз ин рӯ, масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва экологӣ, истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити атроф бо ҳамдигар робитаи зич дорад. Ба инобат нагирифтани онҳо зимни фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ метавонад дар ҷараёни истеҳсол, тақсимот, мубодила ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ монеаҳо ба вуҷуд оварад.

Дар ин росто, ба назар гирифтани принсипҳои асосии иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ аз тағйирёбии иқлими сайёра, ифлосшавии муҳити табиӣ ва вазъи экологии замин, об ва ҳавои атмосферӣ дар кишоварзӣ боис гашта, он: «... зимни гузариш ба иқтисоди «сабз» ва амалкарди принсипҳо ва хусусиятҳои хоси кишоварзӣ роҳи ҳалли худро ёфта» [114], он ба ҳифзу такрористеҳсоли захираҳои замин ва об ва беҳшавии муҳити атроф дар заминаи экологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ равона мегардад.

Чунин равиши методологӣ ба омӯзиши иқтисоди «сабз» аз нуқтаи назари маҳдудиятҳои экологӣ ва пойдории иқтисодиёт зарур буда, ба рақобатпазирӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд. Дар расми 1.3 робитаи мутақобилаи ҷузъҳои ин занҷира нишон дода шудааст.

Сарфи назар кардани омилҳои экологӣ ва беэътиноӣ ба ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ дар марҳилаҳои истеҳсол, тақсимот, мубодила ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ метавонад ба пойдории иҷтимоию иқтисодии кишвар монеаҳои зиёд эҷод намояд.

Инкишофи хоҷагидории «сабз» дар баробари таъминоти боэътимоди аҳолӣ бо озуқа яке аз рукнҳои асосии пойдории соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Натиҷаи ин раванд аз се шарт вобаста аст - фаровонии хӯроквории барои тандурустӣ безарар ва муфид, ба кор даромадани технологияҳои нав ва қобилияти молҳои ғизоӣ ба рақобат дар бозори ватанӣ. Ба амнияти озуқаворӣ бошад, як силсила омилҳои дигар асар мегузоранд: вазъи табиию иқлимии минтақа, самти махсуси истеҳсолоти зироатӣ, тақсимоти ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда, шумораи сокинон дар як воҳиди масоҳат ва тавоноии молиявию истеъмолии онҳо, ҳамчунин, расму русум ва маданияти кишту кор.

Дигаргуниҳои сохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар заминаи рушди устувор ва таъмини бозори дохилию минтақавӣ вобастагӣ дорад.

Дар заминаи коркарди услуби принсипҳо ва хусусиятҳои хоси иқтисоди «сабз» ба назар гирифта шуда, имконияти тағйирёбии вазъи муҳити атроф натиҷаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор мегирад. Дар ин хусус бармеояд, ки: «...барои ташаккули иқтисоди «сабз» амалкарди принсипҳои он, нисбати иқтисодиёти анъанавӣ зарур мебошад» [114].




**Расми 1.3. Алоқамандии рушди иқтисоди «сабз», раванди инноватсионӣ, рақобатпазирӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Минтақаҳои ҷумҳурӣ аз ҷиҳати шароити табиию иқлимӣ, сохтори заминистифодабарӣ ва дараҷаи бори экологӣ аз ҳамдигар ба таври ҷиддӣ фарқ мекунанд. Аз ин сабаб, дар сатҳи маҳал чор вазифа ба мадди аввал мебарояд - нигоҳдошти муҳити зинда, дафъи хавфи норасоии маҳсулоти озуқаворӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ ва барқарорсозии иқтидори экологии заминҳо ва манбаъҳои обӣ. Ин вазифаҳо аз ҳамдигар ҷудо набуда, дар маҷмуъ, самти сиёсати аграрии минтақавиро ташкил медиҳанд. Дар чунин ҳолат таснифи илмии меъёрҳо, нишонаҳо ва хусусиятҳои иқтисоди «сабз» ва ҳамчунин, таҳияи нишондиҳандаҳои тараққиёти бонизоми зироаткорӣ ба талаби объективӣ табдил меёбад. (расми 1.4).

**ПРИНСИПҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ»**

- принсипи асосноккунии илмию амалии самтҳои ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз»;
- принсипи ҳамоҳангсозии манфиатҳои экологӣ ва иқтисодӣ ҳамчун асоси устувории соҳаи аграрӣ;
- принсипи ҳамкории дастҷамъона дар истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва нигоҳдории муҳити зист;
- принсипи мустақилияти хоҷагидорӣ ва инкишофи шаклҳои муосири моликият ва заминдорӣ дар кишоварзӣ;
- принсипи баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти озуқаворӣ ва мустаҳкам намудани амнияти озуқаворӣ кишвар;
- принсипи сарфакорона истифода бурдани захираҳои табиӣ дар алоқамандӣ бо таъмини адолати иҷтимоӣ;
- принсипи таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди меҳнати аҳолии деҳот;
- принсипи экологикунонии тамоми марҳилаҳои ҷараёни истеҳсолот ва кафолати бехатарии экологӣ ва ғайра.

**ФУНКСИЯҲО ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ**

**Ташкилӣ-хоҷагидорӣ**

- бунёд ва инкишофи шаклҳои муосири моликият ва тарзҳои нави хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди иқтисоди «сабз» ҳамчун омили таъмини амнияти озуқаворӣ;
- тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар истеҳсолоти аграрӣ;
- ба роҳ мондани низоми муназзами иҷозатдиҳӣ ва сертификатсияи маҳсулоти озуқаворӣ;
- ташаккул ва рушди бозори дохилии озуқаворӣ, аз ҷумла фаъолияти маркетингӣ, шабакаи фурӯш ва пешбурди маҳсулоти ғизоӣ.

**Экологӣ-иқтисодӣ**

- кафолати бехатарии экологӣ ва амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳои аграрии кишвар;
- ҷорӣ намудани усулҳои экологикунонидашуда дар тамоми марҳилаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- дастгирии молиявӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- муқаррар намудани сабукиҳои андозӣ барои истеҳсолкунандагони ватанӣ;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва энергия дар соҳаи кишоварзӣ;
- маҳдуд сохтани таъсири зарарнок ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ;
- татбиқи низоми андозбандии «сабз» ва ҷалби сармоягузориҳои «сабз» ба бахши аграрӣ.

**Иҷтимоӣ-демографӣ**

- бунёди ҷойҳои кории «сабз» дар минтақаҳои аграрии кишвар;
- расонидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ба нишондиҳандаҳои шоиста;
- таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ дар доираи амалисозии иқтисоди «сабз»;
- коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва мустаҳкам намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- тавсеаи инфрасохтори бозорӣ ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар;
- ба роҳ мондан ва инкишофи сайёҳии экологӣ дар навоҳии дурдасти ҷумҳурӣ;
- беҳтар сохтани шароити зиндагӣ ва васеъ намудани дастрасии мардум ба захираҳои табиӣ.

**АЗ НИГОҲИ ИЛМӢ ВА АМАЛӢ АСОСНОКИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАР**

**Расми 1.4. Принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ**

**Сарчашма:** дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.

Принсипи асоснокии илмию амалии рушди иқтисоди «сабз» бояд ҳам аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ҳам аз лиҳози амалӣ судманд бошад. Ин принсип ба маҷмуи чорабиниҳои ташкили иқтисодӣ, меъёрҳои таъзимшаванда, тадбирҳо, қоидаву муқарраот ва иқдомҳои илмию амалӣ такя намуда, ба таъмини бехатарии озуқаворӣ, ҳифзи заминҳои кишоварзӣ ва солимгардонии муҳити атроф равона мешавад.

Принсипи мазкур ба консепсияи рушди иқтисоди «сабз» ва рушди устувор асос ёфта, корбурди тамоми захираҳои соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла захираҳои замин, меҳнатӣ ва молиявиро дар бар мегирад. Он тавассути «экологӣ» гардонидани истеҳсолот ва густариши кишоварзии экологӣ амалӣ шуда, ҳамчун василаи муҳимми коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити атроф хизмат менамояд. Татбиқи ин принсип аз тадбирҳои зарурии фаъолияти хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ сарчашма гирифта, ба маҳдудиятҳои экологӣ ва рушди иқтисоди «сабз» вобаста аст.

Ҳамчунин, ин принсип ба рушди иқтисоди «сабз» ва пойдории соҳаи кишоварзӣ такя менамояд. Дар доираи он тадбирҳои экологию мелиоративӣ ва ҳифзи ландшафтҳои табиӣ барои барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла заминҳои обёришаванда, мувофиқи мақсад буда, тавассути экологикунонии истеҳсолот ва ҷорӣ намудани низоми киштгардон ба амал бароварда мешаванд. Дар оянда чунин равиш ҳамчун ҷузъи муҳимми рушди устувор ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити атроф хизмат хоҳад кард. Дар ин хусус, профессорон Бобылев С. Н. ва Захаров В. М. чунин иброз медоранд «...хусусиятҳои хоси чунин модел аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад» [63, с. 90].

Принсипи мазкур аз тадбирҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар рушди иқтисоди «сабз» баҳравар гардида, ба қоидаҳои маҳдудиятҳои экологӣ ва рушди иқтисоди «сабз» бештар такя менамояд. Дар ин хусус, ба хулоса омадан мумкин аст, ки амалисозии ҳадафҳои иқтисоди «сабз» ва

бартариятҳои омилҳои табиӣ-иқлимӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба кам намудани таъсири манфӣ ба муҳити атроф мусоидат менамояд.

Экологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити муосир ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ баромад мекунад. Мисоли ин, рушди кишоварзии органикӣ ба ҳисоб рафта, ки тавассути ҷорӣ намудани усулҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва технологияҳои устувори истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки захираҳои замин, об ва омилҳои агробиологӣ фароҳам омада, ҳифз ва барқарорсозии захираҳои табиӣ ба рушди минтақаҳои кишвар дар бахши ҳифзи муҳити атроф мусоидат намояд.

Дар ин хусус «...махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, ташкили ҳадди ақали истифодаи заминҳои лалмӣ, бахусус кишти зироатҳо ва рушди соҳаи чорводорӣ, аз нигоҳи экологӣ тоза будани маҳсулоти истеҳсолшаванда ва истифодаи техникаю технологияи нав зарур аст» [46, с. 22] ва истифодаи оқилонаи захираҳои замин, обу ҳаво, олами набототу ҳайвонот ва ғайра риоя карда шавад.

Фишангҳои татбиқи тадбирҳои ташкилию истеҳсолӣ ва навоварию технологӣ дар ин самт он вақт натиҷаи интизорӣ медиҳанд, ки барои хоҷагидорон имконоти воқеии моддӣ, молиявӣ ва институтсионалӣ муҳайё гардад. Ҷузъи калидии чунин механизми иқтисодӣ ташаккули муҳити рақобатии солим ва шаффоф ба ҳисоб меравад, зеро маҳз рақобати одилона истеҳсолкунандагони ватаниро ба навсозии техника, ҷорӣ намудани технологияҳои захирасарфакунанда ва баланд бардоштани сифати маҳсулот ҳавасманд менамояд. Дар баробари ин, манфиатҳои истеъмолкунандагон - дастрасӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, нархи муътадил ва маълумоти боэътимод дар бораи пайдоиши мол бояд ҳамчун ҳадафи ниҳоии ин механизм эътироф гарданд. Ҳамоҳангсозии ин ду гурӯҳи манфиатҳо дар доираи ҳадафҳои

рушди устувори кишвар шарти асосии самаранокии тамоми низоми чорабиниҳои пешбинишуда мебошад.

Дар татбиқи амалии принсипи мазкур масъалаи таъмини бехатарии иқтисодӣ мавқеи марказӣ дошта, он бо мустаҳкамии ҳамаи ҳалқаҳои занҷираи иқтисоди «сабз» алоқаманд аст. Ин занҷир аз таъминкунандагони тухмиву техника ва хоҷагиҳои деҳқонӣ оғоз ёфта, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулотро дар бар мегирад, ки заифии ҳар яке аз ин ҳалқаҳо метавонад натиҷаи умумиро зери шубҳа гузорад. Аз ин рӯ, ба ҳам пайвастани иштирокчиёни ин раванд тавассути кооператсия, шартномаҳои дарозмуддат ва низоми ягонаи сертификатсия зарурати объективӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз чунин ягонагии ташкилӣ имкон медиҳад, ки се ҳадафи ба ҳам вобаста - бехатарии иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ ва рушди устувор на алоҳида, балки дар маҷмуъ, ба даст оварда шаванд.

Принсипи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ба ташаккул ва татбиқи маҷмуи механизму фишангҳои махсуси танзими захираҳои замин ва об ва ҳифзи экосистемаи минтақавӣ манша мегирад, ки моҳияти он дар истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, тавассути танзими давлатии соҳаи кишоварӣ ва рушди иқтисоди «сабз» амалӣ мегардад.

Механизми ҷуброни пардохтҳои экологӣ зимни ифлос гардонидани захираҳои замину об ва таъсири манфии онҳо ба экосистемаҳои табиӣ, бо назардошти ҷуброни маблағи зарари экологию иқтисодии ба соҳаи кишоварзӣ воридшуда зарур мебошад.

Механизми корбурди оқилонаи захираҳои замину об дар навоҳии кишоварзӣ аз низоми чорабиниҳои ташкилию истеҳсолӣ, технологӣ ва хоҷагидорӣ сарчашма гирифта, имкониятҳои рақобати молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро таъмин менамояд.

Вобастагии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аз ҳолати низомҳои табиӣ - захираҳои об, ҳосилхезии хок, пӯшиши растанигӣ ва мувозинати иқлимӣ ба таври гуногун зоҳир мегардад, ки ин арзёбии ягонаро душвор месозад. Инчунин, дараҷаи амалӣ гардидани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар фаъолияти ҳаррӯзаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳанӯз мавриди мушоҳидаи мунтазами оморӣ қарор нагирифтааст, ки ин имкони муқоисаи минтақаҳо ва муайян намудани самтҳои афзалиятнокро маҳдуд менамояд.

Ҳалли ин масъалаҳо, пеш аз ҳама, ба мувофиқасозии манфиатҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо маҳдудиятҳои объективии экологӣ вобаста мебошад, зеро дар акси ҳол талаботи ҳифзи табиат аз ҷониби хоҷагиҳо ҳамчун монеаи маъмурӣ дарк карда мешавад. Барои ҳалли ин зиддият зарур аст, ки риояи меъёрҳои экологӣ барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ (деҳқон) аз ҷиҳати иқтисодӣ судманд гардад, яъне тавассути имтиёзҳои андозӣ, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо ва нархи баландтари маҳсулоти сертификатсияшуда ҷуброн карда шавад. Дар маҷмуъ, маҳз ҳамоҳангии манфиатҳои иқтисодӣ ва талаботи экологӣ метавонад заминаи воқеии рушди дарозмуддати соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зистро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ фароҳам оварад.

Принсипи муносибати комплексӣ ва дастҷамъӣ ба коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва муҳити зист ва инчунин, ба муътадилию устувории соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ он ҳамчун омили муҳимми экологию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баромада, тавассути тадбирҳои мелиоративию ирригатсионӣ, ҷорӣ намудани андозу пардохтҳои экологӣ, инчунин, ҷаримаву ҳақмузди ифлоскунандагони муҳити атроф амалӣ мегардад.

Беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ ва маҳдудиятҳои экологӣ дар навбати худ, ба таъмини бехатарии озуқаворӣ, аз ҷумла талаботи аҳолӣ

бо маводи ниёзи тозаи озуқаворӣ равона мегардад. Ҳалли масъалаи мазкур дар шароити афзоиши бемайлони аҳолӣ, таъсири хатарҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Таъмини бехатарии экологӣ ба сифати тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, таъмини маҳсулоти озуқаворӣ, коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ва фурӯши он дар бозорҳои дохилии кишвар хизмат менамояд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои аграрии ҷумҳурӣ маҳз шаклҳои нави ташкили истеҳсолот - хоҷагиҳои деҳқонии мустақил, кооперативҳои коркард ва фурӯш, инчунин, иттиҳодияҳои кластерии тахассусӣ қобилияти воқеии мутобиқшавӣ ба талаботи тағйирёбандаи бозорро доранд. Дар якҷоягӣ бо ҷорӣ намудани дастовардҳои илмию технологӣ ва барқарорсозии муносибатҳои муосири аграрӣ, ин шаклҳо имкон медиҳанд, ки ҳаҷм ва навъҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда бо сохтори талаботи ғизоии аҳолӣ мувофиқ гардонида шавад.

Дар навбати худ, чунин тағйирот ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагиҳо таъсири бевосита расонида, тавассути коҳиши хароҷот, беҳтар шудани сифат ва дастрасии мустақим ба бозор ба афзоиши даромади истеҳсолкунандагон мусоидат менамояд. Афзоиши сатҳи даромад, дар навбати худ, ба беҳтар гардидани шароити иҷтимоию иқтисодии аҳолии деҳот, тавсеаи имкониятҳои шуғл ва мустаҳкам гардидани заминаи иҷтимоии минтақаҳо инъикоси амалии худро меёбад.

Дар ин хусус, ба андешаи Исайнов Ҳ.Р. ва Шерматов Р.Б., «...чунин рушди бемайлони аҳолӣ то солҳои 20-30-юм аз ҳисоби миёнаи заминҳои обии корам аз 0,1 га то ба 0,008 га/одам ба заминҳои обии корам аз 0,047 то 0,032 га/одам баробар мешавад» [73, с. 204-205]. Дар ин самт ҳамоҳангсозии равияҳои рушди кишоварзӣ ва занҷираи истеҳсолии комплекси агросаноатӣ, инчунин, рушди корхонаҳои кишоварзӣ ва муносибатҳои байнисоҳавию минтақавӣ низ аҳамияти калон дорад.

Дар ин раванд, иқтисоди «сабз» ҳамчун манбаи бунёди ҷойҳои нави корӣ баромад мекунад, зеро ҷорӣ намудани технологияҳои экологӣ, коркарди маҳсулоти органикӣ ва хизматрасонии таҷҳизоти захирасарфакунанда касбу ихтисосҳои нави ба меҳнати босифат асосёфтаро талаб менамояд. Дар баробари самараи моддӣ - афзоиши музди меҳнат ва даромади оилаҳои деҳот ин раванд манфиатҳои маънавиро низ ба бор меорад, ки дар эҳсоси масъулият нисбат ба табиат ва эътимоди ҷомеа ба маҳсулоти истеҳсолшуда ифода меёбад.

Ҳамзамон, дар доираи иқтисоди «сабз» соҳаҳои хизматрасонии ба он алоқаманд - машваратдиҳии агроэкологӣ, низоми сертификатсия, коркарди партовҳо, сайёҳии экологӣ ва хизматрасонии логистикӣ, тадриҷан рушд намуда, ба сохтори иқтисодиёти минтақаҳо мусоидат менамояд.

Яке аз самтҳои калидии рушди иқтисоди «сабз» ба инобат гирифтани оқибатҳои номатлуби экологӣ ва таҳкими низоми таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Дар ин раванд, қоҳиш додани таъсири номатлуби оқибатҳои манфии экологӣ тавассути самараи синергӣ, яъне таъсири омилҳои беруна ба навоҳии кишоварзӣ то ҳадди имкон коҳиш дода шаванд. Дар чунин раванд омилҳои экологӣ ҳамчун унсури муҳими рушди устувор ба танзими истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шуда, ин ҳадафҳо дар татбиқи амалии стратегияи рушди иқтисоди «сабз» барои давраҳои дарозмуддат ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд.

Принсипҳои ташаккулу рушди иқтисоди «сабз» дар шакли маҷмуӣ барои пойдории рушди минтақаҳои кишвар ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии давлат аҳамияти калон доранд. Ҳар яке аз онҳо алоҳида бояд таъсири мусбати худро расонида, дар маҷмуъ, ба таъмини амнияти миллии кишвар мусоидат намоянд. Амалисозии ин ҳадафҳо ба коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва пешгирии

хатарҳои экологӣ оварда мерасонад, ки дар ин ҷараён манфиатҳои тамоми иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ба андешаи Нурбоев Н.М. «...ин масъала роҳбарони бештари давлатҳои ҷаҳонро водор менамояд, ки ба масъалаҳои нигоҳ доштани муҳити зист, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Баробари амалӣ гаштани муносибатҳои ҳамбастагии иқтисодиёт бо табиат имконияти ба даст овардани рушди иқтисодиёт дар таъмини шароити мусоиди экологӣ, тоза нигоҳ доштани муҳити зист ба вуҷуд меояд» [84, с. 85-93]. Чунин тарзи татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳифзу дастгирии иқтидори заминҳои кишоварзӣ, бехатарии озуқаворию экологӣ ва сатҳи баланд зиндагии аҳолӣ нигаронида мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки то замоне низоми пурраи арзёбии самараи экологию иқтисодӣ ба роҳ монда нашавад, ҳам амнияти ғизоӣ ва ҳам тараққиёти бонизоми зироаткорӣ дар сатҳи шиор мемонад - маҳз чунин низом сурати воқеии ҳолати соҳаро ошкор месозад.

Ҷузъи муҳимми чунин низоми арзёбӣ муайян ва пешгӯӣ намудани хавфҳои эҳтимолии экологӣ мебошад, ки ба саломатии аҳолӣ, сифати маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳолати захираҳои табиӣ таъсири манфӣ расонида метавонанд. Дар сурати сари вақт ошкор нагардидани чунин хавфҳо, зарари расонидашуда одатан аз хароҷоти пешгирикунандаи он чанд маротиба зиёд мешавад, ки ин аз ҷиҳати иқтисодӣ низ бесамар аст. Аз ин рӯ, баҳодиҳии маҷмуӣ бояд ҳам натиҷаҳои иқтисодӣ ва ҳам оқибатҳои экологии фаъолияти хоҷагидориро дар як ҳисоби ягона муттаҳид созад.

Дар таркиби чунин низом як қатор унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва мутақобилан таъсиррасон мавҷуд мебошанд. Яке аз нишондиҳандаи асосии он сатҳи даромаднокии субектҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, зеро маҳз ин нишондиҳанда имконияти иқтисодии

истеҳсолкунандагонро барои мутобиқ намудани равандҳои истеҳсолӣ ва ба талаботи экологӣ ҷавобгӯ буданро муайян менамояд. Ба ин унсурҳо, инчунин, шакл ва меъёрҳои андозбандӣ, тавсеаи истифодаи фишангҳои ҳавасмандкунии молиявӣ, аз қабили субсидия, қарзҳои имтиёзнок ва ҷубронпулиҳо дохил мешаванд, ки бидуни онҳо гузариш ба технологияҳои «сабз» барои аксари хоҷагиҳо дастнорас мемонад. Мавқеи хосро маблағгузории мақсадноки чорабиниҳои экологӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои моддию техникӣ ва танзими муътадили нархҳо дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ ишғол менамояд. Дар ниҳоят, самаранокии ҳамаи ин фишангҳо аз мукаммалии заминаи қонунгузорӣ ва сари вақт ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии соҳа вобаста мебошад.

Сарчашмаи вазифаҳо ва ҳадафҳои хоҷагидории «сабз» дуто аст: якум - нақши давлат дар танзими инкишофи соҳаи кишоварзӣ, дуюм - экологӣ гардонидани худи раванди истеҳсолот. Ҳарду тавассути маҷмуи чорабиниҳо амалӣ мешаванд, ки дар қатори онҳо корҳои экологию мелиоративӣ ва пешбурди сиёсати аграрии дуруст дар доираи қонунҳои амалкунанда мавқеи асосӣ доранд. Худи танзими давлатӣ бошад, чор ҳадафи мушаххас дорад - паст кардани хатарҳои иқтисодӣ, пайравӣ ба маҳдудиятҳои табиӣ, фоидаовар гардонидани фаъолияти корхонаҳои деҳқонӣ ва вусъат бахшидан ба соҳибкорӣ дар маҳалҳо.

Иҷрои функсияи иқтисоди «сабз» аз самаранокии сиёсати давлатии экологию иқтисодӣ ва татбиқи амалии Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 вобастагӣ дорад. Он ҳифзи муҳити зист ва корбурди оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, инчунин, иштироки бевоситаи мақомоти давлатии маҳаллиро дар идоракунии самарабахши заминҳои кишт тақозо менамояд. Ғайр аз ин, рушди соҳибкории хурду миёна тавассути ҳавасмандгардонии андозию молиявии истеҳсоли маҳсулоти озуқавории

аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барои саломатии инсон безарар зарур арзёбӣ мегардад. Таҷриба нишон медиҳад, ки мушкилоти бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ аз лаҳзаи оғози давлатдорӣ ва рушди хоҷагидорӣ то эҳтимолияти эмин мондани хавфу хатарҳои экологӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ идома меёбад.

Маҳсулоти кишоварзӣ зимни таъмини истеъмолкунандагони он ба коркарди саноатӣ низ ниёз доранд. Аз ин хотир, зимни гузариш ба иқтисоди «сабз» сохтори функсионалии занҷираи истеҳсолӣ ва хизматрасониҳои комплекси агросаноатӣ, аз қабили нигоҳдорӣ, кашонидан, коркард, фурӯш ва хизматрасониҳои баъди фурӯш бояд пурра аз ҷониби давлат дастгирӣ карда шавад.

Ба андешаи Халифазода Ҷ.Б.: «...дар ин раванд, вазифаҳои алоқаҳои мустаҳками ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва иқтисодӣ барои мақсади ягонаи ниҳоӣ (таъмини талаботи аҳолии ҷумҳурӣ бо маводи озуқа ва дигар молҳои ниёзи аввала, соҳаи саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ) муҳим мебошад» [111, с. 97-98]. Судмандии ниҳоӣ дар ин занҷираи мазкур дар сатҳи муайян аз самараи техникӣ-технологии кишоварзӣ низ вобастагӣ дорад ва миёни онҳо ядрои (марказ) соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, он дар таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ, таъмини намудани корхонаҳои коркарди саноатӣ бо ашёи хоми кишоварзӣ ва ташаккули занҷираи арзиши иловашуда нақши калидӣ мебозад.

Дар минтақаҳои кишоварзӣ ҳангоми гузариш ба модели иқтисоди «сабз» заминаҳои институтсионалӣ, яъне санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши калон мебозанд. Дар ин хусус, дастгириҳои давлатии соҳаи кишоварзӣ ва татбиқи амалии иқтисоди «сабз» бо якчанд сабабҳои асосӣ, яъне набудани таҷрибаи кофӣ дар ҷода, ҷалби ками сармоягузориҳо ба рушди минтақаҳо ва ҳифзи муҳити зист зарур мебошанд.

Дар шароити минтақаҳои кишоварзӣ механизми муҳими судманди рушди иқтисоди «сабз» баҳои самараҳои синергии мусбӣ аз ин раванд мебошад, ки ба таъмини рушди устувори минтақаҳои кишвар, идораи самараноки истифодаи захираҳои табиӣ ва муносибати байни муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ва қуввaҳои истеҳсолкунанда хизмат менамояд. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки: «...асоси рушди устувор ва дар заминаи он иқтисоди «сабз»-ро таҳаввулоти гуногуни бахшҳои воқеии иқтисодиёт (махсусан, соҳаи саноат ташкил медиҳанд» [51]. Дар ин хусус навҷорисозии сохтори соҳаҳои кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ, шаклҳои нави хоҷагидорӣ, рушди интенсивии онҳо низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Расидан ба ҳадафҳои муқарраргардидаи иқтисоди «сабз» дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, аз тарзи муносибат ба захираи асосии соҳа - замин вобаста аст, зеро дар шароити маҳдудияти шадиди майдонҳои коршоям ҳар як гектар аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Бинобар ин, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, бахусус майдонҳои обёришаванда, тавассути риояи навбати кишт, барқарорсозии шабакаи заҳбурҳо, пешгирии эрозия ва шӯршавӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои обёрии сарфакорона ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа боқӣ мемонад. Дар баробари ин, талаботи бозорҳои муосир нисбат ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва баландсифат ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои устувори истеҳсолот сол то сол меафзояд, ки ин ҳам аз баланд гардидани сатҳи маърифати истеъмолии аҳолии дохилӣ ва ҳам аз талаботи афзояндаи бозорҳои содиротӣ ва меъёрҳои байналмилалии сифати маҳсулот вобастагӣ дорад. Қонеъ гардонидани ин талабот аз хоҷагиҳо на танҳо тағйири технологияи истеҳсол, балки ба роҳ мондани низоми боэътимоди назорати сифат, бастабандӣ ва тасдиқи пайдоиши маҳсулотро тақозо менамояд.

Ҳангоми таҳияи барномаҳои минтақавӣ ба инобат гирифтани маҷмуи омилҳои ташкилию хоҷагидорӣ ва табииву иқтисодӣ шарти асосии воқеӣ будани онҳо ба ҳисоб меравад. Ҷанбаи дигари ҳалкунанда дастгирии молиявӣ мебошад, зеро навсозии экологии истеҳсолот сармояи назаррас талаб карда, дар марҳилаи аввал даромади фаврӣ намедиҳад. Бинобар ин, тавсеаи имтиёзҳои андозӣ, пешниҳоди қарзҳои дарозмуддати имтиёзнок ва татбиқи механизмҳои субсидиякунонӣ барои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳам барои корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти агросаноатӣ метавонад ҳавасмандии воқеиро ба вуҷуд оварад ва занҷираи арзиши иловашударо дар дохили кишвар мустаҳкам созад.

Иқтисоди «сабз» дар кишоварзӣ маънои маҳдуди «чорабинии экологӣ»-ро надорад; мазмуни аслии он расидан ба самараи баланди иқтисодист, ки бо роҳи истифодаи муътадили сарватҳо ва пешгирии зиёнҳо ба даст меояд. Вале самараи пурра фақат дар як ҳолат ҳосил мешавад - агар меъёрҳои ин модел дар тамоми занҷираи маҷмааи агросаноатӣ ба таври пайваста риоя гарданд: аз марҳилаи тухмиву техника ва киштукор сар карда, то коркарду анбордорӣ, кашонидан ва ба бозор баровардани маҳсулот.

Дар акси ҳол, дастовардҳои экологии як марҳила метавонанд бо талафоти марҳилаи дигар бартараф гардида, самараи умумии кӯшишҳои андешидашуда ноаён монад.

Дурнамои рушди иқтисоди «сабз» дар бахши аграрӣ, пеш аз ҳама, бо баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ алоқаманд аст, зеро мутобиқати мол ба меъёрҳои экологии байналмилалӣ имрӯз шарти дастрасӣ ба бозорҳои беруна ба ҳисоб меравад. Дар баробари самараи бозорӣ, ин раванд ба ҳифзи экосистемаҳои табиӣ, нигоҳдории ҳосилхезии хок, тозагии захираҳои об ва гуногунии биологӣ мусоидат

намуда, заминаи истеҳсолии соҳаро барои наслҳои оянда таъмин месозад.

Барои татбиқи самараноки ин тадбирҳо мавҷудияти чунин шароит зарур аст:

- таъмини рушди устувори минтақаҳои агросаноатӣ дар заминаи густариши муносибатҳои ҳамгирой, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, рушди коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва ба фурӯш баровардани маҳсулоти озуқавории аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки ба талаботи бозорҳои дохилӣ ва байниминтақавӣ ҷавобгӯ бошанд;

- рушди шаклҳои нави моликият ва хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ ва рушди алоқаҳои байнисоҳавӣ ва бозори байниминтақавӣ, ки дар заминаи иқтисоди «сабз» ба таъмини устувори бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишварӣ мусоид менамояд;

- ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории ландшафтҳои табиӣ, ки аз низоми идоракунии самараноки заминҳои кишоварзӣ, рушди кишоварзии органикӣ, истифодаи технологияҳои экологӣ ва афзоиши сатҳи коркарди саноатии бештари ашёи хоми кишоварзӣ вобастагӣ дорад;

- тақвияти имкониятҳо ва истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақаҳои кишвар ва экологикунонии ҷараёни истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, ки дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» ва истифодаи судманди ҳамаи омилҳои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ амалӣ ва татбиқ карда шавад ва ғайра.

Дар ин раванд, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 ба масъалаи мазкур такони ҷиддӣ бахшида, заминаи ягонаи ҳуҷҷатию барномавии гузариш ба модели нави хоҷагидориро фароҳам овард. Аҳамияти он, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ҳадафҳои экологӣ бори аввал на ҳамчун вазифаи алоҳидаи як соҳа, балки ҳамчун самти умумимиллии рушд муқаррар гардида, ба нақшаҳои

миёнамуҳлату дарозмуддати рушди иқтисодиёт ворид карда шуданд. Дар доираи ин ҳуҷҷат амалисозии маҷмуи чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла коҳиши партовҳо, барқарорсозии пӯшиши растанигӣ, истифодаи оқилонаи об ва ҷорӣ намудани технологияҳои камкарбон пешбинӣ мегардад.

Дар амал натиҷаи стратегияи мазкур дар зинаи маҳал муайян мегардад: маҳз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ бо ҳамдигар масъалаҳои экологию мелиоративиро ҳал мекунанд ва маҳз дар ҳамин зина ҳолати ҳақиқии заминҳо, обёрӣ ва заҳбурҳо маълум мешавад. Аз ин рӯ, самарабахшии чорабиниҳои мелиоративӣ то андозаи зиёд ба он вобаста аст, ки ҷамоатҳо, иттиҳодияҳои истифодабарандагони об ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар тарҳрезӣ ва назорати онҳо то кадом дараҷа фаъол бошанд. Ҷиҳати дигар ба соҳибкорӣ рабт дорад, агар ба рушди соҳибкорони хурду миёнаи деҳот фароҳам овардани дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, хизматрасониҳои машварати агроэкологӣ ва имкони истифодаи техникаву технологияи ҷадид фароҳам оварда шавад, маҳз соҳибкорони маҳаллӣ метавонад ғояҳои иқтисоди «сабз»-ро дар минтақаҳои кишоварзӣ ба амал татбиқ созад.

Хулоса, ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» бояд ба риояи принсипҳо ва иҷрои функсияҳои таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат намояд.

Дар навбати аввал, барои истифодаи оқилонаи заминҳои киштбоб ва ҷалби заминҳои наздикӯҳию кӯҳӣ ҳамчун захираҳои эҳтиётии истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва беҳтар намудани ҳолати муҳити зисти солим дар минтақаҳои кишвар имкониятҳои мусоид фароҳам оварад. Ҳамзамон, занҷираи истеҳсолии комплекси агросаноатӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» бояд аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда шавад.

## 1.3. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» - ҳамчун самти муҳими рушди устувори соҳаи кишоварзӣ.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки кишварҳо консепсияи иқтисоди «сабз»-ро дар бахши кишоварзӣ ба таври якхела амалӣ намекунанд ва таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ сабаби ин ҳолатро равшан менамояд: дар ҳар ҷо шароити табиӣ, сатҳи тараққиёти иқтисодӣ ва расму русуми хоҷагидорӣ гуногун аст, аз ин рӯ, шаклҳои татбиқ низ фарқ мекунанд.

Масъалаи экологию иқтисодӣ ва шиддат гирифтани он дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» аҳамияти хеле муҳим дорад, зеро татбиқи амалии он ба таъмини бехатарии экологӣ ва ғизои солим таъсири мусбат мерасонад.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ дошта, имкон медиҳад, ки хатоҳои марҳилаи ибтидоии гузариш пешгирӣ ва роҳҳои кӯтоҳтарини расидан ба ҳадафҳои гузошташуда интихоб карда шаванд.

Дар бисёре аз кишварҳо низоми идоракунии экологии захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои заминӣ ва обӣ дар солҳои охир ба таври мунтазам ба роҳ монда шуда, ба пешгирии таназзули заминҳои кишоварзӣ ва коҳиши таъсири манфӣ ба экосистемаҳои табиӣ мусоидат менамояд.

Дар Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷопон, Чин ва ҳамчунин, дар давлатҳои Федератсияи Русия, Қазоқистон ва Узбекистон кишоварзии органикӣ таҷрибаи назаррас ҷамъ намудааст, ки омӯзиши он барои шароити мамлакати мо арзиши амалӣ дорад. Татбиқи ҷузъҳои алоҳидаи ин таҷриба метавонад ба мустаҳкам гардидани бехатарии экологӣ ва фаровонии озуқа мусоидат намояд.

Дар аксари кишварҳои пешрафта, аз ҷумла ИМА, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Мардуми Чин ва Ҷопон, вазъи бехатарии

озуқаворӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди устувор эътироф гардидааст. Дар ин давлатҳо, ба хотири солимгардонии муҳити зист, тавассути татбиқи сиёсати давлатӣ ба таъмини рақобатпазирии маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳифзи ҳудудҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

«...Дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ (бахусус, ИМА) хеле муҳим арзёбӣ гардида, дар самти таъмини бехатарии озуқаворӣ, аз ҷумла таҳдидҳои экологӣ ва бехатарии берунии иқтисодӣ диққати махсус дода шуда» [116], амалӣ намудани чунин сиёсати иқтисодӣ ба ҳифзи молистеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ ва хатарҳои берунаи иқтисодӣ равона карда шудааст.

Маълум аст, ки ҳар як давлат дорои хусусиятҳои хоси иқтидори табиӣ, иқтисодӣ ва истеҳсолии худ мебошад. Истифодаи самараноки ин имкониятҳо ба хотири таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳалли масъалаҳои экологию иқтисодиву иҷтимоии худ истифода менамоянд. Дар ин хусус, қайд мегардад: «...ташаккули иқтисоди «сабз» дар ин маврид ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, шарти асосӣ таъмини бехатарии озуқаворӣ, ташкили манбаҳои барқароршаванда, аз ҷумла таҷҳизоти гидроэнергетикӣ ва иншооти обӣ, инкишофи аз нигоҳи экологӣ-иқтисодӣ безарар, ки онро дар илм иқтисоди «сабз» муаррифӣ менамоянд» [122]. Ҳамчунин, зикр мешавад, ки «...аз рӯйи пешгӯиҳои Созмони Милали Муттаҳид то соли 2050 аҳолӣ дар кураи замин ба 30% афзоиш ёфта» [14], ки ин ҳолат яке аз омилҳои рӯй овардан ба модели иқтисоди «сабз» маҳсуб меёбад. Дар чунин шароит, ба масъалаи интиқоли маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳо ва солимгардонии муҳити зисти аҳолӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки: «...дар шароити муосир дар кураи замин қариб 7,7 млрд аҳолӣ умр ба сар мебарад, ки аз он 1,8 миллиардаш дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ, ки сатҳи хуби зиндагӣ доранд ва

3,6 млрд одам дар кишварҳои сатҳи рушдашон суст ва зиёда аз 2,4 млрд одам дар сатҳи даромадашон паст умр ба сар мебаранд, ки аз ин шумора тақрибан 800 миллион одам дар вазъи гуруснагии доимӣ қарор доранд» [66, с. 78-88].

Дурнамо нишон медиҳад, ки «...то соли 2050 шумораи аҳолии ҷаҳон ба 9,2 миллиард нафар мерасад, ки дар ин росто, аҳолии шаҳр 66% рушд намуда, майдони заминҳои кишоварзӣ ба 50 млн га бо сабабҳои хушксолӣ кам мегардад» [50], ки он дар ниҳояти кор истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ 20% ва талабот ба маводи озуқаворӣ аз 59 то 98% меафзояд, ки ин раванд ба сатҳи бехатарии озуқаворӣ ва вазъи зиндагии аҳолӣ бетаъсир намемонад.

Кишварҳои пешрафта амнияти ғизоӣ ва бехатарии муҳити зистро дар қатори манфиатҳои олии миллии худ мебинанд. Аз ин сабаб, ҳалли ин масъалаҳо ба души вазоратҳои соҳавӣ гузошта намешавад, он ҳамчун як самти алоҳида ва мустақими сиёсати давлат пеш бурда мешавад. Ин муносибат аз он бармеояд, ки вобастагии зиёд ба воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ва фарсудашавии заминҳои худӣ дар шароити ноустувории бозорҳои ҷаҳонӣ ва тағйирёбии иқлим метавонад ба таҳдиди ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёбад.

Барои паст намудани сатҳи хатарҳои экологию иқтисодӣ дар ин кишварҳо маҷмуи чораҳои махсус, аз ҷумла муқаррар намудани меъёрҳои қатъии истифодаи нуриву заҳрхимикатҳо, назорати доимии ҳолати хок ва обҳо, ҷорӣ намудани низоми суғуртаи аграрӣ ва ташкили захираҳои давлатии озуқаворӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, ба ҳифзи экосистемаҳои табиӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, тавассути бунёди минтақаҳои махсуси муҳофизатӣ, барқарорсозии заминҳои таназзулёфта, нигоҳдории гуногунии биологӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои ҷуброни молиявии хизматрасониҳои экосистемӣ имконияти

нигоҳдории тавозуни байни фаъолияти истеҳсолӣ ва равандҳои табиӣ фароҳам оварда мешавад.

Равишҳои давлатҳо дар ин масъала якхела нест. Дар ИМА, Федератсияи Русия, Қазоқистон, Беларус ва Озарбойҷон диққати асосӣ ба амнияти ғизоӣ дода мешавад ва хоҷагидории «сабз» ҳамчун фишанги ноил гардидан ба он истифода мегардад. Дар як зумра кишварҳои дигар ин ду ҳадаф - таъминоти озуқа ва саломатии муҳити зист дар як сатҳ қарор доранд ва ҳарду рукни бехатарии иқтисодии давлат ба ҳисоб меравconfigured. Ба чунин кишварҳо метавон давлатҳои аврупоӣ - Фаронса, Олмон, Италия ва кишварҳои минтақаи осиёӣ - Хитой, Япония, инчунин, Канада, Бразилия, Ҳиндустон ва ғайраро дохил намуд.

Аз лиҳози дастрасии аҳолӣ ба озуқаворӣ аз лиҳози экологӣ тоза ҳадафи муҳим дар самти рушди устувори кишоварзӣ, идоракунии судманди захираҳои замину об, ҳамкориҳои давлат ва молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ роҳандозӣ карда мешавад. «...Дар Кореяи Шимолӣ, Ветнам, Куба, Эрон, Сирия, Алҷир ва дигар кишварҳо масъалаи иқтисоди «сабз» дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ дар доираи сиёсати давлатӣ татбиқ гардида, тайи даҳсолаҳои охир дар доираи чораҳои дастҷамъонаи беҳдошти муҳити зист аксари аз ин кишварҳо ба таври васеъ тадбирҳои маҷмуи андешида, онро дар консепсияи махсуси таъмини бехатарии озуқаворӣ дар заминаи ташаккули иқтисоди «сабз» ва рушди устувор амалӣ менамоянд» [19, с. 9].

Таҷрибаи аксарияти кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ маблағгузориҳо ба иқтисоди «сабз» аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешаванд ва ҳар давлат вобаста ба қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои соҳавии рушди кишоварзӣ ба ҳалли ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Барои мисол, дар шароити мавҷудияти хатарҳои экологӣ-иқтисодӣ, бахусус зиёд шудани шумораи гурезагон аз кишварҳои Араб ба давлатҳои Аврупо дар натиҷаи ҷангҳои шаҳрвандӣ ва нооромиҳои сиёсии тайи даҳсолаҳои солҳои охир ва афзудани гурезагон таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ ба масъалаи муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ин ҳолат зарурати беҳбудии вазъи ғизой, молҳои саноатӣ, маводи таъйиноти маишӣ, инчунин, дастрас намудани онҳо бо нархҳои қобили қабулро ба миён меорад. Ҳамзамон, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ташаккули муҳити солими зист барои фароҳам овардани шароити мусоид аҳаммияти муҳим дорад. Дар ин хусусда, таҷрибаи ИМА, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, Ҳолланд, Хитой ва Ҷопон аз манфиат холӣ нест.

Аз аввали солҳои 50-уми асри XX якчанд маротиба кӯшиши таъмини бехатарии озуқаворӣ дар кишварҳои Ғарбу Шарқ дар заминаи рушди иқтисоди «сабз», суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва кам шудани заминҳои кишоварзӣ ва ифлосшавии муҳити зисти одамон дар меҳвари асосии он қарор дорад. Ба ин кишварҳо ИМА, Япония, Фаронса, Шветсия ва ғайра дохил кардан мумкин аст, ки онҳо тавассути механизмҳои молиявию иқтисодӣ ва татбиқи тадбирҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологиро дар заминаи гузариш ба модели иқтисоди «сабз» тавассути чораҳои муассир амалӣ менамоянд.

Масъалаи иқтисоди «сабз» ва таъмини бехатарии экологӣ дар аксарияти барномаю стратегияҳои давлатӣ ва минтақавӣ дар аксарияти кишварҳо дар мадди аввал ҷой дода мешавад. Мувофиқи маълумоти омори ҷаҳонӣ, таъмини сатҳи кифояи озуқаи худӣ дар барномаи фаъолияти чанд ниҳоди байналмилалӣ таваҷҷуҳи хосса дорад: Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО), Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ (БҶО) ва Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ) ва ғайра баррасӣ мегардад, «...афзоиши ченакҳои

шиддатнокии нокифоягии маводи озуқаи худӣ ва сатҳи таъсири вазнини он ба кӯдакони то синни панҷсола хеле зиёд мушоҳида шуда, соли 2020 ба 16-22% зиёд шудааст» [4, с. 6].

Пешгирӣ намудани хавфҳои марбут ба гуруснагӣ ва камчинии ғизо бо миқдору сифати лозимаи озуқа, аз сатҳи мустақилият, устувории рушди соҳаи кишоварзӣ ва самаранокии фаъолияти занҷираи истеҳсолии агросаноатӣ сахт вобастагӣ доранд.

Аз нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX кӯшиши аксарияти кишварҳои хориҷӣ дар таъмини озуқаи худӣ бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба сомон расонида шудааст. Масалан, «...дар кишвари Канада, ки аз ҷиҳати ММД хеле зиёд мебошад, тавассути лоиҳаҳои байналмилалии башардӯстона, махсусан, кумаки ғизоӣ ҳамасола қариб 5 миллиард доллар ҷудо мегардад» [121] Илова бар ин, «...хароҷоти солонаи иҷтимоӣ дар бахши озуқаворӣ ва партовҳои газҳои гулхонагӣ аз ҳисоби истеъмоли озуқа аз рӯйи пешгӯйи мутахассисон то соли 2030 ба 1,7 триллион доллари ИМА расонида мешавад» [71, с. 20-23].

Аз рӯйи маълумоти омори ҷаҳонӣ, хатарҳои экологӣ ва коҳиши таъсири манфии онҳо ба муҳити атроф ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ бетаъсир намемонад. Дар кишварҳои хориҷӣ барои таъмини озуқаворӣ, паст намудани камбизоатӣ ва бехатарии иқтисодӣ тадбирҳои иловагӣ андешида мешаванд.

Дар аксарияти кишварҳои дунё, аз қабили давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ба рушди иқтисоди «сабз» ва ташаккули низоми кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ устувор таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ ба сифати нишондиҳандаҳои асосии таъмини рушди устувор хизмат менамояд. Дар аксари давлатҳо рушди иқтисоди «сабз» марҳилаҳои тулониро паси сар кардааст. Дар ин миён, таҷрибаи Олмон дар самти таъмини бехатарии экологӣ ва солимгардонии муҳити

зист барои кишвари мо назаррас буда, ҳангоми таҳияи стратегияи рушди иқтисоди «сабз» метавонад хеле судманд бошад.

Дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо консепсияи иқтисоди «сабз» дар бахши аграрӣ асосан тавассути низоми сиёсати ягонаи аграрӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар доираи он пардохти субсидияҳо ба хоҷагиҳо бевосита ба риояи талаботи экологӣ, нигоҳдории майдонҳои табиӣ ва маҳдудсозии истифодаи воситаҳои кимиёвӣ вобаста карда шудааст. Кишварҳои Скандинавия ва Олмон дар инкишофи истеҳсоли маҳсулоти органикӣ ва бунёди низоми боэътимоди сертификатсия таҷрибаи назаррас андӯхта, эътимоди истеъмолкунандаро ба нишони экологӣ ҳамчун сармояи иқтисодӣ табдил додаанд.

Ин давлатҳо бо назардошти вижагиҳои хоси соҳаи кишоварзӣ, омилҳои экологию иҷтимоӣ ва риояи принсипҳои асосии рушди устувор ба ҳифзи экосистемаҳои табиӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Тайи даҳсолаҳои охир кишвари Олмон дар бахши истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ё ин ки маҳсулоти органикӣ дар миёни кишварҳои аврупоӣ дар ҷойи аввал меистад. Дар тули 30 соли охир шумораи корхонаҳои экологӣ аз 6,6 то 23 ҳазор адад ва масоҳати заминҳои кишоварзӣ аз 310 ҳазор то 1 миллион гектар афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии ин афзоишро бо баланд рафтани талабот ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза марбут медонанд.

Ба андешаи Свистунов А.С. «...дар иҷрои корҳои кишоварзӣ давлатҳо аз якдигар фарқ мекунанд, ба мисли нишондиҳандаи баландтарин ба Британияи Кабир на камтар аз 40% аз ҳаҷми умумии хароҷоти меҳнат, дар Нидерландия ва Фаронса қариб 15%, дар Олмон танҳо 5-6% (дар аввали солҳои 90-ум) ва дар кишварҳо аз он ҳам камтар рост меояд» [93, с. 100-112].

Олмон дар тули даҳсолаҳои охир гузариш ба кишоварзии органикиро бо маблағгузории давлатӣ ҳамроҳӣ менамояд: дар чорчӯбаи

сиёсати аграрии Иттиҳоди Аврупо ба деҳқонон ва хоҷагиҳои ба ин самт рӯоварда субсидияҳои калон ҷудо карда мешавад. Ҳар як истеҳсолкунандаи маводи озуқавории аз нигоҳи экологӣ тоза барои истеҳсолоти худӣ ҳавасмандиҳои бештари андозӣ-молиявӣ дода мешавад. Сиёсати аграрии давлат дар бахши кишоварзӣ ба хотири таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ, хатарҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист роҳандозӣ мегардад.

«Дар дигар кишварҳои пешқадами аврупоӣ - Италия, Испания ва Британияи Кабир консепсияи махсуси рушди «сабз» қабул нагардидааст, аммо тавассути сиёсати давлатӣ ҳифзи экосистемаи табиӣ ба манфиатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад, ки он аз низоми самараноки идоракунии захираҳои замину об ва рушди соҳаи кишоварзӣ манша гирифта, ба такмили муҳити институтсионалӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррарот, фармонҳо ва ғайра бештар такя менамоянд. Намояндагии Иттиҳоди Аврупо аз 30 кумитаи гуногун иборат буда, ба коркарди меъёрҳо, дастурҳо ва муқаррарот оид ба сифат ва бехатарии озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зист хизмат менамоянд» [121].

Меъёрҳои мазкур ба қонунгузории кишвар ворид гардида, ҳамчун тавсияҳо барои кишварҳои узви ташкилоти “Codex Alimentarius” пешниҳод карда мешаванд. «...Инкишофи босуръати тиҷорати маҳсулоти озуқаворӣ дар солҳои 2012-2018 сабаби заиф гардидани робитаҳои байналмилалӣ гардида, ин нишондиҳандаҳо боиси афзоиши арзиши тиҷорати маҳсулоти ватанӣ дар солҳои 2000-2018 аз 570 миллиард доллари ИМА то 1,6 триллион доллари ИМА гардидааст» [21, с. 71], ки шумораи зиёди онҳо барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар кишвари Чин ва талаботи ҷаҳонӣ ба сӯзишвории биологӣ равона мегардад.

Ин омилҳо дар аксар ҳолатҳо аз муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ дар самти таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ вобастаанд. Ҳамин мутаносибӣ миёни афзоиши аҳолӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, Олмон дар миёни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди иқтисоди «сабз» фаъол буда, дар он масъалаи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти аҳолӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои истеъмолкунандагони ватанӣ, беҳдошти саломатӣ таҷрибаи кофӣ дошта, омӯзиши онҳо барои соҳаи кишоварзии мо аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Таҷрибаи кишвари Амрико дар самти бехатарии экологӣ ба хотири таъмини маводи ғизоии тоза шоистаи дастгирӣ буда, тайи солҳои охир дар ИМА ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва маводи озуқавории тоза аҳамияти махсус дода шуда, давлат ва ҷамъиятию ғайритиҷоратӣ дар он фаъол иштирок менамоянд.

Дар ин кишвар пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ стратегияи сиёсати бехатарии озуқаворӣ ташаккул ёфт, ки ба ҳифзи захираҳои замину об ва солимгардонии муҳити зист нигаронида шудааст. Бо вуҷуди ин, «...бо зиёд гардидани таъсири омилҳои манфии экологӣ ба муҳити зист дар сатҳи ҷаҳонӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки ҳифзи иқтидори захиравӣ-табиӣ, мақом ва манзалати махсус дар иқтисоди ҷаҳонӣ пайдо карда», ин сиёсат ба самтҳои гуногунҷанба ва ҳамкориҳои мутақобила бо дигар кишварҳои ҷаҳон равона гардидааст.

Дар ИМА барои чорабиниҳои «сабз»-и соҳаи кишоварзӣ дар буҷети федералӣ хароҷоти алоҳида ҷудо карда мешавад, вале фермер онро ба таври худкор намегирад: пардохт танҳо дар сурати иҷрои шартҳои экологии пешакӣ муқарраргардида сурат мегирад. Ҳамин тартиб маблағи ҷамъиятиро ба нишондиҳандаҳои санҷидашаванда - ҳолати хок, ҳаҷми

партовҳо ва миқдори оби сарфашуда вобаста мекунад ва имкон медиҳад, ки самараи харҷи он мунтазам баҳогузорӣ гардад.

Шаклҳои асосии чунин дастгирӣ пардохтҳои мустақими нақдӣ ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ (фермерон) барои риояи талаботи агроэкологӣ, ҷудо намудани қарзҳои дарозмуддати имтиёзнок ҷиҳати хариди техника ва таҷҳизоти захирасарфакунанда, инчунин, татбиқи сабукиҳои дар бахши андоз ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти органикӣ ба ҳисоб мераванд. Хоҷагиҳои хурд ва минтақаҳои дорои муҳити зисти осебпазир аз имконоти иловагӣ баҳраманд мешаванд: ба онҳо қарзи бефоиз ва грантҳои бебозгашт дода мешавад. Маҳз ҳамин дастгирӣ хатари молиявиро дар зинаи оғози татбиқи технологияҳои нави экологӣ ба дараҷаи ҷиддӣ паст мекунад.

Ин шакли дастгириҳои давлатӣ дар ИМА «...бо роҳи ҷудо намудани субсидияҳои давлатӣ ва дотатсияҳо амалӣ гардида, ба ҳисоби миёна аз 20-80 %-и ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, бо роҳи механизми дастгирии давлатии кишоварзӣ роҳандозӣ мегардад. Сатҳи ҳақиқии дастгириҳои давлатии соҳаи кишоварзӣ дар ИМА 130 млрд долларро ташкил медиҳад, ки қисмати зиёди он ба рушди иқтисоди «сабз» равона карда шудааст» [99, с. 67-76]. Ин тадбирҳо ба мақсади беҳдошти вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти солим амалӣ шуда, ҳамасола аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар шакли пардохтҳо ба хароҷоти марбут ба обёрии заминҳои кишт, нигаҳдошти экосистемаҳои табиӣ ва солимгардонии муҳити зисти аҳолӣ равона карда мешаванд.

Дар ИМА таъмини бехатарии озуқаворӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии амнияти миллӣ эътироф гардида, тавассути сиёсати экологии танзими воридоти маҳсулоти озуқаворӣ амалӣ карда мешавад. Ин чорабиниҳо ба таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ нигаронида шудаанд ва аз тариқи татбиқи сиёсати протексионистии давлатӣ, яъне дастгирӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ дар соҳаи

кишоварзӣ ба хотири қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ роҳандозӣ мешаванд.

Вай яке аз кишварҳои калонтарини истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар дунё ба ҳисоб рафта, «...дар таъмини бозори ҷаҳонии маҳсулоти ғизоӣ мавқеи хос дорад ва зиёда аз 3 миллион фермерони ин кишвар ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус аз нигоҳи экологӣ тоза машғуланд» [87, с. 61-68].

Консепсияи рушди иқтисоди «сабз» бо мақсади таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Канада соли 1998 таҳия гардида, дар тули 50 соли охир ин кишвар ба яке аз давлатҳои пешрафта аз лиҳози бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ табдил ёфтааст. Дар барномаҳои давлативу минтақавии он нақшаи чорабиниҳои солимгардонии муҳити зист ҷойгоҳи вижа дошта, тавассути тадбирҳои маҷмуии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ амалӣ мешавад. Ин равиш ба ҳадафҳои таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ, ки дар Саммити ҷаҳонии озуқаворӣ соли 1996 муайян гардида буданд, ниҳоят наздик аст.

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон бо нарасидани маҳсулоти озуқаворӣ дар қисмати кишварҳои аврупоӣ барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳам беҳтар шудани вазъи зиндагии аҳолӣ диққати махсус дода шудааст. Аз нигоҳи сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ кишварҳои рушдкардаи иқтисодиро ба чор гурӯҳ тақсим менамоянд:

- кишварҳои хориҷӣ мустақилона, бо дарназардошти сатҳи истеъмолӣ ва даврии он ба истифодаи оқилоани заминҳои кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд;

- кишварҳои аз лиҳози таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ва истеҳсоли худӣ таъмин буда, ки миқдори ками озуқаворӣ ворид менамоянд;

- кишварҳои комилан вобастабудаи озуқаворӣ, ки миқдори муайяни маводи ғизоиро аз кишварҳои дигар воридот менамоянд;

- кишварҳои пурра вобастабудаи маводи ғизоӣ, ки қоиблияти таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологиро надоранд.

Барои мисол, баъзе кишварҳои Аврупоӣ, ИМА ва амсоли инҳо ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мувофиқи меъёри тиббӣ ва озуқаи тозаи экологӣ диққат махсус медиҳанд. Ин амал, тавассути гузариш ба иқтисоди «сабз» ба роҳ монда шуда, ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зист мусоидат менамоянд. Масалан, «...дар кишвари Олмон, Италия, Испания ва дигар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ҳадди ақал 70-80% маҳсулоти озуқаворechи ватанӣ истеҳсол ва таъмин карда мешавад» [22, с. 544].

Дар Ҷумҳурии Халқии Хитой масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ба дараҷаи ҳадафи калидии амнияти миллӣ бардошта шудааст, зеро зарурати ғизо додани шумораи бузурги аҳолӣ дар шароити маҳдудияти шадиди заминҳои корам ва захираҳои об вазифаи мураккабтарини иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин сабаб, дар ин кишвар нигоҳдории ҳаҷми муайяни майдонҳои кишт ҳамчун меъёри ҳатмии давлатӣ муқаррар гардида, коҳиши он бо мақсадҳои сохтмонӣ ё саноатӣ зери назорати қатъӣ қарор дорад.

Новобаста ба мушкилоти вобаста ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба бахши аграрӣ, ҳукумати Хитой ба низоми дастгирии дохилии соҳа такя намуда, ҳаҷми назарраси субсидия, кафолати нархҳои харид ва маблағгузории тадқиқоти илмиро таъмин менамояд.

Дар самти таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ таҷрибаи ин кишвар аз он ҷиҳат муҳим аст, ки вай 7%-и заминҳои корами дунёро ишғол намуда, зиёда аз 22%-и аҳолии кураи заминро бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин менамояд. Ҳукумати ин кишвар «...сиёсати ҳамаҷонибаи таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзиро пеш гирифта, дар ин самт корхонаҳои кишоварзӣ аз пардохти ҳама гуна андозҳо озод буда, субсидияҳои давлатӣ хеле зиёд мебошад, ки маҳсулоти ғалладонагӣ

аз арзиши бозорӣ баландтар аз корхонахои кишоварзӣ харидорӣ мегардад» [95, с. 62-70], он ба сифати чораҳои муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ дар заминаи рушди илмӣ-техникӣ маҳсуб меёбад.

Дар доираи сиёсати иқтисодии давлатӣ Ҷумҳурии Мардуми Чин барои рушди маблағгузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз дастовардҳои илмӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои нави илмӣ-техникӣ дар бахши селексия ва навъҳои хуби растаниҳо баҳравар мебошад. Яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ Дар ин хусусда маблағгузориҳои «сабз» ба ҳисоб меравад, ки тавассути он давлат аз лоиҳаҳои илмӣ ва рушди кишоварзии органикӣ пуштибонӣ менамояд.

Дар аксари кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаи ирсӣ дигаргуншуда (ГМО) равона мегардад ва дар бисёре аз онҳо талаботи дохилӣ бо маводи ғизоии худӣ ва нигоҳдории нархҳо ба маҳсулоти мазкур таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Масалан, дар Хитой ва Ҳиндустон, ки аҳолиашон зиёд мебошад, таъмини озуқа аз ҳисоби маҳсулоти мазкур таъмин карда мешавад.

Дар бахши таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди иқтисоди «сабз» нақши давлат дар ҳалли мушкилотҳои озуқаворӣ ва экологӣ муҳим мебошад. Сиёсати давлат ба таври назаррас дар дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ ва танзими бозори озуқаворӣ ифода меёбад. Дар посух ба фишори Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) консепсияи иқтисоди «сабз» амалӣ гашта, ба «...рушди соҳаҳои афзалиятноки кишоварзӣ диққати махсус дода шуда, дар конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид оид ба озуқаворӣ ва кишоварзӣ (FAO) дар Нидерландия соли 1999 ба таври васеъ масъалаи мазкур дастгирӣ карда шудааст» [36, с. 290].

Таҷрибаи Ҷопон нишон медиҳад, ки «...ҳиссаи хароҷотҳо барои озуқаворӣ дар хароҷоти умумии истеъмолкунандагони ватанӣ - 14,4%-ро ташкил медиҳад. Дар Хитой бошад, ҳиссаи озуқаворӣ дар хароҷоти истеъмолӣ барои аҳолии шаҳр - 37,7%, барои аҳолии деҳот - 46,2%-ро ташкил медиҳад. Дар ИМА аввали солҳои 80-ум ҳиссаи хароҷоти озуқаворӣ дар буҷаи умумии оила ба 16% расида, ин рақамҳо дар шароити муосир то 10% коҳиш ёфтаанд» [26, с 125].

Дастрасии ғизои экологии тоза барои аҳолӣ тавассути барномаҳои давлатии кумаки озуқаворӣ барои камбизоатҳо таъмин карда мешавад. Ин барномаҳои ҳукуматӣ ҳамчун унсури муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ ва экологӣ дар ИМА баррасӣ гардида, он барои бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда ва зиддиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ин кишвар роҳандозӣ карда шудаанд.

Аммо, барномаи кумаки озуқаворӣ на танҳо мушкилоти камғизоӣ, балки истеъмоли зиёди баъзе намудҳои маҳсулоти озуқавориро аз ҷониби давлат тавассути молҳои зиёдатӣ кам намуда, дар шароити кунунӣ даромади асосии корхонаҳои кишоварзӣ баланд ва дар мавриди нарасидани маводи озуқаворӣ ва баландшавии нархҳо ба маҳсулоти асосии озуқаворӣ коҳиш дода мешаванд.

Шуруъ аз солҳои 90-уми асри XX аксарияти кишварҳои дунё ба масъалаи таъмини бехатарии экологӣ тавассути рушди иқтисоди «сабз» ва чораҳои беҳдошти муҳити зист диққати махсус медиҳанд.

Ин тадбирҳо «...боиси мутобиқсозии сохтори истеҳсолот ва истеъмол гардида, барои рушди технологияҳои истеҳсоли «сабз» ва таъмини рушди устувор, аз ҷумла истифодаи энергияи сабз, кам кардани таъсири партовҳо ба муҳити зист ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити атмосферӣ равона мегардад» [70, с. 56-62].

Дар кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо давлат бо мақсади таъмини устувории иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити экологӣ рушди

иқтисоди «сабз» ва кишоварзии органикиро пуштибонӣ менамояд. Дар доираи татбиқи чунин сиёсат ду масъалаи калидӣ - ҳифзи муҳити зист ва фароҳам овардани озуқаворӣи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар мадди аввал меистад. Бо ин мақсадҳо татбиқи лоиҳаҳои муайян дар минтақаҳои махсус барномаҳои иқтисоди «сабз» ва устувори кишоварзӣ таҳия ва татбиқ мегарданд.

Дар Британияи Кабир бори аввал дар соли 1994 стратегияи давлатии рушди иқтисоди «сабз» қабул карда шудааст, ки он ба он соли 1999 тағйироту иловаҳо ворид гардидааст. Ҳукумати ин кишвар «...стратегияи нави рушди «иқтисоди «сабз»» ва устувор, яъне «Амнияти оянда»-ро қабул намудааст» [56, с. 188], ки татбиқи он марҳилаи нави сиёсати аграрӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Дар ин раванд, маблағгузориҳои «сабз» ҳамчун воситаи муҳими ҳалли масъалаҳои экологии соҳаи кишоварзии Фаронса баррасӣ гардида, тавассути истифодаи имтиёзҳои андозӣ-молиявӣ, ба мисли «...таъмини фоидаи корхонаҳои кишоварзӣ тавассути дастгирии давлатӣ, истифодаи имтиёзҳои андозӣ-қарзӣ, имтиёзҳо барои ҳалли масъалаҳои экологии заминҳои кишоварзӣ амалӣ мегардад» [101, с. 137-148]. Дар ин маврид, низоми махсуси ҳавасмандиҳо ва ташкили фазои сармоягузориҳо ташкил карда шудааст, ки он ба истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва асосии озуқаворӣ ҷорӣ мегардад.

Ин кишвар ба хотири коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва бартараф намудани ноадолатиҳои иҷтимоӣ ба рушди иқтисоди «сабз» таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, онро ҳамчун ҷузъи муҳимми стратегияи давлатӣ арзёбӣ менамояд. Ин стратегия аз унсурҳои зерин иборат аст [89, с. 104-105]:

- таҳия ва амалисозии барномаи дарозмуддати давлатӣ оид ба таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ;

- ба инобат гирифтани хароҷоти истеҳсолӣ ва ташкили механизмҳои дастгирии иқтисодию молиявии корхонаҳою ташкилотҳои кишоварзӣ ва соҳаҳои комплекси агросаноатӣ;

- ҷорӣ намудани усулҳои кишоварзии даврӣ (сиклӣ) ва органикӣ дар навоҳии дурдасти кишвар;

- татбиқи чорабиниҳои зарурӣ ҷиҳати коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқавории босифат, солим ва аз ҷиҳати экологӣ тоза;

- ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои экологӣ нисбат ба ифлоскунандагони муҳити зист ва ҳифзи ландшафтҳои табиӣ;

- истифодаи васеи дастовардҳои илмию техникӣ, иқтисоди рақамӣ ва «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра.

Модели рушди иқтисоди «сабз» ва Стратегияи миллии Олмон амалӣ мегардад, ки он аз чор унсури асосӣ: «…адолат дар байни наслҳо, сатҳу сифати зиндагии шоиста, муттаҳидии иҷтимоӣ ва масъулияти байналмилалӣ» [57, с. 21-25] иборат аст. Тибқи нақшаҳои рушди устувори кишвар он тавассути ВАО паҳн гардида, ояндабинии бехатарии озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зистро таъмин менамояд.

Консепсияи иқтисоди "сабз" дар Россия барои ҳалли масъалаҳои экологӣ-иқтисодӣ, иҷтимоию демографӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҡориҳо, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва даромади аҳолӣ равона карда шуда, дар ниҳояти кор ба таъмини бехатарии экологӣ ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ мусоидат карда, яке аз шартҳои асосии ҳалли чораҳои экологию иқтисодӣ ба воситаи ҳамкориҳои «марказ-минтақа» амалӣ мегарданд, ки самтҳои асосии он аз чунин амалҳо иборат мебошанд:

- амалӣ намудани тадбирҳо баҳри хуб намудани саломатии аҳолӣ тавассути истеҳсоли маҳсулоти тозаи озуқаворӣ ва беҳшавии вазъи некуаҳволӣ ва санитарию эпидемиологӣ;

- самараи истеҳсолоти аграрӣ дар шароити гузариш ба хоҷагидории «сабз» ва густариши кишти органикӣ баланд бардошта шавад. Дар баробари ин, майдонҳои зироатӣ аз таъсири эрозия ва аз сарчашмаҳои дигари олудагӣ эмин нигоҳ дошта шаванд;

- сохтори минтақаҳои саноатӣ мавриди таҷдид қарор гирад ва ҳангоми ин кор имкониятҳои иқтисодии экосистемаҳои маҳал ба инобат гирифта шавад.

Дар баъзе аз кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ба таври фаъол барномаҳои давлатӣ оид ба ҳифзи экологӣ амалӣ гашта истодаанд. Аз рӯйи маълумоти омори ҷаҳонӣ: «...хароҷоти экологӣ дар аксари кишварҳои хориҷӣ, ба мисли ИМА, Канада, Олмон аз 8 то 13%, Фаронса 21%, Ҷумҳурии Мардумии Чин - 38%, Кореяи Ҷанубӣ - 81% маблағгузорӣ карда мешавад» [49].

Масалан, дар ИМА бо назардошти таъмини бехатарии озуқаворӣ Қонун «Дар бораи барқароркунӣ ва сармоягузории иқтисодиёти Амрико» қабул гардида, ҳукумати федералӣ 90 млрд доллари ИМА барои ҳавасмандиҳои рушди «иқтисоди «сабз»» ва технологияи энергия ва захирасарфакунанда ва зиёд намудани ҷойҳои кории нави сабз равона карда шудааст.

Дар кишвари Узбекистон маблағгузориҳо ба рушди кишоварзии органикӣ, бахусус дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ бештар мебошад. Тибқи қонунгузории бахши мазкур хариду фурӯши заминҳои кишоварзӣ манъ буда, он ҳамчун гарав ва ҳадя низ пешниҳод карда намешавад

Сарчашмаи асосии маблағгузориҳо: «...барои беҳдошти вазъи экологии заминҳои кишт ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуъ,

сармоягузориҳои хориҷӣ ва қарзҳо дар ин кишвар буда, маблағҳои худӣ ва қарзии корхонаҳои кишоварзӣ (қарзҳои бонкӣ) на он қадар ҳиссаи калонро ташкил медиҳад» [61]. Афзалиятҳои бештар ба савдои озоди озуқаворӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаи худӣ дода шуда, онҳо маҳсулоти худро тибқи талаботи бозор истеҳсол карда, иҷозатномаи махсуси содироти онро мегиранд ва барои дастрасӣ ба бозорҳои байниминтақавӣ талош дошта, ба масъалаи истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза диққати махсус медиҳанд. Ин аст, ки дар шароити кунунӣ маҳсулоти кишоварзӣ ва агросаноатии ин кишварро дар бозорҳои Аврупо ва кишварҳои ИДМ бештар пайдо намудан мумкин аст.

Дар шароити муосир ба масъалаи беҳдошти вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ ва муҳити зист дар Қазоқистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ диққати махсус дода мешавад. Дар доираи низоми дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок барои амалисозии тадбирҳои экологию мелиоративӣ ҷудо карда мешаванд. Мутобиқи ин низом, истеҳсолкунандагони кишоварзӣ тавассути барномаҳои махсуси давлативу минтақавӣ аз субсидияҳо баҳраманд мегарданд.

Дар миёни ин фишангҳо дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ низоми қарзҳои имтиёзнок ҳамчун яке аз воситаҳои калидии таъмини дастрасии истеҳсолкунандагони аграрӣ ва захираҳои молиявӣ аҳамияти хос дорад. Истифодаи самараноки чунин механизмҳо барои беҳдошти вазъи экологӣ ва мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири истеҳсолӣ, баланд бардоштани тақвияти самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои аграрӣ ва таъмини рушди устувори истеҳсоли кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Густариши кишоварзии органикӣ низ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва рушди иқтисоди «сабз» ба ҳисоб рафта, ҳамасола аз

ҳисоби буҷети давлатӣ маблағҳои муайян барои беҳтар намудани вазъи экологӣ ҷудо карда мешаванд. Татбиқи ин механизмҳои дастгирӣ таҳти назорати ниҳодҳои дахлдори давлатӣ қарор дошта, ба ҳифзи захираҳои табиӣ, истифодаи оқилонаи замин ва баланд бардоштани устувории соҳаи кишоварзӣ равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ бояд мутобиқи принсипҳои рушди устувори кишвар марҳила ба марҳила амалӣ карда шавад. Барои ин чунин тадбирҳо заруранд:

- ташаккули иқтисоди «сабз» бо хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ ва принсипҳои татбиқи он дар самти корбурди оқилонаи заминҳои кишт ва ҳифзи муҳити зист зич алоқаманд аст;

- озод намудани корхонаҳои кишоварзӣ аз пардохти баъзе андозҳои давлатӣ, инчунин, дигар уҳдадориҳои давлатӣ дар сурати риояи технологияҳои муосири кишоварзии органикӣ, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва риояи меъёрҳои солимгардонии муҳити зисти аҳолӣ.

**Хулосаи боби 1-ум**

1. Дар раванди гузариш иқтисоди «сабз» як нуқтаи асосиро бояд ба назар гирифт, ки ҳадафи асосии он бояд истифодаи оқилонаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ ва муҳофизати экосистемаҳои табиӣ бошад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми арзёбии баҳои самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ бояд чунин унсурҳои асосӣ, ба мисли таъмини дурнамои даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ, коҳиш додани ҳаҷми умумии хароҷоти истеҳсолӣ, паст намудани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба инобат гирифта шавад.

2. Ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ дорои хусусиятҳои хоси худ буда, ба ҳалли масъалаҳои стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳифзи самаранок ва истифодаи оқилонаи захираҳои

табиӣ ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ нигаронида шудааст. Бо вуҷуди ин, аксари корхонаҳои кишоварзӣ дар вазъи на он қадар мусоиди молиявию иқтисодӣ ва бо қобилияти пасти пардохтпазирӣ қарор доранд.

3. Таҷрибаи аксарияти кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ дар ин кишварҳо ба ҳифзи заминҳои кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зист аҳамияти махсус медиҳанд, ҳамасола маблағҳои зиёде ба ин соҳаҳо равона месозанд.

4. Дар самти маблағгузориҳои «сабз» ба соҳаи кишоварзӣ бояд омилҳои ба ин раванд таъсиррасон ва масъалаҳои экологию иқтисодӣ ба инобат гирифта шаванд.

# БОБИ 2. РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ: ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ТАМОЮЛИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ

## 2.1. Таҳлили вазъи муосири захираҳои табиӣ ва гузариш ба иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ

Кишоварзӣ дар Тоҷикистон яке аз бахшҳои меҳварии иқтисодиёт мебошад: маҳз он аҳолиро бо маводи ниёзи аввал таъмин месозад, ба саноати коркард ашёи хом медиҳад ва барои сокинони деҳот ҷойи кор фароҳам меорад. Вале самараи ин соҳа ниҳоят нозук аст, он ба тарзи истифодаи захираҳои маҳдуди замину об, ба риояи қатъии технологияи киштукор ва ба вазъи умумии муҳити зист вобастагӣ дорад. Аз ин сабаб, беэътиноӣ дар ҳар яке аз ин самтҳо дар як муддати кӯтоҳ ба паст шудани иқтидори истеҳсолӣ оварда мерасонад.

Дар минтақаҳои кишвар вазифаи меҳварии иқтисоди «сабз» аз ҳалли як зиддияти асосӣ иборат аст: истеҳсолот бояд афзоиш ёбад, ҳол он ки захираҳои табиӣ маҳдуданд. Роҳи ҳалли пешниҳодшуда, тавсеаи кишти органикӣ ва ба меъёрҳои экологӣ мутобиқ сохтани истеҳсолот, ки маҳз ҳамин равиш ҳолати заминҳо, манбаъҳои обӣ ва муҳити атрофро беҳтар мегардонад. Таҳлили вазъи ҷории соҳа ин хулосаро тасдиқ менамояд: ҳосилнокии зироатҳо ва ҳаҷми умумии озуқаворӣ маҳз аз сабаби бесамар истифода шудани заминҳои корам, аз норасоии афзояндаи оби обёрӣ ва аз олудагии муҳити зист паст мешаванд. Аз ин сабаб, гузариш ба усулҳои нави хоҷагидорӣ ба талаби рӯз табдил ёфтааст.

Зимни таҳлилу баҳодиҳӣ, вазъи заминҳои кишоварзӣ ва солимгардонии муҳити зист аҳамияти махсус дошта, риояи чунин меъёру қоидаҳоро тақозо менамояд:

- баҳодиҳии арзиши экологию иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва ба кор бастани минтақаҳои наздикӯҳию кӯҳӣ ҳамчун захираи эҳтиётии таъмини бехатарии озуқаворӣ;

- иқтисоди «сабз» бояд ба рақобатпазирии маҳсулоти озуқавории ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ мусоидат намояд;

- ҷалби маблағгузориҳои «сабз» ва фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба минтақаҳои агросаноатӣ;

- рушди сайёҳии экологӣ ва дар заминаи он ташкили ҷойҳои нави кории «сабз» дар минтақаҳои кишвар ва ғайра.

Аз ин рӯ, таҳлили корбурди оқилонаи захираҳои табиӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқавории ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза дар дилхоҳ вақт ва ба миқдори зарурӣ шарти муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар ин маврид, «...он ҳамчун унсури махсуси экологӣ-иқтисодӣ ва шарти муҳими дастрасии ҷисмонии ғизо ва бехатарии иқтисодӣ, арзёбии сифати озуқа, сохтор ва аз нигоҳи экологӣ тоза будани он дар назар дошта шуда.» [20, с. 7-8], имконияти кафолатноки ғизои хушсифатро аз ҳисоби истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, агробиологӣ ва физиологии одамон ба роҳ монда мешавад.

Иқтидори заминҳои кишоварзӣ, дар навбати худ, ба маҷмуи омилҳову шароитҳо вобаста аст. Ин омилҳо захираҳои заминро, аз як ҷониб, ҳамчун ҳудуди муайян ва аз ҷониби дигар, ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот муайян месозанд. Воситае, ки метавонад ба муҳити зист ва бехатарии озуқаворӣ таъсири манфӣ расонад. Дар ҷадвали 2.1. иқтидори захиравӣ-табиӣ дар низоми комплекси агроозуқаворӣ оварда шудааст.

Аз ҷадвали мазкур дида мешавад, ки иқтидори заминҳои кишоварзӣ миёни захираҳои табиӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ ба сифати воситаи асосии истеҳсолот, таъмини озуқаворӣ ва экологӣ хизмат

мекунад. Аз ин рӯ, заминҳои кишоварзӣ ва дигар омилҳои соҳа якҷоя бо шароити табииву иқлимӣ бояд дуруст ва оқилона истифода бурда шаванд, то ба таъмини сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолӣ хизмат намоянд.

Ба андешаи Раҷабзода Ҳ.Ҷ. «...муддати солҳои тулонӣ чунин мешумориданд, ки бинобар сабаби аз ҳад зиёд истифода бурдани сарватҳои табиӣ муҳити зист осебпазир маҳсуб меёбад, аммо истифодаи оқилонаи онҳо, муҳофизат ва беҳтар намудани вазъи экологӣ ба яке аз мушкилоти муҳимтарини инсоният табдил ёфта истодааст» [90, с. 421-426].

**Ҷадвали 2.1. - Иқтидори захиравӣ-табиӣ кишвар дар низоми комплекси агроозуқаворӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз»**

| Иқтидори захиравӣ-табиӣ | Захираҳои замин | Минералҳо | Захираҳои ҷангал | Захираҳои обӣ | Ҳавои атмосфера | Захираҳои фароғатӣ-маишӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ашёвӣ | х | х | х | х | х | х |
| Комплекси озуқаворӣ | | | | х | х | |
| Фароғатӣ (маишӣ) | х | | х | х | х | х |
| Соҳаи кишоварзӣ | х | | х | х | х | |
| Муҳофизатӣ | х | | х | | х | |
| Нақлиётӣ | х | | | | х | |
| Ҷойгиркунии объектҳои сохтмонӣ, саноатӣ ва дигар эҳтиёҷот) | х | х | | | | |
| Муҳофизат ва танзими захираҳои обӣ | х | | х | х | | |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи адабиётҳои илмӣ [69, с. 14-18]

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аз ҳама бештар истифодаи нодурусти захираҳои замину об дар бахши кишоварзӣ мушоҳида гардида, он ба ҳосилхезии пасти заминҳои кишоварзӣ ва ифлосшавии муҳити атроф боис мегардад. Қайд кардан ба маврид аст, ки: «...дар шароити кунунӣ зиёда аз 60%-и заминҳои обёришаванда ба эрозия дучор буда, дар 90% онҳо шӯразанӣ ва 23% баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ба назар мерасад. Зарари иқтисодӣ аз ҳар як гектар замин бо воҳиди пулӣ, ба ҳисоби миёна 1093 сомониро ташкил медиҳад»[113, с. 3].

Ҳалли масъалаҳои мазкур аз баланд бардоштани маданияти заминдорӣ ва урфу одати мардуми тоҷик ва фарҳанги экологии аҳолӣ вобастагӣ дошта, ба истеҳсоли ҳарчи бештари маҳсулоти тозаи экологӣ ва беҳдошти вазъи ландшафтҳои табиӣ мусоидат мекунад. Омили мазкур бо назардошти шароитҳои нави хоҷагидорӣ ва истифодаи технологияи нави «сабз»-и парвариши зироатҳо ва ҷалби маблағҳои молиявӣ ба такрористеҳсол, нигоҳдорӣ ва беҳдошти вазъи экологии заминҳои кишт ва экосистемаҳои минтақавӣ равона мегардад.

Ба андешаи Муҳаббатов Х.: «...Баҳисобгирии дурусту дақиқ метавон дар бораи осебпазирии соҳаи кишоварзӣ дар натиҷаи таъсири ҳодисаҳои табиӣ, аз ҷумла гидрометеорологӣ ба вуҷуд омада, талафоти марбут ба фаъолияти одамон ва дигар пайомадҳои ғайриметеорологӣ хеле зиёд мебошад» [82, с. 7-12]. Омилҳои мазкур ба вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зист дар якҷоягӣ тавассути истифодаи дурусти нуриҳои органикӣ, навҳои хуби тухмӣ ва экологикунонии раванди истеҳсолот ва ғайра таъсири мусбат мерасонад.

Дар диаграммаи 2.1. сохтори заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи сохтори кишти он оварда шудааст.

**Диаграммаи 2.1. - Сохтори заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар дар соли 2024**




**Сарчашма:** [8, с. 16-17].

Тавре аз диаграммаи 2.1 бармеояд, масоҳати заминҳои кишоварзӣ, бахусус заминҳои обёришаванда аз ҳисоби дигар категорияҳои замин, ба монанди ҷангалҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва замини аҳолӣ (инфиродӣ) тамоюли афзоиш дорад.

Дар шароити кунунӣ дар минтақаҳои кишвар яку якбора бадшавии вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ ва экосистемаи табиӣ мушоҳида мегардад, ки он ба афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои мамлакат ва талаботи зиёд ба маводи асосии озуқаворӣ ва ифлосшавии муҳити зист вобаста аст.

Афзоиши аҳолӣ ва норасоии маҳсулоти асосии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ ба тезутундшавии вазъи экологии заминҳои кишт ва вазъи муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонад. Дар шароити минтақаҳои кишвар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бо назардошти меъёри физиологӣ аз 40 то 60%-ро ташкил дода, истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир ва тухм ҳамасола 8,7, 25,4 ва 5,7%-и нисбати талаботи аҳолӣ таъмин мегардад (ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Шумораи аҳолӣ ва сохтори он солҳои 2019-2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Шумораи аҳолӣ, млн нафар | | | Аҳолии деҳот бо % |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | аз он ҷумла, | | |
| | | шарҳҳо | деҳот | |
| 2019 | 9313,8 | 2438,9 | 6874,9 | 73,8 |
| 2020 | 9716,8 | 2796,2 | 6920,6 | 71,2 |
| 2021 | 9856,8 | 2844,1 | 7012,7 | 71,1 |
| 2022 | 10078,4 | 2906,0 | 7172,4 | 71,1 |
| 2023 | 10288,3 | 2969,6 | 7318,7 | 71,1 |
| 2024 | 10508,5 | 3055,4 | 7453,1 | 70,9 |

**Сарчашма:** [8, с. 26], Аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст. Дар асоси омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2025с. саҳ. 26.

Аз маълумоти ҷадвали 2.2. бармеояд, ки аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 73,8 % дар соли 2024 ин нишондиҳанда 70,9 %-ро ташкил менамояд, ки нисбати соли 2019 дар соли 2024 2,9 банди фоизи кам шудааст.

Барои таъмини самаранокии экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзӣ чорабиниҳои маҷмуӣ, яъне: «...амалӣ намудани киштгардонӣ аз нигоҳи илмӣ асоснокнамудаи заминҳои кишт, мулчаронии онҳо, истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, тибқи меъёрҳои муайяннамудаи кишоварзӣ, бо сифати баланд дар муҳлатҳои зарурӣ риояи корҳои агротехникӣ ва мелиоративӣ, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ғайра зарур мебошад» [33, с. 170].

Татбиқи ин чорабиниҳо боиси баланд шудани ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ ва ҳаҷми зиёди маҳсулоти озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зист мегардад. Ҳалли масъалаҳои мазкур аз дастгирии давлатӣ, бахусус ҳавасмандиҳои молиявӣ-андозӣ оид ба нигоҳдорӣ, такрористеҳсолу ҳифз ва беҳдошти вазъи экологии замини кишоварзӣ низ вобастагӣ доранд.

Афзоиши аҳолӣ ва норасоии маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар ба тезутундшавии вазъи озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зист оварда мерасонад. Тибқи маълумоти ҷадвали 2.3, дар минтақаҳо сатҳи

истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ нисбат ба меъёрҳои физиологӣ дар ҳудуди 40-60% қарор дорад. Ба ҳамин монанд, вобаста ба ниёзи солонаи сокинон, худтаъминкунӣ бо гӯшт ба 25,0%, бо шир ба ҳамагӣ 4,4% ва бо тухм ба 16,4%-ро ташкил медиҳад.

Аз маълумоти ҷадвали 2.3. бармеояд, ки дар минтақаҳои кишвар истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба сари аҳолӣ камтар аз меъёри физиологӣ барои маҳсулоти озуқа мебошад. Ба хотири устувории таъмини озуқаворӣ ва пойдории соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои асосии кишоварзӣ то 3-5 баробар афзоиш дода шавад. Расидан ба ин нишондиҳанда танҳо дар шароити рӯй овардан ба иқтисоди «сабз», аз ҷумла тавассути густариши кишоварзии органикӣ имконпазир мегардад.

**Ҷадвали 2.3. - Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар нафар аҳолӣ (кг)**

| Номгӯйи Маҳсулот | СОЛҲО | | | | | 2024/ 2020,% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Ғалладона | 165,0 | 161,8 | 175,0 | 172,3 | 174,1 | 105,5 |
| Картошка | 108,7 | 106,8 | 109,6 | 112,3 | 121,6 | 111,8 |
| Сабзавот | 263,5 | 264,9 | 272,0 | 297,2 | 317,2 | 120,3 |
| Полезӣ | 80,5 | 83,5 | 84,4 | 99,2 | 110,1 | 136,7 |
| Мева ва буттамева | 49,7 | 45,3 | 51,3 | 65,2 | 79,2 | 159,3 |
| Ангур | 25,4 | 27,3 | 30,2 | 18,7 | 27,9 | 109,8 |
| Гӯшт (дар вазни зинда) | 16,0 | 16,7 | 17,5 | 19,6 | 20,0 | 125,0 |
| Шир | 108,5 | 106,3 | 106,6 | 109,8 | 113,3 | 104,4 |
| Тухм (дона) | 104,5 | 107,4 | 121,4 | 120,2 | 121,7 | 116,4 |

**Сарчашма:** [6, с. 15]. Бо ҳисоби муаллиф таҳия шудааст. Дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмуаи оморӣ. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2025с. саҳ. 15.

Дар ин раванд, татбиқи чораҳои дастҷамъонаи ташкилӣ-хоҷагидорӣ, экологӣ-иқтисодӣ, таъмини ҳуқуқи истифодаи замин, ҳавасмандиҳои иқтисодии нигоҳдорӣ ва беҳдошти экосистемаи минтақавӣ зарур мебошад. Ба андешаи Темиров К.А. «...раванди такрористеҳсолот дар заминаи иқтисоди «сабз» бояд бо шартҳое ба роҳ монда шавад, ки аз як тараф,

барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намуда, аз тарафи дигар, тақдири насли оянда зери хатарҳои табиию экологӣ гузошта нашаванд.» [99, 199-206] ва таназзулёбӣ (деградатсия)-и заминҳои обёришаванда ба паст шудани ҳосилнокии зироатҳо ва камшавии ҳосили маҳсулоти асосии озуқаворӣ боис мегардад.

**Ҷадвали 2.4. - Тамоюли таназзулёбӣ (деградатсия)-и заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ (гектар)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | 2024/2020, бо % |
|---|---|---|---|
| | 2020 | 2024 | |
| **Майдони умумӣ, га** | | | |
| **Дар ҷумҳурӣ** | 99793 | 97782 | 97,9 |
| Минтақаи Хатлон | 28065 | 27991 | 99,7 |
| Минтақаи Суғд | 33216 | 32212 | 97,0 |
| НТҶ | 28221 | 28001 | 99,2 |
| **Майдони заминҳои шӯршазада, га** | | | |
| **Дар ҷумҳурӣ** | 88964 | 91041 | 102,3 |
| Минтақаи Хатлон | 16213 | 24148 | 148,9 |
| Минтақаи Суғд | 21221 | 23124 | 108,9 |
| НТҶ | 18851 | 19221 | 101,9 |
| **Майдони заминҳои ба эрозия дучоршуда, га** | | | |
| **Дар ҷумҳурӣ** | 2768 | 1794 | 64,8 |
| Минтақаи Хатлон | 2218 | 1468 | 71,0 |
| Минтақаи Суғд | 321 | 212 | 66,1 |
| НТҶ | 212 | 100 | 47,1 |
| **Заминҳои ботлоқшуда, га** | | | |
| **Дар ҷумҳурӣ** | 6066 | 3625 | 59,7 |
| Минтақаи Хатлон | 2683 | 1446 | 53,9 |
| Минтақаи Суғд | 3016 | 1200 | 39,7 |
| НТҶ | 367 | 123 | 33,5 |
| **Заминҳои биёбонгашта, га** | | | |
| **Дар ҷумҳурӣ** | 1995 | 1323 | 66,3 |
| Минтақаи Хатлон | 1751 | 1160 | 66,2 |
| Минтақаи Суғд | 125 | 86 | 68,8 |
| НТҶ | 119 | 77 | 64,7 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024.

Маълумоти ҷадвали 2.4 нишон медиҳад, ки эрозияи хок дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар давраи солҳои 2020-2024 дар як сатҳ – 97,9 ҳазор гектар боқӣ мондааст, яъне дар ин самт ҳеҷ пешравие ба назар намерасад. Ҳамин рақам аз он шаҳодат медиҳад, ки корҳои экологию мелиоративӣ дар минтақаҳои обёришаванда бо суръати зарурӣ пеш намеравад: дар натиҷа, тақрибан 2,1 фоизи заминҳои кишт аз ҷиҳати экологӣ дар ҳолати номатлуб қарор гирифтааст.

Дар тули даҳсолаи охир вазъи экологию мелиоративии заминҳои обёришаванда дар вилоятҳои Хатлону Суғд, аз ҷумла дар ноҳияҳои Носири Хусрав, Қубодиён, Вахш, Фархор, Ҳамадонӣ, Восеъ, Ашт, Бобоҷон Ғафуров ва Мастчоҳ ба таври назаррас коҳиш ёфта, танҳо дар ҳудуди 10 то 20% арзёбӣ мегардад.

Дар ҷадвали 2.5. динамикаи сохтори заминҳои кишоварзӣ дар категорияҳои хоҷагидорӣ барои солҳои 1991-2024 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.5. - Тамоюли сохтори заминҳои кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ, солҳои 1991-2024.**

| Зироатҳои кишоварзӣ | СОЛҲО | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | | 1995 | | 2005 | | 2024 | |
| | ҳаз. га | % | ҳаз. га | % | ҳаз. га | % | ҳаз. га | % |
| Ҳамагӣ майдони кишт | 814,1 | 100 | 759,9 | 100 | 864,0 | 100 | 861,5 | 100 |
| аз ҷумла: Ғалла ва ғалладонаҳо | 231,7 | 28,5 | 264,9 | 35,0 | 421,4 | 48,8 | 393,3 | 45,7 |
| Зироатҳои техникӣ | 310,1 | 38,1 | 284,9 | 37,4 | 277,4 | 32,1 | 193,7 | 22,5 |
| аз ҷумла: пахта | 298,8 | 36,7 | 268,4 | 35,3 | 238,6 | 27,6 | 166,3 | 19,3 |
| Картошка | 12,8 | 1,6 | 9,8 | 1,2 | 25,5 | 2,9 | 56,8 | 6,6 |
| Сабазавот | 28,0 | 3,4 | 26,7 | 3,5 | 30,2 | 3,5 | 78,4 | 9,1 |
| Полезиҳо | 10,9 | 1,3 | 9,8 | 1,3 | 10,3 | 1,2 | 23,8 | 2,7 |
| Хӯроки чорво | 220,6 | 27,1 | 161,8 | 21,2 | 99,2 | 11,5 | 115,5 | 13,4 |

**Сарчашма:** [6, с. 18-20]. Бо ҳисоби муаллиф таҳия шудааст. Дар асоси нишондиҳандаҳои асосии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - Саҳ.18-20.

Рақамҳои ҷадвали 2.5 нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 1991-2024 таркиби киштзорҳои кишоварзии кишвар тағйироти сифатии ҷиддӣ аз сар гузаронидааст. Се омил ба ин раванд асар гузоштааст - гузаронидани ислоҳоти аграрӣ, дигаргун шудани талаботи бозор ва зарурати таъмини фаровонии озуқа, ки дар натиҷа, нисбати гурӯҳҳои асосии зироатҳо ба ҳамдигар аз нав муқаррар гардид.

Дар доираи ин раванд, дар сохтори умумии заминҳои кишт ҳиссаи зироатҳои хӯроки чорво 13,4 фоиз, зироатҳои техникӣ 22,5 фоиз, аз ҷумла кишти пахта 19,3 фоиз ва сабзавот 9,1 фоизро ташкил дода, ин таносуб аз як тараф, нигоҳ доштани мавқеи анъанавии пахтакорӣ ва аз тарафи дигар, тамоюли тадриҷии тахассусёбии хоҷагиҳо ба маҳсулоти ба талаботи бозори дохилӣ мувофиқро инъикос менамояд.

Баръакс заминҳои кишти картошка - 56,8 ҳазор гектар ё 6,6 % ва кишти ғалла ва ғалладонаҳо дар соли 2024 – 393,3 ҳазор гектар ё 45,7 % зиёд шудааст. Чунин раванди тақсимоти заминҳои кишоварзӣ боиси он мегардад, ки истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар минбаъда ба 534,8 ҳазор тонна ва истеҳсоли картошка - 964,8 ҳазор тонна расонида шавад.

Яке аз самтҳои асосии татбиқи амалии иқтисоди «сабз» дар минтақаҳои кишоварзӣ кишоварзии органикӣ ба ҳисоб рафта, он ба консепсияи рушди устувори кишвар бо назардошти омилҳои табиӣ-иқлимӣ ва ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ мусоидат мекунад.

Кишвари мо аз ҳамаи заминаҳои зарурӣ барои таъмини бехатарии экологӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» бархурдор аст. Дар ин раванд, коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити атроф яке аз ҳадафҳои марказӣ маҳсуб меёбад, ки амалисозии он тавассути ҷалби сармоягузориҳои «сабз» ба минтақаҳо сурат мегирад. Дар натиҷа, ин раванд ба эҳёи иқтисоди кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии он ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар минтақаҳои кишоварзӣ аз рушди соҳаҳои он вобастагӣ дошта, ҳамчун кафили таъмини маҳсулоти тозаи экологӣ ва беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ, ба рақобатпазирии молу маҳсулоти худӣ, рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва таъмини истиқлолияти озуқаворӣ барои солҳои минбаъда хизмат менамояд. Ин вазъ усулҳо ва роҳҳои танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва бозори дохилии озуқавориро тақозо намуда, тавассути чораҳои дастҷамъии зерин татбиқ мегардад, ки миёни онҳо муҳимашон инҳо мебошад:

- фароҳам овардани фазои мусоид барои ташаккулу рушди иқтисоди «сабз» дар кишоварзӣ. Ин раванд аз як тараф, ба корбурди дурусти заминҳои кишт, аз ҷумла заминҳои обёришаванда, ва аз тарафи дигар, ба хусусиятҳои иқлимии минтақа такя намуда, ба талаботи бозори дохилӣ равона мегардад;

- ҳар қадар шумораи аҳолӣ тезтар афзояд ва талабот ба маҳсулоти ниёзи аввал бештар гардад, ҳамон қадар фишор ба заминҳои кишоварзӣ зиёд шуда, вазъи экологии онҳо бадтар ва дараҷаи ифлосшавии муҳити зист баландтар мегардад. Ин ҳолат дар ниҳоят ба сатҳи таъмини бехатарии экологию озуқаворӣ таъсир нарасонда наметавонад. Бинобар ин, гузаронидани корҳои муштараки экологию мелиоративӣ ва ирригатсионию обёрӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ зарурати ногузир мегардад;

- дар шароити ташаккули иқтисоди «сабз» пеши сиёсати аграрии давлат ду вазифаи асосӣ меистад: бо озуқаи истеҳсоли худӣ ба андозаи зарурӣ қонеъ сохтани сокинон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии иҷтимоии онҳо. Ин вазифаҳо ба таъмини бехатарии экологӣ пайванди ногусастанӣ дошта, тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои замину об ва беҳдошти вазъи муҳити зист ва экосистемаҳои минтақавӣ амалӣ мегардад;

- таъмини истиқлолияти озуқаврии кишвар дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», истифодаи самараноки захираҳои замини кишти кишоварзӣ ва рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ.

Ба андешаи диссертант яке аз унсурҳои муҳими кишоварзии органикӣ ин истеҳсол ва коркарди маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба саломатии одамон безарар ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи гузариш ба рушди иқтисоди «сабз» то солҳои 2023-2037 қабул карда шудааст, ки тибқи он бояд ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти технологияҳои наву аз нигоҳи экологӣ тоза ва ба муҳити зист безарар равона гардидааст.

**Ҷадвали 2.6. - Коркарди маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тозаи озуқаворӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» (ҳасиби ҳалол), тонна**

| **Минтақаҳо** | **СОЛҲО** | | | | | **2024/2020, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | |
| Хатлон | 400 | 449 | 656 | 567 | 619 | 154,8 |
| Суғд | 4641 | 1989 | 2199 | 1584 | 1667 | 35,9 |
| НТҶ | 103 | 203 | 37 | 43 | 62 | 60,1 |
| ВМБК | - | - | - | - | 0,5 | - |
| ш. Душанбе | 1913 | 3311 | 1651 | 2279 | 2292 | 119,8 |
| **Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **7057** | **5952** | **4543** | **4473** | **4641** | **65,7** |

**Сарчашма:** [9, с. 49]. Бо ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омории саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Саноат. - Душанбе. - 2025. - С. 49.

Таҳлили ҷадвали 2.6 нишон медиҳад, ки тайи солҳои таҳлилгардида истеҳсоли маҳсулоти ҳасиби ҳалол дар минтақаи Хатлон 54,8 % ва шаҳри Душанбе 19,8 % зиёд аст. Аммо дар дигар минтақаҳо баръакс ин нишондиҳандаҳо хеле паст мебошад, ки сабаби асосии онро мо дар талаботи камтар ба ин маҳсулоти озуқаворӣ мебинем.

Тайи солҳои охир ҳаҷми истеҳсолу коркарди маҳсулоти гӯштӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ва тарзи ҳаёти солими аҳолӣ мавқеи муҳим дорад (ҷадвали 2.7).

**Ҷадвали 2.7. - Ҳаҷми истеҳсоли гӯшт, якҷоя бо калапочаҳои навъи 1 тозаи экологӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», тонна**

| Минтақаҳо | СОЛҲО | | | | | 2024/2020, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Хатлон | 28971 | 30782 | 30631 | 31021 | 28446 | 98,1 |
| Суғд | 30124 | 19636 | 21810 | 24845 | 34076 | 113,1 |
| НТҶ | 6281 | 6435 | 7716 | 5516 | 5986 | 95,3 |
| ВМБК | 39 | 16 | - | - | 27 | 69,2 |
| ш. Душанбе | 4110 | 10774 | 10556 | 11390 | 12097 | 2,9 мар |
| **Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **69525** | **67643** | **70713** | **72772** | **80632** | **115,9** |

**Сарчашма:** [9, с. 49].

Аз ҷадвали 2.7. бармеояд, ки ҳаҷми коркарди маҳсулоти гӯштӣ (якҷоя бо калапочаҳои навъи 1) дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» дар минтақаҳои кишвар рӯ ба афзоиш дошта, дар маҷмуъ, он 15,9 % дар давраи таҳлилӣ афзудааст. Дар минтақаи Суғд 13,1 % ва шаҳри Душанбе 2,9 маротиба истеҳсоли маҳсулоти ҳалоли гӯштӣ зиёд шудааст.

Барои тарзи зиндагии солим ва дарозумрии аҳолӣ дар аксарияти кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ таваҷҷуҳ ба истеҳсолу истеъмоли панири равғанӣ (якҷоя бо бринза) дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» зиёд карда мешавад. Дар ҷадвали 2.8. ҳаҷми истеҳсоли панири равғанӣ (якҷоя бо бринза) дар минтақаҳои кишвар оварда мешавад.

**Ҷадвали 2.8. - Истеҳсоли панири равғанӣ (якҷоя бо бринза) дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», тонна**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | 2024/2020, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Хатлон | 7,5 | 9,2 | 14,1 | 18,8 | 18,0 | 2,4 маротиба |
| Суғд | 170 | 162 | 219 | 436 | 387 | 2,2 маротиба |
| НТҶ | 0,5 | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 4,0 | 8,0 % |
| ш. Душанбе | 48 | 56 | 56 | 55 | 181 | 3,7 маротиба |
| **Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 226 | 227 | 290 | 511 | 590 | 2,6 маротиба |

**Сарчашма:** [9, с. 50].

Ҷадвали 2.8 нишон медиҳад, ки ҳамроҳ бо густариши иқтисоди «сабз» ва ташкили коркарди саноатии маҳсулот дар минтақаҳо истеҳсоли панири равғанӣ ва бринза 2,6 баробар афзудааст. Аз ҷумла, дар минтақаи Хатлон истеҳсоли он - 2,4 маротиба, Суғд - 2,2 ва шаҳри Душанбе - 3,7 маротиба зиёд шудааст. Вале бо сабабҳои гуногун ин нишондиҳандаҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хеле паст мебошад. Бо сабабҳои ҷалби ками сармояҳо ба соҳаи кишоварзӣ ва рушди сайёҳии экологӣ, татбиқи ҳадафҳои гузариш ба иқтисоди «сабз» хеле суст ҳаллу фасл мегардад.

Дар ратсион (меъёр)-и хӯрока истеъмоли маҳсулоти ширӣ мавқеи калон дорад, бахусус барои кӯдакони хурдсол зимни давраи инкишофёбӣ аз рӯйи талаботи байналхалқӣ истеъмоли шири холис дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» хеле муҳим мебошад (ҷадвали 2.9).

Аз ҷадвали 2.9. бармеояд, ки ҳаҷми коркарди маҳсулоти ширӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» аз ҳисоби талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба ин намуди маҳсулот тамоюли зиёдшавӣ дорад. Яъне дар давраи таҳлилгардида истеҳсол ва коркарди маҳсулоти ширӣ дар минтақаҳои

мамлакат ба 27,2 % афзоиш ёфтааст. Дар вилояти Хатлон ин нишондиҳанда ба 15,7 %, ВМБК - 33,3 %, шаҳри Душанбе 10,4 % зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2.9. - Ҳаҷми коркарди маҳсулоти шири аз нигоҳи экологӣ тоза (бо ҳиссаи шир) дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», (ҳазор тонна)**

| Минтақаҳо | СОЛҲО | | | | | 2024/2020, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Хатлон | 1,9 | 2,0 | 2,0 | 2,2 | 2,2 | 115,7 |
| НТҶ | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 75,0 |
| ВМБК | 0,03 | 0,03 | 0,01 | 0,01 | 0,04 | 133,3 |
| ш. Душанбе | 6,7 | 6,8 | 6,8 | 6,9 | 7,4 | 110,4 |
| **Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **15,4** | **16,4** | **17,3** | **19,0** | **19,6** | **127,2** |

**Сарчашма:** [9, с. 50].

Агар захираҳои кишоварзӣ ба ниёзи ҳақиқии сокинон дуруст мутобиқ гардонида шаванд, сухан дар бораи маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ ва молҳои коркарди саноатии ашёи хом меравад, дар шароити ташаккули иқтисоди «сабз» имконияти зиёд намудани истеҳсоли ғизои барои муҳити зист безарар ба вуҷуд меояд. Ҳамзамон, ин раванд ба таъмини ҷойҳои нави кории «сабз» ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат менамояд.

Ба ин тартиб, таҳлили вазъи корбурди заминҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» нишон медиҳад, ки кишвар рӯ ба азхудкунии заминҳои наздикӯҳию кӯҳӣ овардааст. Бо такя ба дастовардҳои истеҳсолию техникии соҳа ва истифодаи оқилонаи иқтидори захиравию табиии минтақаҳо метавон ба истиқлолияти пурраи озуқаворӣ ноил гашт. Ва маҳз тавассути татбиқи амалии тадбирҳои экологию мелиоративӣ рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таъмин хоҳад гардид. Ин дар навбати худ, ба истеҳсоли ҳарчи бештари маҳсулоти озуқаворӣ дар майдони заминҳои кишт тавассути назорати давлатӣ ва

мақсаднок истифода бурдани онҳо, ба таъмини бозори дохилии кишвар бо маҳсулоти тару тозаи ғизоӣ равона мегардад, аз қабили:

- истифодаи самараноки маблағҳои ғайрибуҷетӣ оид ба чорабиниҳои маҷмуии беҳдошти вазъи экологии заминҳои кишт ва экосистемаҳои минтақавӣ;

- такмили механизмҳои ҳавасмандии молиявию иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти озуқавории аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳифзи экосистемаҳои табииву минтақавӣ;

- густариши кишоварзии органикӣ ва «экологӣ» гардонидани истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз»;

- дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмию техникӣ ва ҷорӣ намудани навовариҳо дар соҳаи кишоварзии минтақаҳо. Татбиқи ин тадбирҳо дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», ҷалби маблағгузориҳои «сабз» ба ҳифзи муҳити зист ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ, ба беҳдошти вазъи агроландшафтҳо мусоидат менамояд. Ин масъала мавзуи баррасии зербоби навбатии рисолаи илмӣ хоҳад буд.

## 2.2. Маҳакҳо (индикаторҳои) асосии баҳои иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ

Дар шароити тағйирёбии иқлим ва бад шудани вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи бештар ба омилҳои табиӣ-иқлимӣ ва агробиологӣ ҳамчун унсури муҳими рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дода мешавад. Дар давраи дигаргуниҳои сохтории соҳаи кишоварзӣ як силсила мушкилоти экологию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба миён омад, ки таҳқиқи онҳо аҳамияти назариявию амалӣ пайдо кардааст. Ин мушкилот, пеш аз ҳама, бо истифодаи ғайриоқилонаи заминҳои кишт ва таъсири манфӣ ба муҳити атроф алоқаманд буда, дар ниҳоят ба вазъи ҳосилхезии хоку заминҳои кишоварзӣ низ таъсир мегузорад. Барои

беҳтар намудани ҳолати мавҷудаи кишоварзӣ бояд ба модели нави рушди он, иқтисоди «сабз», ки бо экологикунонии раванди истеҳсолоти кишоварзӣ ва низоми агроэкологию табиӣ сахт алоқаманд мебошад, гузашт.

Низоми экологӣ-иқтисодӣ дар навбати худ, ба донишҳои илмӣ ва экологӣ такя менамояд ва ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ таъсири худро расонида, дар бахши истифода ва такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зист хизмат менамояд. Бояд қайд кард, ки «...тайи даҳсолаи охир ба сатҳи низоми озуқаворӣ, аз ҷумла занҷирҳои таъминоти озуқавории кишоварзӣ ва шаклҳои истеъмол васеъ шудааст» [103, с. 19-24]. Дар ин хусус, бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ аз ҳисоби таъмини маводи ғизоӣ, беҳшавии вазъи зиндагии аҳолӣ ва зарарҳои экологӣ ба муҳити зист ва ғайра баҳогузорӣ ва муайян карда мешаванд.

Хатарҳои экологӣ ва озуқаворӣ маънои эҳтимолияти рух додани амалҳои номатлубро дар дохил ё берун аз кишвар дар назар дорад, ки метавонанд ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ таъсири манфӣ расонанд. Чунин хатарҳо, чун қоида, зимни истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ, аз ҷумла заминҳои кишоварзӣ, ва афзоиши ифлосшавии муҳити атроф ба вуҷуд меоянд. Хатарҳои ғизоӣ хоҳ аз дохили кишвар бошанд, хоҳ аз берун бехатарии экологӣ-иқтисодиро халалдор месозанд. Онҳо дар шаклҳои мухталиф амал мекунанд ва натиҷаи манфии худро дар масъалаи фаровонии озуқа, дар вазъи муҳити зисти сокинон ва дар мустаҳкам шудани вобастагӣ ба воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ аз давлатҳои хориҷӣ намоён мегардонанд. Вобаста ба зарурат ва мубрамияти онҳо ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ба 3 гурӯҳи асосӣ ҷудо менамоянд:

- «...хатарҳо ба муҳити зисти аҳолӣ ва коҳиши газҳои гулхонаӣ» [53, с. 99-118, 40-42];

- «...таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизои солим» [91, с. 17-23];

- «...сатҳи даромаднокии хонаводаҳо ва аҳолӣ» [77, с. 140-153].

Тибқи арзёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисоди «сабз» ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ рӯйи маҳакҳои асосӣ баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ мегардад, ки он аз ҷониби ККО СММ Кумита оид ба рушди кишоварзӣ ва озуқаворӣ пешниҳод гардида, аксарият кишварҳои аъзои он қабул кардаанд, ки дар ҳамоҳангсозӣ бо вазъи озуқа ва ҳифзи муҳити атроф онро истифода мебаранд.

Аз ҷониби дигар, таҳдиди масъалаҳои глобалӣ ва минтақавии озуқаворӣ, ба мисли беназоратии кӯчиши аҳолӣ дар дунё, афзоиши бемайлони аҳолӣ, ифлосшавии муҳити зист, нобаробариҳои иҷтимоӣ, гуруснагӣ ва қашшоқӣ, сатҳи баланди муриши аҳолӣ, масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, маҳдудияти захираҳои табиӣ ва амсоли инҳо ба миён меоянд, ки як қисмати онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хос мебошад.

Хатарҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар бахши аграрӣ зери таъсири маҷмуи омилҳои гуногун ба вуҷуд меоянд, ки ба онҳо ҳам сабабҳои табиӣ - фарсудашавии хок, норасоии об ва номуътадилии иқлим ва ҳам сабабҳои субъективӣ, аз қабили сатҳи пасти техникию технологии истеҳсолот, маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва такмил наёфтани механизмҳои идоракунӣ дохил мешаванд. Хусусияти ин хатарҳо дар он аст, ки онҳо якдигарро тақвият дода, мушкилоти сирф экологӣ дар муддати кӯтоҳ ба оқибатҳои вазнини иҷтимоию иқтисодӣ табдил меёбад. Дар ин росто: «...экологикунонии раванди истеҳсолоти кишоварзӣ ва ё гузариш ба низоми агроэкологӣ барои таъмини аҳолӣ нақши калон дошта, он ба ҳадафҳои стратегии давлат алоқаманд мебошад.

Таҷрибаи нодурусти истифодаи захираҳои замин, аксар вақт ба тағйирёбии сохтори хок, вайроншавии қабатҳои гумуси хок ва тағйирёбии об ва таъминоти маводи ғизоӣ оварда мерасонад, ки ин

омилҳо боиси таназзулёбии заминҳои кишт ва кам шудани ҳосили зироатҳои кишоварзӣ мегардад»[75, с. 3-8]. Ҳамаи ин ченакҳо дар интиҳо ба сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ таъсир расонида, зарурати таҳқиқи баҳои нишондиҳандаҳои асосии иқтисоди «сабз» ва рушди устувори соҳаи кишоварзиро тақозо менамоянд.

Ҳамзамон, таъсири бuҳронҳои озуқавории ҷаҳонӣ ва иқтисодӣ-молиявӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди иқтисоди «сабз» низ нақши калон мебозад. Дар ин маврид, бояд ба устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ диққати махсус дода шуда, дар ин ҷараён омилҳои байнисоҳавӣ ё минтақавӣ ба назар гирифта шавад.

Аслан барои арзёбии баҳои иқтисоди «сабз» дар низоми хоҷагидорӣ нишондиҳандаҳое истифода бурда мешавад, ки онҳоро шартан ба нишондиҳандаҳои мустақим ва ғайримустақим ҷудо менамоянд. Ба нишондиҳандаҳои мустақим инҳо дохил мешаванд:

- ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти миллӣ, дар мавриди мо маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зист;

- ҳиссаи содирот дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар дар як давраи муайян (дар як сол);

- ҳиссаи воридот дар истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайриозуқаворӣ;

- ҳиссаи сармояи хориҷӣ дар ҳаҷми умумии андӯхти кишвар (сармояи воқеӣ ва портфелӣ) ва ғайра.

Қайд кардан зарур аст, ки: «...бинобар сабаби фаъолияти манфии биологӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба муҳити зисти аҳолӣ метавонад ба саломатии инсон ва муҳити табиӣ - хок, об, олами набототу ҳайвонот таъсири манфӣ мерасонад» [1, с. 25-30]. Ҳадди ногувори он ба сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ таъсири худро мерасонад.

Яке аз ченакҳои муҳими баҳои иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ ин даромад ба ҳисоб рафта, вобаста ба он ки то кадом андоза

ҳосили баланд ва дараҷаи ҳосилнокии заминҳо баланд буданро зимни кишти зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи экологии онҳо бо сарфаи ками хароҷотҳо ва тадбирҳои экологӣ-ирригатсионӣ нишон медиҳанд. Аз таҷриба бармеояд, ки зимни гузариш ба иқтисоди «сабз» ва экологикунонии ҷараёни соҳаи кишоварзӣ дараҷаи даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ то 66 % баланд мегардад.

Барои татбиқ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ усули зерин пешниҳод карда мешавад:

Дс = Дф + См – Аа – Ап **(2.2.1),**

Аз ин ҷо:

Дф - даромад аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (навъу миқдори зироатҳои кишоварзӣ, шумораи чорво, бахусус соҳаи чорводорӣ ва дигар намудҳои фаъолият, ки аз фурӯши онҳо бо дарназардошти нархи бозорӣ ба даст меоянд);

См - субсидия ва маблағгузориҳо барои ҳифзи муҳити зист;

Аа - арзиши аслии маҳсулот (тухмипошӣ, нуриҳои минералию органикӣ, зоти чорво, хӯроки он, ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасониҳои байторӣ, сарфи энергия);

$А_п$ - андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, арзиши меҳнат, фоизи қарзҳои бонкӣ, иҷорапулии заминҳо ва фарсудашавии мошину таҷҳизот дар давраи муайяни корӣ.

Дараҷаи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар ин маврид аз сиёсати аграрии давлат дар минтақаҳои кишвар нақши калон мебозад. Илми иқтисод дар ин бахш ду шакли сиёсатро дар танзими он пеша менамояд, ки он аз сиёсати савдои озод ва сиёсати ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ иборат мебошад. Дар мавриди аввал, давлат тавассути мақомоти гумруки кишвар асосан вазифаи бақайдгирии воридшавии молу маҳсулотро назорат мебарад.

Ин гуна сиёсати давлатӣ дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ва корхонаҳои кишоварзии рақобатпазир ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, баръакс, барои таъмини бозори дохилӣ, молу маҳсулоти худии тозаи экологӣ, сатҳи баланди боҷи гумрукӣ ва маҳдудиятҳои воридотӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ин ченакҳо таъсири сиёсати иқтисодии давлатро оид ба масъалаҳои бехатарии экологӣ ва беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ нишон медиҳад.

Вобаста ба вижагиҳои истеҳсолию хоҷагидорӣ, тамоми меъёрҳои марбут ба рушди иқтисоди «сабз» ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ ба ду гурӯҳ - умумӣ ва натуравӣ ҷудо мешаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар танҳоӣ ин нишондиҳандаҳои иқтисоди «сабз» ё беҳдошти муҳити зист хеле мушкил мебошад. Аз ин рӯ, истифодаи дастҷамъонаи ченакҳои мазкур дар вақт ва муқоисаи фазою макон хеле бамаврид мебошад. Дар ҷадвали 2.10. ченакҳои баҳои рушди иқтисоди «сабз» ва беҳдошти муҳити зист дар соҳаи кишоварзӣ ва инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ аз нигоҳи Бонки умумиҷаҳонӣ оварда шудааст.

Тавре аз ҷадвали 2.10. бармеояд, диққати аввалиндараҷа бояд ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои табиатғунҷоишӣ ва энергияғунҷоишӣ ҳамчун меъёрҳои калидӣ равона карда шавад. Зимни гузариш ба иқтисоди «сабз» ин нишондиҳандаҳо аз омилҳои зерин вобастагӣ доранд:

- хароҷоти нисбӣ аз ҳисоби захираҳои табиӣ ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот, яъне ҳамчун ченаки табиатғунҷоиши истеҳсолот;

- ифлосшавӣ ба ҳар як намуди маҳсулоти озуқаворӣ, яъне нишондиҳандаи шиддатнокии ифлосшавии муҳити атроф аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидорӣ.

**Ҷадвали 2.10. - Индикаторҳои баҳодиҳии вазъи хоҷагии ҷаҳонӣ ва муҳити зисти аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ**

| Индикаторҳо | Дар ҷаҳон, ҳамагӣ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|---|
| Аҳолӣ, млн нафар | 7850,8 | 10,3 |
| Масоҳат, ҳаз. км кв. | 130 331 | 143,1 |
| ММД, трлн долл. ИМА, млрд долл. ИМА | 77,8 | 6,7 |
| **Кишоварзӣ** | | |
| Заминҳои кишоварзӣ, % масоҳат | 38 | 28,6 |
| Заминҳои обӣ, млн га | 8700 | 0,742 |
| **Ҷангал** | | |
| Масоҳати ҷангал, ҳаз. км кв, ҳаз. га. | 38 611 | 421,2 |
| Масоҳати ҷангал бо % аз масоҳати умумии замин | 29,7 | 3,0 |
| **Энергия** | | |
| ММД ба ҳар як воҳиди энергияи истифодашаванда, доллари ИМА бо дарназардошти паритети қобилияти харидорӣ, 2000/кг ҳамарзиш (эквивалент)-и нафтӣ | 4,6 | 1,2 |
| Истифодаи қувваи барқ ба ҳар сари аҳолӣ (ҳамарзиши нафтӣ), кг | 1699 | 4288 |
| Истифодаи қувваи барқ ба ҳар сари аҳолӣ, кВт соат | 2225 | 4291 |
| Саҳми қувваи барқ, ки аз ангишт истеҳсол карда мешавад, бо % аз ҳаҷми умумӣ | 39,1 | 16,4 |
| **Партовҳо ва ифлосиҳо** | | |
| Партовҳои диоксид ба ҳар сари аҳолӣ, тоннаи метрӣ | 3,8 | 9,9 |
| Автомобилҳои сабукрав, ба 1000 одам | 105 | 132 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ таҳия карда шудааст.

Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид дар шакли дастҷамъӣ зимни гузариш ба иқтисоди «сабз» ва рушди устувори кишвар аз 134 номгӯи маҳакҳои баҳодиҳии он дар соҳаи иқтисодиёти кишвар истифода менамояд. Аммо, муайян намудан ва истифодаи онҳо дар рушди

алоҳидаи соҳаҳо, аз ҷумла бахши кишоварзӣ вазифаи хеле мушкил ва ҳатто ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, Созмони Милали Муттаҳид ва Бонки умумиҷаҳонӣ доир ба шохиси (индекси) рушди устувори соҳаи кишоварзӣ маҳакҳои интегралӣ ва низомии (яъне якҷояшударо) пешниҳод менамоянд.

Тайи даҳсолаҳои охир дар таҷриба истифодаи ченакҳои интегралии рушди иқтисоди «сабз» ва беҳдошти муҳити зист истифода бурда мешавад, ки аз ҳама бештар аз нигоҳи услубӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаст, ки он баҳисобгирии омилҳои экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар котиботи Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод мекунад. Ин раванд ба гузариш ба иқтисоди «сабз» ва солимгардонии муҳити зист такя намуда, имконияти пайванди нишондиҳандаҳои иқтисодиро бо вазъи экосистемаҳои табиӣ фароҳам меорад. Дар ин ҳолат, ба сифати нишондиҳандаи умумии макроиқтисодӣ метавон маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ё маҳсулоти софи экологии дохилиро дохил намуд. Ба таври одӣ услуби ин ченаки баҳои онҳо пешниҳод карда мешавад:

МСДЭ = ММД − ТСА − БАХЗТ − БАЗЭ, **(2.2.2)**

дар ин ҷо:

МСДЭ - маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи озуқаворӣ;

ММД - маҷмуи маҳсулоти умумии кишоварзӣ;

ТСА - талабот ба сармояҳои асосӣ ва иловагӣ;

БАХЗТ - баҳои арзиши ифлосшавии муҳити зист аз ҳисоби истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

БАЗЭ - баҳои зарарҳои экологӣ-иқтисодӣ.

Яке аз шартҳои асосии дурустии ин ченакҳо ба инобат гирифтани зарари воқеӣ аз ифлосшавии муҳити зист ва истифодаи ғайрисамараноки заминҳои кишти минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад, зеро бидуни чунин ҳисоб нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҳолати ҳақиқии соҳаро таҳриф намуда, самараи зоҳирии кӯтоҳмуддатро ҳамчун дастоварди устувор

нишон медиҳанд. Ҳамин тариқ, ҳаҷми зарари экологии расонидашуда ҳамчун яке аз меъёрҳои калидии баҳодиҳии дараҷаи «сабз» будани иқтисодиёт баромад мекунад.

Ба сифати намуна метавон ба методикаи баҳодиҳии Бонки умумиҷаҳонӣ ишора намуд, ки дар доираи он барои кишварҳои гуногун ҳисобҳои махсус гузаронида шуда, фарқияти назарраси байни нишондиҳандаҳои анъанавии иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои дорои таркиби экологӣ ошкор карда мешавад. Аҳамияти ин методология дар он аст, ки он аллакай аз ҷониби шумораи зиёди давлатҳои ҷаҳон ба таври расмӣ пазируфта шуда, ҳамчун воситаи муқоисаи байналмилалии сифати рушд ва арзёбии фарсудашавии сармояи табиӣ истифода мегардад.

Барои баҳодиҳии дурусти таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ як қатор нишондиҳандаҳои алоҳида истифода мешаванд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- хусусиятҳои агробиологии маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар;

- истеъмоли моддаҳои калориядори озуқа ба ҳар сари аҳолӣ;

- сатҳи каллорияи маводи ғизоӣ ва миқдору сифати ғизои истеъмолӣ барои категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ;

- сатҳу сифати ғизои истеъмолӣ, миқдори ғалла ва содироту воридоти он ва миқдори истеҳсоли озуқаи худӣ ва ғайра.

Яке аз ченакҳои муҳими бехатарии экологӣ ин коэффитсиенти ҳадди ақали он нисбати таносуби нархҳо ба маводи ғизоӣ бо назардошти субсидияи нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Дар аксарияти ҳолатҳо бехатарии озуқаворию экологӣ аз рӯйи дастрасии молиявии аҳолӣ, сатҳи истеъмолӣ, аз ҷумла озуқаи кӯдакони то панҷсола, ҳифз ва саломатии кӯдаку модар, дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ва фоиданокии ғизои истеъмолӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Талабот дар бозори дохилии озуқаворӣ ба ғизоҳои асосӣ, ки барои саломатии одамон, инкишофи организм муҳим буда, барои маводи гуногуни озуқаворӣ ченаки асосии рушди иқтисоди «сабз» ва соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи саломатии одамон ба ҳисоб меравад. Ҳангоми баҳои маводи ғизоии ниёзи аввалия мушоҳида мегардад, ки аз ҳама маҳсулоти муҳим ва ивазнашаванда ин маҳсулоти картошка, лӯбиёҳо, равған, қанд, маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ маҳсуб ёфта, онҳо то 90%-и калориянокӣ доранд.

Бояд қайд намуд, ки миқдори захираҳои ғалладонагӣ дар муқоиса ба меъёри истеъмолии солонаи аҳолӣ низ ченаки таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ дар вобастагӣ ба ҳифзи муҳити атроф ба ҳисоб рафта, он аз ҷониби ташкилоти ФАО баҳогузорӣ мегардад. Истеҳсоли захираҳои ғаллаи худӣ дар муқоиса бо истеъмоли солонаи он сатҳи бехатарии озуқавориро муайян карда, он дар ҳаҷми 20% аз истеъмоли ҷаҳонӣ баҳогузорӣ мегардад. Тайи даҳсолаҳои охир ин ченак дар сатҳи байналмилалӣ пасттар буда, он дар андозаи 16% баҳогузорӣ карда мешавад. Аз ин хотир, ташкилоти ФАО услуби нави баҳои таъмини бехатарии экологию озуқавориро пешниҳод намудааст, ки он ба миқдори захираи ғизоии таъмин будани аҳолиро нишон медиҳад.

Ба сифати нишондиҳандаи сатҳи бехатарии озуқаворӣ ва экологии ҳаҷми зарурии истеҳсоли захираи ғалла эътироф шуда, нигоҳдории ҳосили соли оянда баҳогузорӣ карда шуда, он сатҳи истеҳсолу истеъмоли ғалла ба ҳар аҳолӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин нишондиҳандаҳо сатҳи таъмини озуқаи сифаташ баландро дар минтақаҳо ва кафолати сифати маводи ғизоиро дар ҳолатҳои фавқулода, ба монанди тағйирёбии иқлими сайёра, хушксолӣ ва чораҳо, ки аз маҳсулоти ғизоӣ таъмин намудани аҳолиро нишон медиҳад.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки «...рушди соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ талаботи аҳолиро бо маводи озуқаворӣ ва

агросаноатӣ дар минтақаҳо таъмин менамояд. Дараҷаи худтаъминкунии маводи озуқаворӣ бояд аз 60% кам набуда, он ба вазъи инқирозӣ қарор доштани ТБО арзёбӣ мегардад» [11, с. 35]. Рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ ва кишоварзии экологӣ дар ин раванд, ба сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ ба озуқа ва яке аз ченакҳои асосии баҳои бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ маҳсуб меёбад.

Барои баҳогузорӣ ба вазъи амнияти озуқаворӣ ва экологӣ дар ҳудуди минтақаҳо як гурӯҳ меъёрҳо ба кор бурда мешаванд:

- чӣ андоза маҳсулоти хӯрокворӣ воқеан дастрас аст (сатҳи худтаъминкунӣ); истеҳсоли маводи ғизоӣ ба меъёри истеъмоли як нафар то кадом дараҷа ҷавобгӯ мебошад; ҳаҷми воридоту содирот дар кадом сатҳ қарор дорад; тавозуни савдои хориҷӣ чӣ гуна аст ва зарби таъминот бо озуқаи ватанӣ ба кадом рақам баробар мешавад;

- ченакҳое, ки дастрасии озуқаро барои аҳолӣ ва оилаҳо баҳогузорӣ намуда, он дастрасии озуқаро зимни пардохтпазирии аҳолӣ, тақсимоти онро барои табақаҳои аҳолӣ, ҳаҷм, сохтори хароҷот ва нархҳои дастрас ба озуқаи худӣ;

- ченаки сатҳу сифати бехатарии экологӣ ва кифоягии озуқаро тавсиф дода, сифати ғизои истеъмолӣ, назорати калориянокӣ ва парҳезии онҳоро баҳо медиҳад.

Натиҷаи таҳлил гувоҳи он аст, ки як қатор маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳо ба андозаи ба талаботи аҳолӣ ҷавобгӯ истеҳсол намешавад. Барои муайян сохтани сатҳи воқеии худтаъминкунӣ бо озуқаи ватанӣ ва дараҷаи қонеъ гардидани ниёзи мардум ба маводи асосии ғизоӣ зарби махсуси худтаъминкунӣ (Ks) ба кор бурда мешавад:

$$Ks = \frac{q}{n * qp} \qquad \textbf{(2.2.3)}$$

ки дар ин формула:

Ks - зарб (нишондиҳандаи нисбӣ), ки дараҷаи таъминоти аҳолиро бо маҳсулоти ғизоии истеҳсоли ватанӣ ифода менамояд;

q - миқдори маҳсулоти асосии озуқаворие, ки дар ҳудуди мавриди таҳлил дар давоми сол воқеан ба даст оварда мешавад;

n - шумораи сокинони ҳамон ҳудуд дар соли ҳисоботӣ;

qp - меъёри тасдиқшудаи истеъмоли ғизои солим, ки барои як нафар дар як сол пешбинӣ гардидааст.

Коэффитсиенти худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ барои ҳар як намуди маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар асоси шумораи аҳолӣ муайян карда мешавад, бояд бо назардошти шароити табиию иқлимии минтақаҳои кишвар ҳисоб карда шавад. Яъне $K_c$ метавонад арзиши дигарро касб намояд ва ин ченак (Kc>0,5) бояд паст бошад ва он қобили қабул дар мавриди (0.5<Kc-0,9) ё дараҷаи ҳадди ақалли он, яъне (0,9<Kc?1)-и худтаъминкунии аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Дараҷаи қонеъ гардидани ниёзи физиологии инсон бо ёрии зарби истеъмоли воқеӣ (Kfp) муайян карда мешавад. Моҳияти он аз муқоисаи ду бузургӣ иборат аст - истеъмоли ҳақиқии ғизо дар давраи таҳлилшаванда (qfact) ва меъёри оқилонаи истеъмол (qnorm):

$$\mathbf{Kfp} = q_{\text{ҳақиқӣ}} \,/\, q_{\text{меъёрӣ}} \quad \mathbf{(2.2.4)}$$

ки дар он:

$q_{\text{ҳақиқӣ}}$ - миқдори воқеии маҳсулоти ғизоии истеъмолшуда ба ҳар сари аҳолӣ дар давраи муайян, кг/нафар;

$q_{\text{меъёрӣ}}$ - меъёри оқилонаи (тавсияшудаи) истеъмол барои як нафар дар ҳамон давра, кг/нафар.

Коэффитсиенти истеъмоли воқеӣ ($K_{fp}$) дар шароити минтақаҳо бо арзишҳои зерин баҳогузорӣ мегардад: $K_{fp}$? - 0,5 - хеле паст; 0,5<$K_{fp}$? - 0,95 мувофиқи мақсад; 0,95< $K_{fp}$=1, меъёри дурусти воқеӣ мебошад. Баҳои коэффитсиенти воқеӣ барои истеъмоли ғизои тоза аз рӯйи арзиши миёнаи индикаторҳо баҳогузорӣ мегардад.

Барои арзёбии баҳои дастрасии иқтисодии озукаворӣ якчанд ченаки дигар истифода бурда мешаванд, ба мисли ($K_b$) - сатҳи камбизоатии аҳолӣ, ($K_p$) - қобилияти истеъмолӣ ва ($K_J$) - коэффисиенти Ҷинӣ. Баҳогузорӣ мазкур аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, тибқи омори расмӣ ҳисоб карда мешавад..

Маҷмуи меъёру нишондиҳандаҳои арзёбӣ мустаъмали нишондиҳандаҳои иловагӣ буда, вобаста ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва татбиқи сиёсати аграрии давлат амалӣ карда мешавад. Сиёсати агроозуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар бояд бо назардошти таҳияи сиёсати минтақавии агроозуқаворӣ ва самаранокии танзими бозори дохилӣ тарҳрезию амалӣ гардад.

Таҳлилу баҳодиҳии нишондиҳандаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва муқоисаи маълумоти онҳо дар сатҳи минтақаҳои кишвар имкон медиҳад, ки вазъи умумии бехатарии озуқаворӣ ва суръати рушди бозори озуқаворӣ арзёбӣ карда шавад. Тайи даҳсолаҳои охир дар заминаи ташкили базаи моддӣ-техникӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ин мушкилот осонтар бартараф карда мешавад. Дар шароити муосир такмили сохтори соҳавии кишоварзӣ ва махсусгардонии истеҳсолот бо назардошти тамоюли таъмини ғизоҳо барои рушди иқтисоди «сабз», сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зист ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳамин тавр, бо истифода аз усулу роҳҳои асосии баҳои самаранокии рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» ҳалли чорабиниҳои зерин зарур мебошад:

- дар идоракунии аграрӣ вазифаи меҳварӣ ба танзим даровардани истифодаи муътадили заминҳои корам мебошад: агар сохтори илмии кишт, навбати зироатҳо ва меъёрҳои коркард дуруст риоя гарданд,

барориши маҳсулоти ғизоӣ бе он ки майдонҳо васеъ карда шаванд, зиёд мегардад;

- бад шудани вазъи таъминоти озуқаворӣ ва шиддат гирифтани нишонаҳои буҳрони экологӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳамчун раванди ба ҳам алоқаманд зоҳир гардида, он натиҷаи ҷамъшавии дарозмуддати мушкилоти ҳалношуда дар низоми истифодабарии захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад;

- рушди иқтисоди «сабз» на танҳо барои таъмини бехатарии озуқаворӣ. балки ба рушди устувори минтақаҳои кишвар барои солҳои минбаъда хизмат хоҳад намуд. Ин дар навбати худ, ба бартараф намудани хатарҳои экологӣ ва озуқаворӣ мусоидат намуда, ба рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар хизмат менамояд.

- маблағгузориҳои «сабз» аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба беҳдошти муҳити зист дар заминаи барномаҳои мақсадноки давлатӣ, фаъолияти маҷмуии ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва экологӣ-иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

Умуман, ҳалли дастҷамъонаи чорабиниҳои мазкур ба рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуда, ба беҳдошти муҳити зист заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Ҳалли ин мушкилот дар доираи истиқлолияти озуқаворӣ аз истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз ҷумла истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва об ва дастгирии давлатии ҳифзи муҳити зист вобастагӣ дорад, ки онро дар боби оянда мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор медиҳем.

## Хулосаи боби 2

1. Таҳлили вазъи ҷории бахши аграрӣ ба чунин хулоса меорад: пойдории рушди минтақаҳои кишвар, пеш аз ҳама, аз иҷрои корҳои мелиоративӣ вобаста аст. Дар ин самт ду навъи чорабинӣ зарур мебошад - аввалан, таъмиру эҳёи шабакаи заҳкашӣ дар майдони 387,2 ва 58,0 ҳазор гектар; сониян, васеъ намудани шабакаи обёрӣ дар 5,44 ва 17,8

ҳазор гектари заминҳои обёришаванда. Иҷрои саривақтии ин корҳо имкон медиҳад, ки сатҳи обҳои зеризаминӣ ба меъёри муқарраршуда расонида шуда, раванди шӯршавӣ ва ботлоқшавии заминҳои корам пешгирӣ ва ҳосилнокии зироатҳо ба таври назаррас баланд бардошта шавад. Дар баробари корҳои техникӣ, беҳтар гардонидани вазъи экологию мелиоративии заминҳои обӣ ба назорати мунтазам ва танзими самараноки давлатӣ эҳтиёҷ дорад, зеро танҳо дар ин ҳолат метавон истифодаи заминро мутобиқи таъиноти он таъмин намуд.

2. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 самтҳои афзалиятнок ва тартиби иҷрои чорабиниҳои гузариш ба модели нави хоҷагидориро муайян менамояд, аз ин рӯ, иҷрои пайгиронаи он барои беҳсозии вазъи умумии кишоварзӣ, болоравии ҳосилнокии зироатҳо ва камтар гардидани зарар ба муҳити зисти сокинон нақши ҳалкунанда дорад. Фоидаи амалии ҳуҷҷат дар ҳамоҳангсозӣ намоён мешавад: фаъолияти мақомоти давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шарикони рушд дар як низоми ягонаи ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои санҷидашаванда муттаҳид мегардад. Ҳадафи ниҳоӣ бошад, мустаҳкамии амнияти озуқаворecho кишвар аст, ба он бо роҳи истифодаи муътадили заминҳову манбаъҳои обӣ ва ҷорӣ намудани техникаву технологияи муосир, ки барои афзоиши устувори истеҳсолот пояи воқеӣ мегузорад, ноил шудан мумкин мебошад;

3. Дараҷаи амалӣ шудани қоидаҳои иқтисоди «сабз» саломатии муҳити атроф ва пойдории соҳаи кишоварзиро муайян месозад. Дар ин раванд се вазифа аз ҳамдигар ҷудо нестанд: истеҳсоли ғизои тоза ва барои тандурустии мардум безарар, ба кор даровардани технологияҳои экологӣ ва равона сохтани маблағгузории мақсаднок ба ин самт. Танҳо дар сурати ҳамоҳангии ҳамин се ҷузъ натиҷаи воқеӣ ба даст меояд - вагарна тадбирҳои алоҳида ба маъракa табдил меёбанд ва ҳолати хок, манбаъҳои обӣ ва сифати маҳсулот беҳтар намешавад. Мавқеи хоса дар

ин ҷо ба низоми бонкӣ тааллуқ дорад, зеро маҳз муассисаҳои қарзӣ метавонанд хизматрасониҳои нави молиявӣ - қарзҳои имтиёзноки «сабз» барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фишангҳои «сармоягузории сабз»-ро ба амалияи ҳамарӯза дароранд;

4. Барои рушди иқтисоди «сабз» ва соҳаи кишоварзӣ, механизми ҳамкории «давлат - истеҳсолот - илм» нақши муҳим дорад. Ин механизм дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тавассути ҳавасмандгардонии молиявии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти соҳа амалӣ карда мешавад. Барои татбиқи он, дастгирии давлатии кластерҳои агросаноатӣ, афзоиши шумораи корхонаҳои саноатии коркарди ашёи хоми кишоварзӣ ва пуштибонии ташкилотҳои хизматрасони комплекси агросаноатӣ зарур мебошад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Танзими давлатии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ

Таҷрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад, ки пешрафти соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, аз дараҷаи ҳамкории судманди давлат бо бахши хусусӣ вобаста аст. Худи расидан ба ҳадафҳои иқтисоди «сабз» низ аз ҳамин омил канда нест: бидуни пуштибонии давлатӣ - хоҳ дар шакли ҳавасмандии молиявию иқтисодӣ, хоҳ тавассути тадбирҳои ҳифзи муҳити атроф татбиқи амалии онҳо хеле мушкил мегардад. Маҳз бо ҳамин сабаб чунин пуштибонӣ ҳамчун калиди асосии таъмини рушди устувор арзёбӣ мешавад.

Дар ин замина, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, ки такягоҳи худро аз танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ мегирад, дар самти таъмини амнияти экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мақоми истисноиро касб намудааст.

Фароҳам овардани муҳити институтсионалӣ ва ба кор андохтани механизмҳои молиявию иқтисодӣ василаи асосии татбиқи танзими давлатии иқтисоди «сабз» ва рушди кишоварзии органикӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, «...зарурати танзими фаъолонаи давлатӣ тавассути истифодаи ҳавасмандгардонӣ ва сармоягузории мустақими хориҷӣ мебошад. Маблағи давлат барои барқарор кардани иқтидори техникӣ, ба анҷом расондани сохтмони объектҳои пешина, мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникӣ, дастгирии корхонаҳои хурду миёна маҳсуб меёбад» [86, с. 93-97]. Ҳадафи чунин дастгирии давлатӣ ин қобилияти иқтисодиёти кишоварзиро дар бахши таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва аз нигоҳи экологӣ тоза ва барои саломатӣ безарар, таъмини фурӯши онҳо дар бозорҳои минтақавиро дар назар доранд.

Ин раванд тавассути муқоисаи мунтазами вазъи воқеии рушди соҳаи кишоварзӣ бо нишондиҳандаҳои махсуси ташаккули иқтисоди «сабз» амалӣ мегардад, ки маҳз ҳамин муқоиса имкон медиҳад танзими давлатии соҳа мутобиқи мақсад ба роҳ монда шавад. Дар ин ҷараён, таносуби талабу пешниҳод нисбат ба маҳсулоти озуқаворӣ дар бозори дохилии кишвар низ ба инобат гирифта мешавад. Ба андешаи Исайнова М. Ҳ. «...дар чунин шароит давлатро зарур меояд, ки бояд кадом намуди маҳсулот ва хизматҳоро дар минтақаҳо ба роҳ монад, бо кадом миқдор молу маҳсулот истеҳсол намояд, чӣ гуна минтақаҳоро ба истеҳсоли як намуди маҳсулоти махсусгардонидашуда (вобаста аз шароитҳои табию иқлимӣ) мувофиқ созад ва ҳудуди алоқаҳои байниминтақавӣ чӣ қадар бошад»[32, с. 9].

Барои давлат истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, таъмини аҳолӣ бо озуқаи хушсифат, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва кафолати безарарии маҳсулоти ватанӣ дар бозори минтақавӣ ва берун аз он шарти муҳим ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама, аз истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ вобастагии амиқ дорад. Оид ба ин масъала Шералиев Э.Н. чунин менависад, ки «...яке аз масъалаҳои муҳими истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ - ин ташкили механизми иқтисодии танзими истифодаи заминҳои обёришаванда ба ҳисоб меравад. Ин механизм, пеш аз ҳама, дар муқаррар намудани пардохтҳо барои истифодаи заминҳои обёришаванда, ҷорӣ намудани меъёрҳо ва манъ кардани истифодаи ғайрисамараноки онҳо, ҷаримаситонӣ ва дигар ҷавобгариҳо, ки ба вайроншавии ҳолати экологии заминҳои обёришаванда оварда мерасонад, инъикос меёбад» [104, с. 213].

Гузариш ба иқтисоди «сабз» зарурати таъмини бехатарии озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зистро дар ҳамбастагӣ бо фаъолияти хоҷагидорӣ, тавассути ҳавасмандиҳои молиявӣ-қарзӣ, истифодаи имтиёзҳои андозию гумрукӣ, фонди мақсадноки давлатӣ ва истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва

амсоли инҳо зарур мебошад. Дар ин раванд, таваҷҷуҳ бояд ба инкишофи инфрасохтори истеҳсолию бозорӣ, рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳот ва ҳавасмандиҳои молиявии истеҳсолкунандагони ватанӣ зоҳир карда шавад.

Ба андешаи Солеҳзода А.А., Фасеҳзода И.С. «...дар ин маврид ташкили низоми самарабахши экологӣ ва ҳимояи заминҳои киштшаванда дар афзун намудани нақши давлат дар низоми бехатарии озуқаворӣ нақши калон дорад» [43, с. 50].

Аз ин рӯ, дар ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» ба механизми ҳавасмандиҳои молиявӣ-қарзӣ диққати махсус дода, асоснокнамоии сиёсати давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, бахусус рушди кишоварзии органикӣ равона мегардад. Ба андешаи Шамсиев К.Б. «...раванди сусти ташаккул ва рушди неруи сармоягузорӣ-инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ, набудани механизми самараноки ташкилӣ-иқтисодии идоракунии онҳо боиси поин рафтани самаранокии ҳосили меҳнат ва истеҳсолоти кишоварзӣ мегардад»[102, с. 211-213].

Танзими давлатии рушди иқтисоди «сабз» ва масъалаҳои экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ тавассути самаранокии амалкарди механизмҳои экологӣ-иқтисодӣ роҳандозӣ гардида, вай аз истифодаи оқилонаи захираҳои замину об ба хотири истеҳсоли ҳарчи бештари маводи ғизоии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва беҳдошти муҳити атроф вобастагӣ дорад.

Ба андешаи Исайнов Ҳ.Р., Арабов Ф.П. «...барои ташкили чунин механизми танзими бехатарии экологии истифодаи захираҳои замину об дар соҳаи кишоварзӣ мақоми калидӣ мувофиқати баланси танзими масъалаҳои ҳифзи заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз ҷониби институтҳои давлатӣ ва шахсӣ, амалкарди онҳо дар заминаи принсипи фарҳанги экологӣ ва баробарии иҷтимоӣ мебошад» [30, с. 115]. Ин мушкилоти экологии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар

заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» тавассути танзими фаъоли давлатӣ амалӣ мегардад.

«...Танзими давлатии соҳаҳои иқтисодиёт вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, имрӯз, вобаста ба таҳримҳои иқтисодӣ, ивазкунии воридоту содироти маҳсулоти озуқаворӣ, суст будани назорати комплекси агросаноатӣ ва бозори озуқаворӣ, кам шудани маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ, масъалаи сиёсати воридотивазкунӣ аҳамияти илмӣ пайдо намуда, рӯз то рӯз мубрамтар мегардад» [92, с. 137], чунки дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» вазифаи асосии давлат ба ҳисоб меравад. Ин вазифаи давлат аз таъмини молу маҳсулоти озуқаи худӣ ва рақобатпазирии онҳо дар бозори дохилии озуқаворӣ иборат буда, самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва беҳдошти муҳити зистро дар мавриди камчинии ғизо ва оқибатҳои нохуши иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ ба роҳ мемонад.

Дар ин самт, нақши калидиро сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ мебозад, ки маҳз дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, вазифаи давлат, пеш аз ҳама, дар фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти агроозуқаворӣ зоҳир мешавад - омиле, ки дар ниҳоят бозори дохилиро бо маҳсулоти худӣ таъмин месозад.

Танзими давлатӣ дар моҳияти худ маҷмуи тадбирҳои хусусияти қонунгузорию иҷроия ва назоратӣ буда, тавассути он фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба хотири расидан ба вазъи муътадили иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ ба низом даровarda мешавад. Сарчашмаи ин раванд такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи кишоварзӣ, тавсияҳои амалӣ ва корҳои назоратӣ буда, ҳадафи ниҳоии он таъмини бехатарии озуқаворию экологист.

Дар шароити муосир «...нақши фаъоли танзимкунии давлат, дар асоси дастовардҳо ва рушди иқтисоди бозорӣ дар ин раванд хеле муҳим арзёбӣ мегардад» [100, с. 5-13]. Давлат дар ин маврид, ба сифати кафили таъмини бехатарии озуқаворӣ, ҷараёнҳои тағйирёбии нархҳо дар бозори дохилӣ ва беҳшавии вазъи иҷтимоии аҳолӣ хизмат менамояд".

Танзими иқтисоди «сабз» на як амали яктарафа, балки низоми бисёрҷанбаи таъсиррасонӣ мебошад, ки дар он иқтисодиёти кишоварзӣ ҳамчун объекти асосӣ баромад намуда, давлат вазифаи субъекти танзимкунандаро ба ухда мегирад. Таҷрибаи назариявӣ ва амалӣ нишон медиҳад, ки бе иштироки давлат чунин механизм ба таври комил ба кор намедароял, зеро самараи экологӣ хусусияти ҷамъиятӣ дошта, бозор онро мустақилона ба нархи маҳсулот интиқол намедиҳад. Аз ин сабаб, зарурати танзими давлатӣ ба шакли моликият ба замин ва ба намуди ташкилию ҳуқуқии хоҷагидорӣ марбут набуда, барои ҳамаи субъектҳои хоҷагидор яксон боқӣ мемонад. Ба андешаи Муртазоев О. Қ. «...бо дарназардошти таҳдидҳои эҳтимолӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иқтидори захираҳои кишоварзӣ, ки бо тағйирёбии иқлим имконпазиранд, мушкилоти мубрами таҳкими мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ, аз ҷумла дар бахши кишоварзӣ ба миён меояд» [81, с. 151-164]. Ин вазъ чораҳои зарурииро дар самти муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ташаккули муносибатҳои нави хоҷагидорӣ, бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ тақозо менамояд.

Механизмҳо ва фишангҳои таъсиррасонии давлат ба рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити гузариш ба модели «сабз» дар доираи ҳадафҳои умумии сиёсати иқтисодии кишвар татбиқ гардида, ҳангоми интихоби онҳо бояд ҳам таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳам зарурати мустаҳкам намудани амнияти озуқавории миллӣ ба инобат гирифта шаванд. Ба ин фишангҳо низоми андозбандии ҳавасмандкунанда,

сиёсати қарзию буҷетӣ, танзими нархҳо, стандартикунонии экологӣ ва дастгирии тадқиқоти илмию татбиқи навовариҳо дохил мешаванд, ки таъсири воқеии онҳо танҳо дар истифодаи маҷмуӣ ва пайдарпай зоҳир мегардад.

Ҳадафи ниҳоии танзими давлатии иқтисоди «сабз» дар бахши аграрӣ хусусияти иҷтимоӣ дошта, пеш аз ҳама, ба ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони ватанӣ тавассути таъмини дастрасии онҳо ба маҳсулоти бехатар, босифат ва аз ҷиҳати нарх мувофиқ равона гардидааст.

Ба андешаи Обидов К. Р., Гурезова Ш.А. «...манбаи муҳим барои рушди иқтисоди «сабз» дар кишвар дастгирии сармоягузории муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд мебошад. Ҳамкориҳои молиявии онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои рушди иқтисоди «сабз» бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявии Тоҷикистон нақши калидӣ доранд» [85, с. 171-177].

Роҳи асосии татбиқи ин масъалаҳо, пеш аз ҳама, «экологӣ» гардонидани истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари он, пуршиддатгардонии (интенсификатсияи) соҳаҳои кишоварзӣ ва ҷалби сармоягузориҳои «сабз» ба хотири татбиқи технологияҳои тозаи экологӣ ва ҷорӣ намудани низоми нави хоҷагидорӣ ба роҳ монда мешавад. Самараи соҳаи кишоварзӣ аз он вобаста аст, ки давлат кадом усулу фишангҳои танзимро ба кор мебарад. Хусусияти хоси чунин фишангҳо дар тағйирпазирии онҳо зоҳир мегардад: маҷмуи воситаҳои танзим як бор ва барои ҳамеша муқаррар намешавад, балки мутобиқи шароити воқеӣ такмил меёбад. Ба ин раванд ду омил бештар таъсир мерасонад - аввалан, тафовути минтақаҳо аз ҷиҳати дараҷа ва самти инкишоф; сониян, вазнин гардидани ҳолати муҳити зист, ки ҷорӣ намудани фишангҳои нави хусусияти экологидоштаро тақозо менамояд.

Ин омилҳо дар навбати худ ба бехатарии озуқаворию экологӣ таъсир мерасонанд (расми 3.1).

Мазмуни ин ҳадаф аз доираи масъалаҳои экологӣ фарохтар аст. Дар қатори онҳо таъминоти боэътимоди озуқа ва суботи молиявии хоҷагиҳо низ ҷой доранд. Байни ин ду ҷанба алоқаи бевосита мавҷуд аст: технологияҳои нави экологӣ сармоягузории ибтидоии назаррас талаб мекунанд ва самараи онҳо аксаран пас аз чанд сол зоҳир мегардад, бинобар ин, хоҷагии аз ҷиҳати молиявӣ заиф чунин хароҷотро аз уҳда баровaрда наметавонад. Аз ин сабаб, мустаҳкам гардонидани вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидор шарти пешакии экологӣ гардонидани истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Амалисозии ин ҳадафҳо тавассути ҷалби маблағгузориҳои «сабз» ба барқарорсозии заминҳои фарсуда, тавсеаи истеҳсоли маҳсулоти органикӣ, бунёди ҷойҳои кории «сабз» дар деҳот ва пайваста коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити атроф сурат гирифта, самаранокии онҳо бо нишондиҳандаҳои мушаххаси экологию иқтисодӣ чен карда мешавад.

Ба андешаи Кудратова Ф.Р. «...набудани ҳалли маҷмуии проблемаҳои сиёсати сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ заминаи буҳрони имрӯзаи комплекси агросаноатӣ, пурзӯр шудани тамоюли буҳронӣ дар марҳилаи ислоҳот тавассути системаи мавҷудаи захираҳои молиявии нокифояи сармоягузорӣ гардидааст. Бояд дар назар дошт, ки дастгирии молиявии барномаҳои сармоягузорӣ 90-95 фоиз аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба таври ройгон сурат мегирад» [76, с. 107-116].

Таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ дар онҳо аз шароитҳои таърихӣ, захираҳои мавҷудаи табиӣ, ҳавасмандиҳои молиявӣ-қарзӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ хеле гуногун мебошад. Дастгирии давлатии истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», банақшагирии миёнамуҳлат ва ояндабинии рушди соҳаҳои кишоварзӣ ба ҳалли масоили таъмини озуқаи худӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи он нақши калон дорад.

**ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

| **УСУЛИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚӢ** | **УСУЛИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОӢ** |
| --- | --- |
| - ташкили муҳити мусоиди институтсионалӣ рушди иқтисоди «сабз»;<br>- иҷозатдиҳӣ, квотаҳо, ҷаримаҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ;<br>- назорати иҷроиши қонунгузориҳои амалкунандаи соҳаи кишоварзӣ;<br>- татбиқи сиёсати агрозуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар;<br>- ташкили намоиши молу маҳсулот ва рушди инфрасохтори бозорӣ;<br>- омӯзиш ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва ғайра. | - таъмини ҳалли барномаҳои мақсадноки давлатӣ оид ба рушди иқтисоди «сабз»;<br>- пешниҳоди имтиёзҳои молиявӣ-қарзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тозаи озуқаворӣ;<br>- сиёсати ҷалби сармоягузориҳои «сабз» ва сиёсати агрозуқавории давлат;<br>- таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар заминаи ҷойҳои кории «сабз»;<br>- таъсири ками инсонӣ ба муҳити зист ва ғайра. |

**ШАРОИТҲО (ОМИЛҲОИ) ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР МИНТАҚАҲОИ КИШВАР**

| | |
| --- | --- |
| - ҷорӣ намудани технологияи табиатгунҷоишӣ дар соҳаи кишоварзӣ;<br>- ҷалби бештари сармоягузориҳо ба истифодаи захираҳои табиӣ;<br>- таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ;<br>- таъмини сатҳу сифати шоистаи зиндагии аҳолӣ;<br>- рақобатпазири молу маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар;<br>- имкониятҳои баланд бардоштани иқтидори содиротии маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза;<br>- бехатарии иттилоотӣ ва иқтидори инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ва ғайра;<br>- иқтидори истеҳсолӣ ва раванди рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат ва ғайра. | - истеҳсолоти кишоварзӣ ба меъёрҳои экологӣ мутобиқ гардонида шавад;<br>- давлат рушди иқтисоди «сабз»-ро бо тадбирҳои мушаххас дастгирӣ намояд;<br>- олами табиӣ ва гуногунии агробиологӣ ҳифз карда шавад;<br>- сокинон бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин гардида, муҳити зист посдорӣ шавад;<br>- зироаткории органикӣ ва низоми заминдории экологӣ густариш ёбад;<br>- маблағгузории «сабз» ба бахшҳои кишоварзӣ ҷалб карда шавад;<br>- баланд бардоштани донишҳои экологии аҳолӣ;<br>- рушди инфрасохтори маҳаллӣ ва этикаи экологӣ;<br>- ҷорӣ намудани андозҳои экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ. |

**САМАРАНОКИИ РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ВА БЕҲДОШТИ МУҲИТИ ЗИСТИ АҲОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲО**

**Расми 3.1. Танзими давлатии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосири хоҷагидорӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

Ба андешаи Шералиев Э.Н., Тешаев М.С. ва дигарон: «...ин чорабиниҳо ба ҳавасмандкуниҳои моддӣ ва маънавӣ, ё ин ки ба кам намудани зарарҳои экологӣ ба минтақаҳои кишвар равона карда шудаанд. Вай дар шароити кунунӣ фишанги асосӣ арзёбӣ гардида, тавассути механизмҳои асосии иқтисоди бозорӣ, ба монанди талаботу таклифот, рақобати озоди молистеҳсолкунандагон, нарх ва нархгузорӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, ҳавасмандкуниҳои молиявию қарзӣ, ҷалби бештари сармояҳо ба минтақаҳо ва амсоли инҳо амалӣ карда мешавад» [47, с. 25].

Усули маъмурию ҳуқуқӣ бевосита зимни муайян намудани меъёрҳо, ҳадди ақалли музди меҳнат, имкониятҳои истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон, таҳияи барномаву лоиҳаҳои давлатӣ, инчунин, коркарди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ мегардад, ки ҳадафи ниҳоии он беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва муҳити зист мебошад.

Сиёсати аграрии давлат дар ин самт бояд ба таъмини бехатарии экологӣ ва рушди бозори дохилии озуқаворӣ нигаронида шавад. Дар доираи он, тадбирҳо оид ба танзими нарх ва таъмини маҳсулоти асосии озуқаворӣ тавассути барномаҳои мақсадноки давлативу маҳаллӣ роҳандозӣ гардида, самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва истеҳсолоти соҳа бояд дар мадди аввал қарор гирад.

Ба андешаи Солеҳзода А.А., Фасеҳзода И.С. «... ба чунин модели иқтисодиёт истеҳсолоти сервазифа, аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногуншакл, сиклҳои тамоми сол давомкунандае, ки бехатарии озуқавории мамлакатро таъмин мекунад, хос аст» [43, с. 98]. Дар ин хусус, бояд ҳуқуқҳои молистеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ барои дастрасии бештар ба қарзҳои имтиёзнок ва истеҳсоли маводи ғизоии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба саломатии аҳолӣ безарар дар ҷойи аввал истода, он дар заминаи ҳамгироии истеҳсолот ва рушди кластерҳои

агросаноатӣ, истифодаи технологияи муосири «сабз» ва ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби рушди иқтисоди «сабз» ба роҳ монда шавад.

Сатҳу сифати таъсири усулҳои мазкур гуногунранг буда, вобаста аз рушди соҳаи кишоварзӣ ва кишоварзии органикӣ муайян ва татбиқ карда мешавад. Дар баъзе кишварҳо доираи танзими давлатӣ хеле маҳдуд буда, он фақат барои ҳалли масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла беҳдошти муҳити зист ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ равона карда мешавад. Вай имконият медиҳад, ки тавассути дигаргунсозиҳои институтсионалӣ ба сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои замину об, талаботу таклиф ба молу маҳсулоти озуқаворӣ ва беҳдошти муҳити зист тағйир ёфта, ғайританосубии бехатарии озуқаворӣ, бахусус миёни иқтидори захиравӣ-табиӣ, бухрони экологӣ ва молиявӣ-иқтисодӣ, сатҳи бекорӣ ва дараҷаи баланди сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмин мегардад.

Танзими ҳуқуқии рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби давлат ҳамчун маҷмуи меъёру қоидаҳои ҳатмии рафтори субъектҳои хоҷагидор ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ амалӣ карда мешавад. Ин усул на ба ҳавасмандии ихтиёрӣ, балки ба қувваи ҳатмии қонун такя намуда, ҳадди ақали талаботи экологӣ ва меъёрҳои бехатарии маҳсулотро муқаррар месозад, ки риояи онҳо барои ҳамаи иштирокчиёни бозор новобаста ба шакли моликият ҳатмӣ мебошад.

Мушкилоти экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», сарбории бештарро ба муҳити атроф ва экосистемаи табиӣ бор меорад, ки он бояд аз ҷониби давлат назорат ва танзим карда шавад. Дар ин ҳолат, ба сифати механизми муҳим ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ бо роҳи ташкили кишоварзии экологӣ ва ташаккули кластерҳои агросаноатӣ ва рушди устувори кишоварзӣ, ки

дар интиҳо ба гузариш ба иқтисоди «сабз» такони нисбатан ҷиддӣ мебахшад.

Усули экологӣ-иқтисодӣ баръакс аз маҷмуи тадбирҳои дастҷамъонаи давлатие мебошад, ки тавассути онҳо шароитҳои хуби хоҷагидорӣ ва вазъи иҷтимоӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ фароҳам оварда мешавад. Ин гуна чорабиниҳо бевосита ба ҳавасмандиҳои иловагии молиявӣ-қарзӣ ва андозӣ ё бартараф намудани хатарҳои экологӣ-иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зисти аҳолӣ алоқаманд мебошад. Шаклу усулҳои зерини танзими давлатӣ аслан хоси рушди иқтисоди бозорӣ буда, паҳлуҳои гуногун ва мураккаби таҳқиқу омӯзиши худро дорад. Вазифаи танзими давлатӣ дар ин маврид, ба талаботу таклифот ба молу маҳсулоти озуқаворӣ ва рақобати молистеҳсолкунандагони худӣ, дараҷаи нарху нархгузориҳо, сатҳи хизматрасониҳои занҷираи истеҳсолии комплекси агросаноатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои «сабз» ба рушди минтақаҳо вобастагӣ дорад.

Дар минтақаҳои кишоварзии кишвар таҷриба афзалияти фишангҳои иқтисодии танзимро дар баробари тадбирҳои маъмурӣ собит месозад. Тафовути моҳиятии онҳо чунин аст: чораи маъмурӣ ба истеҳсолкунанда манъу маҳдудият таҳмил менамояд ва иҷрои он назорати доимиро талаб мекунад, ҳол он ки фишанги иқтисодӣ ба манфиати моддии худи хоҷагӣ такя карда, риояи меъёрҳои экологиро ба амали фоидаовар табдил медиҳад. Дар натиҷа, субъекти хоҷагидор талаботи экологиро на аз тарси ҷазо, балки аз рӯи ҳисоби иқтисодии худ ба амал татбиқ месозад. Ба ҳайати ин усулҳо дастгирии молиявию қарзии хоҷагиҳо, такмили низоми андозбандӣ бо назардошти хусусияти мавсимии соҳа ва ба тартиб даровардани муносибатҳои байнибуҷетӣ миёни сатҳҳои марказӣ ва маҳаллии идоракунӣ дохил мешаванд.

Гурӯҳи дигари фишангҳои иқтисодӣ бевосита ба ҳадафҳои экологию иҷтимоӣ равона гардида, ситонидани пардохтҳо барои истифодаи

захираҳои табиӣ ва расонидани зарар ба муҳити зист, инчунин, дастгирии мақсадноки давлатии истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро дар бар мегирад. Дар баробари ин, беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолии деҳот, банақшагирии дурнамои рушди минтақаҳо ва пешгӯии илмии тағйирот дар соҳа имкон медиҳанд, ки чорабиниҳои андешидашаванда хусусияти муназзам гирифта, ба натиҷаҳои устувори дарозмуддат оварда расонанд.

Экологикунонии ҷараёни истеҳсолот дар ин росто ба хотири «...танзими механизмҳои экологӣ-иқтисодии муносибатҳои заминдорӣ ҳамчун низоми махсуси идоракунии ҳифзи муҳити зист, таъмини санадҳои меъёрию ҳуқуқии бахши экологӣ ва консепсияи рушди устувори муносибатҳои заминдорӣ бояд равона карда шавад» [107, с. 185]. Танзими давлатӣ дар ин ҷо, то вақте лозим аст, ки агар рушди иқтисоди «сабз» ва бахши кишоварзӣ ба ҳадди ақалли рушди устуори он мусоидат намояд.

Дар ин хусус, дастгирии молиявӣ-қарзӣ фишанги хеле муҳими иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, он аз як тараф, ба тадбирҳои маҷмуии таъсири камтарин ба муҳити зист ва амали намудани барномаҳои давлатию минтақавӣ, такмили сиёсати қарзӣ ва аз тарафи дигар, барои амалисозии чораҳои иқтисодии давлат дар рушди иқтисоди «сабз» мусоидат намояд. Танзими давлатӣ дар ин маврид, тавассути фишангҳои бамеъёрдорорандаи низоми бонкӣ, танзими меъёри фоизи бонкӣ, гузаронидани сиёсати дурусти пулию қарзӣ дар бозори асъор, назорат аз болои ҳаҷм ва суръати гардиши маблағҳои пулӣ амалӣ карда мешавад.

Давлат бо ёрии фишангҳои махсуси худ ба рақобатпазирии молу маҳсулоти озуқаворӣ ва маҳдудиятҳои экологӣ дар давраҳои бuҳрони озуқаворӣ ва экологӣ мусоидат намуда, таъсири дахолати давлатӣ тавассути сармоягузориҳои давлатӣ ба хотири таъмини бехатарии озуқаворӣ ва бехатарии иқтисодӣ дар маҷмуъ, роҳандозӣ мегардад. Он

бо роҳи хароҷоти бештари давлатӣ, аз ҷумла захираҳои молиявӣ, дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳот амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, фишангҳои танзими давлатии иқтисоди «сабз» ва беҳдошти муҳити зист ба якдигар зич алоқаманд буда, зимни ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ ҳар яки он ба назар гирифта шуда, бояд ҳар як фишанги он дар алоҳидагӣ таъсири худро ба соҳаи кишоварзӣ ва беҳшавии вазъи иҷтимоии аҳолӣ нишон диҳанд. Зимни асоснок намудани ин тадбирҳо дар шароити муосир танзими давлатии иқтисоди «сабз» ва соҳаи кишоварзӣ тавассути барномаҳои давлатӣ дар минтақаҳои кишвар амалӣ карда шавад. Барои ин дастгирии молиявии рушди иқтисоди «сабз» ва кишоварзии органикӣ лозим аст.

Омилу шароитҳои таъсиррасон ба рушди иқтисоди «сабз» ва ҳифзи муҳити зист, мутобиқи самти амалкарди худ, ба ду гурӯҳ - омилҳои дохилӣ ва берунӣ тақсим мешаванд. Ба ҳайати омилҳои дохилӣ чанд ҷиҳат дохил мешавад. Аввалан, заминаи ҳуқуқӣ: такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа. Сониян, ҷанбаи молиявӣ - ҷалби сармоя ба бахши аграрӣ. Сеюм, масъалаҳои таъминот ва сифат: бехатарии экологию озуқаворӣ ва тавоноии рақобати маҳсулоти ватанӣ. Чорум, самти берунӣ - баланд бардоштани иқтидори содиротии молҳои агросаноатӣ. Ва ниҳоят, ҷузъи технологӣ, яъне рушди иқтидори навоварона ва иқтисоди рақамӣ. Вай бояд: «...дар ҳамоҳангсозӣ бо вазорату идораҳои дахлдор иштирок дар омода намудан ва бастани созишномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти сармоягузорӣ» [7, с. 13], аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар маҳалҳо дар ҳамоҳангсозӣ бо фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ба роҳ монда мешаванд.

Ба гурӯҳи омилҳои беруна бошад, чунин ҷанбаҳо дохил мешаванд: вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, тадбирҳои давлатӣ оид ба пешгирии

буҳрони озуқаворӣ, сатҳи дастгирии молиявию қарзии навоҳии алоҳидаи кишоварзӣ, татбиқи амалии сиёсати агроозуқаворию андозию буҷетӣ, дастгирии конъюнктураи бозор, инчунин, ташкили низоми мониторингу назорати экологии истифодаи заминҳои кишоварзӣ.

Инчунин, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ барои гузариш ба иқтисоди «сабз» ба хотири ҳифзи экосистемаҳои табиӣ, ки ба он меъёри ҳадди аққал истеъмол ва истеҳсоли маҳсулоти ғизоии аз лиҳози экологӣ тоза ва ба саломатии аҳолӣ безарар низ аз ҷониби давлат танзим карда шуда, он дар навбати худ, аз сатҳи даромади аҳолӣ, нафақа, ҳадди аққал кафолати хизматҳои тандурустӣ, маориф, манзил ва амсоли инҳо, тавассути имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, бахусус ба ташкили ҷойҳои нави кории «сабз» ва шуғли пурраи аҳолӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва умуман шароитҳое, ки дар маҷмуъ ба таъмини рушди устувори кишоварзӣ хизмат менамояд.

Сиёсати аграрии давлат дар чорчӯбаи Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 амалӣ мегардад, ки ҳадафи он бартарафсозии таҳдидҳои экологӣ ва мустаҳкамии таъминоти озуқаворӣ мебошад. Дар ҳар як марҳилаи иҷрои ин ҳуҷҷат меъёрҳо ва ҳадафҳои эътирофшудаи пойдории соҳаи кишоварзӣ ҳамчун такягоҳи асосӣ хизмат мекунанд. Мазмуни асосии ин сиёсат аз амалисозии маҷмуи бо ҳам алоқаманди тадбирҳо - ислоҳоти институтсионалӣ, ба тартиб даровардани низоми истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири «сабз» иборат буда, натиҷабахшии он аз пайдарпай ва мукаммалии татбиқи ин чорабиниҳо вобаста аст.

Дар баробари ин, раванди мазкур набояд танҳо ба нишондиҳандаҳои экологӣ маҳдуд гардад, зеро ҳадафи ниҳоии он таъмини рушди устувори тамоми низоми аграрӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ

мебошад. Ҳамзамон, пешгирии саривақтии равандҳои номатлуби экологӣ, фароҳам овардани имкониятҳои воқеии шуғл барои аҳолии деҳот ва тақвияти кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъҳои ҷудонашавандаи ин сиёсат баромад намуда, ба он хусусияти иҷтимоӣ нигаронидашуда мебахшанд.

Танзими давлатӣ бояд барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкории деҳот шароити мусоид фароҳам оварда, тавассути ҳавасмандиҳои молиявию иқтисодӣ - аз қабили имтиёзҳои андозӣ ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ амалӣ карда шавад. Ин тадбирҳо, дар навбати худ, ба ҳавасмандиҳои иловагии андозию молиявӣ ва моддию пулӣ, инчунин, ба коҳиш додани хатарҳои экологӣ бештар ниёз доранд.

Вазифаи давлат аз назорату танзими бозори дохилии озуқаворӣ сар карда, то коҳиш додани нархи маҳсулоти ғизоӣ ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии зиндагии аҳолӣ иборат мебошад.

Маҳз интихоби дурусти механизму фишангҳои дастгирии давлатии рушди иқтисоди «сабз» ва соҳаи кишоварзӣ метавонад ба татбиқи амалии сиёсати агроозуқаворӣ ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ оварда расонад. Дар ин раванд, дастгирии давлатӣ бояд дар ҳамоҳангии усулҳои маъмурию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин, такмили муҳити институтсионалии кишвар амалӣ гардад, то тавассути он таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ дар минтақаҳои кишвар ба роҳ монда шавад. Танзими давлатии иқтисоди «сабз» тавассути банақшагирию пешбинии рушди корхонаҳои кишоварзӣ, муайян намудани дурнамои минтақаҳои кишвар, таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ ва ҳифзи муҳити зист амалӣ карда мешавад.

Таҳияи барномаҳои давлативу минтақавӣ тавассути тадбирҳои муштараки риояи принсипҳои иқтисоди «сабз» аз фаъолияти самараноки мақомоти идоракунии давлатӣ дар маҳалҳо вобаста аст. Сиёсати ягонаи

агроозуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар ҳамчун василаи муҳимми рушди «сабз» ва ҳифзи муҳити атроф баромад менамояд.

Дар назди сиёсати аграрии давлат чунин вазифаҳо меистанд:

- даромад миёни ҳамаи иштироккунандагони занҷираи аграрӣ - аҳолӣ, истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон, ташкилотҳои миёнарав ва субъектҳои хизматрасони инфрасохтори истеҳсолӣ ба таври одилона тақсим карда шавад;

- давлат ба бахшҳои афзалиятноки кишоварзӣ дастгирӣ расонад, пеш аз ҳама, ба он хоҷагиҳои минтақаҳои дурдаст, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол мекунанд;

- рушди инфрасохтори истеҳсолию бозорӣ, аз ҷумла хизматрасонӣ, боркашониву логистика ва низоми иттилоотӣ дар деҳот;

- рушди бозори агросаноатии байниминтақавӣ ва дохилихоҷагӣ;

- татбиқи сиёсати дурусти аграрӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар ба хотири таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ.

Ҳалли муваффақонаи масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, пеш аз ҳама, аз фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ вобаста буда, он тавассути истифодаи маҷмуии усулҳои дар боло зикргардидаи идоракунӣ ва танзими давлатии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба даст меояд.

Ҷанбаи муҳим, истифодаи пурра ва оқилонаи иқтидори мавҷудаи заминҳои кишт ва ба гардиши хоҷагидорӣ ҷалб намудани минтақаҳои наздикӯҳию кӯҳии кишвар ҳамчун захираи эҳтиётии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, ки ин дар шароити маҳдудияти шадиди заминҳои ҳамвор аҳамияти стратегӣ пайдо менамояд.

Татбиқи тадбирҳои дар боло зикргардида имкон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар хоҷагиҳои деҳқонӣ афзоиш ёфта, дар баробари он коркарди саноатии он дар худи минтақаҳои кишоварзӣ ба таври муназзам ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон, зарур аст, ки рушди иқтисоди «сабз» ҳамчун раванди ба инсон нигаронидашуда дарк гардида, ҳадафи асосии он таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории безарар ва босифат, беҳдошти муҳити атроф ва нигоҳдории ландшафтҳои табиию кишоварзӣ бошад.

Ҳамин тариқ, чораҳои пешниҳодшудаи дастгирии давлатии рушди иқтисоди «сабз» ва солимгардонии муҳити зист барои таъмини вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти озуқавории кишвар заминаи мусоид фароҳам меоранд. Татбиқи ин чораҳо на танҳо ба рушди соҳаи кишоварзӣ, балки инчунин, ба тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва рушди устувори иқтисоди минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд.

Хулоса, дар асоси таҳлили гузаронидашуда ва тадбирҳои андешидашуда доир ба танзими давлатии рушди иқтисоди «сабз» ва соҳаи кишоварзӣ, метавон ба хулосаи зерин расид: тавассути механизму фишангҳои дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар алоқамандӣ бо таъсири механизмҳои бозорӣ, бехатарии экологию озуқаворӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти ғизоӣ таъмин гардида, таъсири манфӣ ба муҳити атроф ва экосистемаи табиӣ коҳиш дода мешавад. Ин раванд барои суботи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар дар солҳои минбаъда хизмат хоҳад кард ва тавассути тадбирҳои зерин татбиқи амалии худро меёбад:

- такмили муҳити институтсионалии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии иқтисоди «сабз»;

- рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳоти дурдасти кишвар, беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва таъмини маҳсулоти ниёзи аввалия, ки дар маҷмуъ, ба рушди устувори минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд;

- дастгирии давлатии афзоиши ҳаҷми маҳсулоти озуқавории ватанӣ ва рушди соҳаҳои истеҳсолию хизматрасонии комплекси агросаноатӣ, бахусус ба кор андохтани иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолоти саноатӣ, ки

имкони бештари таъмини бехатарии иқтисодӣ ва рушди устувори минтақаҳои мамлакатро фароҳам меорад;

- пешгирии хатари камбизоатӣ дар доираи тадбирҳои ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ;

- фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузории мустақими хориҷӣ ба истеҳсол ва коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар, аз ҷумла содагардонии иҷозатномадиҳӣ ва тақсими замин ва ғайра.

Дар маҷмуъ, танзими давлатии рушди иқтисоди «сабз» ҳамчун раванди муназзам ва дарозмуддат ба амалисозии ҳадафҳои Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, инчунин, ба вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушд барои бахши кишоварзӣ муқарраргардида нигаронида шудааст. Аҳамияти чунин муносибат дар он аст, ки чорабиниҳои экологӣ ва иқтисодӣ на ҷудогона, балки дар доираи як низоми ягонаи ҳадафҳо, марҳилаҳо ва нишондиҳандаҳои санҷишшаванда амалӣ гардида, имкони арзёбии воқеии натиҷаҳои андешидашударо фароҳам меоварад.

Дар муҳлатҳои муқарраргардида ин раванд бояд ба чор натиҷаи мушаххас оварда расонад: амнияти озуқавории кишвар мустаҳкам гардад, бехатарии экологӣ таъмин шавад, манзараҳои кишоварзӣ нигоҳ дошта ва барқарор карда шаванд, шароити зиндагии мардум беҳтар гардад. Мазмуни танзими давлатӣ низ маҳз аз ҳамин ҳадафҳо бармеояд: он на фишори маъмурӣ ба субъектҳои хоҷагидор, балки фишанги ҳамоҳангсозии манфиатҳои се тараф - истеҳсолкунанда, истеъмолкунанда ва ҷомеа мебошад, ва маҳз чунин ҳамоҳангӣ бардавомии рушди соҳаи кишоварзиро кафолат медиҳад.

## 3.2. Таъмини бехатарии озуқаворӣ - самти муҳими рушди иқтисоди «сабз» дар шароити инкишофи иқтисодиёти кишоварзӣ

Таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ бехатар эътироф гардида, он на танҳо ҳаҷми кофии истеҳсолот, балки сифат ва безарарии маводи ғизоиро низ дар бар мегирад. Дар татбиқи амалии ин ҳадаф иқтисоди «сабз» нақши калидӣ бозида, тавассути тағйири усулҳои хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки вобастагии кишвар аз воридот коҳиш ёфта, бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватании боэътимод таъмин гардад.

Қонеъ гардонидани ниёзи мардум ба ғизои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва фароҳам овардани муҳити зисти солим ҳамчун ҳадафи ниҳоии иқтисоди «сабз» ва рушди устувори бахши аграрӣ баромад мекунад, зеро ин ду ҷанба ба саломатии ҷамъиятӣ ва сифати сармояи инсонӣ бевосита алоқаманданд. Расидан ба ин ҳадаф, пеш аз ҳама, аз истифодаи дурусту оқилонаи заминҳои кишоварзӣ вобаста буда, тавассути экологикунонии ҳамаи марҳилаҳои ҷараёни истеҳсолот, ба роҳ мондани кишоварзии органикӣ ва чорабиниҳои мунтазами беҳдошти муҳити атроф амалӣ мегардад.

Чуноне ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, маводи озуқаворӣ бояд аз ҷиҳати экологӣ тозаю безарар ва ба миқдору сифати зарурӣ, аз қабили ғизои аз ҷиҳати экологӣ-иқтисодӣ тоза ва дастрасии он барои истеъмоли аҳолӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» ҳаллу фасл мегардад. Ба чунин маводи озуқаворӣ ғалладонагиҳо, сабзавот, мевагиҳо, картошка, гӯшту шири тозаи экологӣ дохил карда мешавад, ки онҳо барои таъмини бехатарии озуқаворӣ барои давраҳои тулонӣ лозим мебошанд.

Ба андешаи академик Алтухов А.И. «...бехатарии озуқаворӣ - ин кафолати истиқлолияти кишвар, шарти устуворӣ ва самаранокии фаъолияти ҷомеа ва одамон мебошад ва чунин қоидаи умумие мавҷуд аст, ки таъмини бехатарии озуқаворӣ ба гурӯҳи муҳимтарин афзалиятҳои

рушди устувори давлат маҳсуб меёбад» [16, с. 2-10]. Аз ин рӯ, бехатарии озуқаворӣ ҳамчун шарту шароитҳое мебошад, ки мустақилият, қобилияти қонеъгардонӣ ва худтаъминкунии аҳолии минтақаҳои кишвар бо маводи ғизоӣ ва беҳдошти муҳити зист аст. Қобили қабул аст, ки истеъмол бояд ба талаботи одамон ҷавобгӯ буда, истеъмоли озуқаи тозаи экологӣ нишондиҳандаи муҳими рушди иқтисоди «сабз» ба ҳисоб рафта, он дастрас будани аҳолӣ ба озуқаи худӣ аз нигоҳи экологӣ тоза ва ҳаёти солиму фаъоли он таъмин карданро дар назар дорад.

Ба андешаи Бурдюков П.Т. ва Сетгалиев Р.З. он «...вазъи иқтисодие мебошад, ки дар он кафолати таъмини дастрасии озуқаворӣ барои аҳолӣ дар дилхоҳ вақт ва бо миқдори кофӣ барои зиндагии солим таъмин карда мешавад» [24, с. 121]. Гуфтаҳои боло тасдиқи онанд, ки бехатарии озуқаворӣ ва солимии муҳити атроф шарти асосӣ ва ҳасти одамон маҳсуб ёфта, ҳамчун самти муҳими рушди иқтисоди «сабз» ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ эътироф мегардад. Дар ин росто, принсипи асосии он истеҳсолу истеъмоли маводи озуқаворӣ, дастрасии ғизои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба саломатии аҳолӣ безарар дар ҳамаи зинаҳои истеъмолӣ, шуруъ аз овони кӯдакӣ то давраи пирӣ дар ҳудуди муайян, ноҳияву шаҳрҳо ва то сатҳи минтақавию миллӣ зарур мебошад.

Ба андешаи Солеҳзода А.А., Фасеҳзода И.С. «...истеъмоли озуқаворӣ муҳимтарин нишондиҳандаи сатҳи зиндагӣ ва беҳбудии иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Таъмини кафолатноки дастрасии аҳолӣ ба озуқаворӣ дар миқёси тамоми ҷаҳон хосияти аввалиндараҷаро доро гашта, дар доираи «масоили озуқаворӣ» баҳо дода мешавад» [43, с. 6]. Аз ин рӯ, миқдору сифати маводи ғизоӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки аз сатҳи истеъмол то ба дараҷаи аз ҷиҳати экологӣ тозаи онро фаро гирифта, ба сифати унсурии муҳими иқтисоди «сабз» аз қисматҳои зерин иборат аст:

- баҳои арзиши баланди маводи озуқаворӣ, яъне хусусияти истеъмолии он, ба мисли: шакли таом, лаззату рангу бӯй, намуди берунии он, ҷиҳати ҳазмшавию тезтайёршавӣ ва ғайра;

- нишондиҳандаи агробиологӣ (ҳайати органикии ғизои истеъмолӣ, миқдори витаминҳо, минералу моддаҳои ғизоӣ ва фаъоли он ва ғайра);

- аз ҷиҳати экологӣ тоза ва тиббӣ безарар ва ба талаботи санитарию гигиенӣ мувофиқат намудани маводи истеъмолӣ;

- бенуқсонӣ барои саломатии инсон, яъне аз бактерияҳо, вирусҳо, моддаҳои заҳрнок, бахусус аз ҳашароти зараррасон эмин будани маводи ғизоӣ ва ғайра.

Дар шароити рӯй овардан ба кишоварзии органикӣ, масъалаи бехатарии озуқаворӣ барои аксари давлатҳои ҷаҳон танҳо ба ҷанбаҳои экологию иқтисодиву иҷтимоӣ маҳдуд намонда, ба яке аз пойдеворҳои асосии рушди пойдори мамлакатҳо табдил ёфтааст - ҳақиқате, ки даврони пандемияи COVID-19 онро ба таври возеҳ ба намоиш гузошт. Маҳз ба ҳамин хотир, сиёсати давлатӣ дар тули солҳои охир ба таъмини бехатарии экологию иқтисодӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ низ ҳамин нуктаро тасдиқ мекунад: ҳар гоҳе ки нархи маҳсулоти озуқаворӣ боло меравад, талаботи истеъмолӣ меафзояд ва норасоии баъзе намуди маҳсулот ба назар мерасад.

Вобаста ба ин, андешаи Қудратов Р.Р. «...ҳамаи омилҳои экологӣ ва иқтисоди «сабз» ташаккул меёбад, ки онҳо бо рушди соҳаи кишоварзӣ, иқтисодиёт ва истифодаи захираҳои табиӣ алоқаманд мебошанд» [35, с. 12]. Дар ин росто, таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтисоди «сабз» ва соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ мегардад. Ба ҳамин муносибат, Ҳукумати мамлакат ба корбурди самараноки заминҳои кишоварзӣ ва ҳифзи ландшафтҳои табиӣ таваҷҷуҳи вижа зоҳир менамояд. Барои беҳтар шудани вазияти мазкур таъмини бехатарии озуқаворӣ бояд ба низоми нави рушди устувори кишоварзӣ, яъне

экологикунонии чараёни истеҳсолоти кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зист дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» муҳим мебошад.

Ташкилотҳои ККО ва КБАО дар дастурамалҳои худ «экологӣ» гардонидани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва тавсеаи кишоварзии органикиро тавсия дода, ин равандро ба арзёбии судмандии агробиологию экологӣ (ДАСА) пайванд менамоянд. Дар маркази диққати ин раванд корбасти хирадмандонаи заминҳои кишоварзӣ ва васеъ намудани кишоварзии органикӣ бо кумаки лоиҳаҳои сармоягузории «сабз» қарор дорад.

Ба андешаи Степенко, В.Е. «...бехатарии озуқаворӣ хеле возеҳу равшан худтаъминкунии озуқавориро дар сатҳи миллӣ, яъне қобилияти ҳар кишварро оид ба қонеъ намудани талаботи ҳар нафар аҳолӣ бо озуқаи аз нигоҳи экологӣ тоза ва безарар (масъалаи хӯрока, оби нӯшокӣ ва дигар маҳсулоти озуқаворӣ ва омили биологӣ), дар сатҳе, ки бояд фаъолияти муътадили одамон дар сатҳи лозимӣ, яъне дар ҳаҷму миқдори кофӣ ва номгӯйи зарурӣ ба инкишофи ҷисмонӣ ва маънавии он, саломатӣ ва такрористеҳсоли васеи захираҳои меҳнатӣ, новобаста ба таҳдидҳои дохила ва беруна, таъмини рушди устувор ва суботи иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа дар назар дорад» [96, с. 23-27].

Бехатарии озуқаворӣ дар баробари дигар вазифаҳои иқтисоди «сабз», ба монанди: бехатарии экологӣ, обу замин, энергетикӣ ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ муҳим мебошад.

Масъалаи бехатарии озуқаворӣ доимо зери назорати ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дошта, мувофиқи пешниҳоди комиссияи Аврупои Ислоҳоти Сиёсат ҳуҷҷатест, ки бо унвони «Меморандум оид ба ҳамдигарфаҳмӣ» оид ба Барномаи бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон низ қабул шудааст.

Имконияти истеъмоли ғизои бо сифату аз лиҳози экологӣ тоза барои аҳолӣ шарти муҳими гузариш ба иқтисоди «сабз» дар соҳаи

кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, он «...барои фароҳам овардани кафолати баланд аз ҳисоби манбаҳои худӣ, таъмини аҳолии кишварро дар назар дошта, ба талаботи биологӣ-физиологии аҳолӣ бо озуқаи сифаташ баланду безарар равона мегардад» [78, с. 152-153]. Дар ин хусус, дар навбати аввал сухан дар бораи ғизои хушсифату аз нигоҳи экологӣ безарар ва калориядор, ба меъёрҳои ғизоӣ ҷавобгӯ рафта, он муҳити мусоидиро барои фаъолияти аҳолӣ, нигоҳдории озуқаи худӣ, обҳои нӯшокии тоза, вазъи гигиенӣ-санитарӣ дар назар дошта мешавад.

Иқтисоди «сабз» дар ин маврид ба таъмини бехатарию кифояти озуқаворӣ аз лиҳози миқдор, сифат ва тозагии экологӣ нигаронида шудааст. Ба ин раванд омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- аҳолӣ бо маҳсулоти агросаноатии ба ниёзи истеъмолию физиологии он мувофиқ таъмин гардад ва қобилияти рақобати молҳои озуқаворӣ ҳам дар бозори ватанӣ, ҳам дар бозори байниминтақавӣ баланд бардошта шавад;
- фароҳам будани имконоти васеи худтаъминкунии озуқаворӣ дар шароити экологикунонии истеҳсолот ва рушди кишоварзии экологӣ;
- кафолати таъмини озуқаворӣ барои шахсоне, ки қобилияти кории худро аз даст додаанд ё умуман надоранд ва ғайра.

Ҳадафи ниҳоӣ дар ин раванд, таъмини талаботи аҳолӣ ба маводи ғизоии аз нигоҳи миқдор ва сифат безарар ва аз нигоҳи экологӣ мақбул дар назар дошта шуда, дастрасии хонаводаҳо ва имконияти ҳамаи аҳолии кишвар барои хариди миқдори зарурии ғизо ва ба қадри кофӣ имконияти захира намудани он мебошад. Ба андешаи Алтухов А.И. «...бехатарии озуқаворӣ ин таъмини муътадили аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ бо назардошти талаботи имконияти қонеъгардонии ниёзҳои ҳамарӯза аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад» [16, с. 12], ки он ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ мувофиқат намуда, коҳиши ками ифлосшавиҳоро ба муҳити атроф таъмин менамояд.

Дар доираи рушди иқтисоди «сабз», бехатарии экологӣ мақоми ҷузъи ҷудонашавандаи таъмини озуқаворӣ дорад. Маҳз ҳамин омил тавассути истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ва идоракунии самарабахши соҳа, пойдории низоми экологию иқтисодиро таъмин месозад. Ба андешаи Қудратов Р.Р. «... ҳар як давлат ва Тоҷикистон низ истисно нест, ки асоси «бехатарии озуқаворӣ» тибқи хусусиятҳои он, ҳамчунин тибқи нақшаи анъана, тарзи зиндагӣ ва психологияи аҳолӣ ташкил медиҳад» [35, с. 27]. Аз ин рӯ, бехатарии озуқаворӣ, мутобиқ ба меъёр, миқдору сифати муайян ва дастрасии маводи ғизоии аҳолӣ аз ҷузъҳои зерин: ба миқдори кофӣ ва аз нигоҳи экологӣ тозаю безарари ғизо, мувофиқатии ғизои истеъмолӣ ба вояи озуқа, дастрасии маводи озуқаи бо намаки йоддор ва ба саломатии инсон безарар таъмин буда ва амсоли инҳо.

Ба андешаи Арабов Ф. «...истифодаи маҷмуӣ аз принсипҳо ва меъёрҳои асосии самаранокии истифодаи экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори иқтисодиёти кишоварзӣ дар кишвар атрибути зарурӣ мебошад» [107, с. 125], чунки таъмини рӯзафзуни аҳолӣ бо маводи ғизои худӣ аз рушди устувори иқтисодиёти кишоварзӣ вобаста буда, он дар заминаи махсусгардонӣ, рушди инноватсионӣ ва беҳдошти муҳити зист амалӣ мегардад.

Дар айни замон, расидан ба сатҳи баланди худтаъминкунӣ бояд на аз ҳисоби бемулоҳиза васеъ намудани майдонҳои кишт, балки тавассути рушди пуршиддат амалӣ гардад. Маҳз чунин муносибат бо принсипҳои иқтисоди «сабз» мувофиқат намуда, имкон медиҳад, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ бидуни фарсудасозии заминҳо ва вайрон кардани мувозинати экологии минтақаҳо ба даст оварда шавад.

Дар ин хусус, «...дар сатҳи минтақа, пеш аз ҳама, қонеъ намудани талаботи аҳолии минтақаҳо дар натиҷаи истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои замини кишоварзӣ, воситаҳои буҷетӣ,

инфрасохторӣ, таъминоти кадрӣ ва воситаҳои молиявии минтақа фаҳмида мешавад» [110, с. 24].

Дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ маҳакҳои асосӣ, ба мисли вазъ, тамоюл ва тағйирёбии иқлим, бехатарии экологӣ ва беҳдошти муҳити зист низ ба назар гирифта мешавад. Ба андешаи Шарипов К.К. «...таносуб дар рушди иқтисоди «сабз», равандҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои табиии одамон бояд таъмин карда шавад. Бинобар ин, беҳбудии оянда аз ҷиҳатҳои гуногун аз рушди боэътидоли инсон ва тараққиёти иҷтимоӣ-техникӣ, ҳамчунин, аз таъсири якҷояи онҳо ба муҳити атроф вобастагӣ дорад» [112, с. 12].

Аз ин хотир, зимни гузариш ба иқтисоди «сабз» баҳои дастрасии маводи ғизоӣ ба сари аҳолӣ тавозун (баланси) озуқаворӣ ба назар гирифта мешавад, ки зимни он маводи озуқаворӣ бояд аз ҷиҳати экологӣ тоза ва таъминоти худиро барои даврaҳои муайян дошта бошад. Мавҷудияти физикии он аз маҷмуи захираҳои дар аввали сол, давраи истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ вобаста мебошад.

Дар ин хусус, Аминов И.И. чунин қайд менамояд, ки «...дар шароити маҳдуд будани захираҳои замин омили замин ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақаҳо, субъектҳои хоҷагидор таъсир расонида, барои ба таври маъмурӣ табдил ёфтани иқтисодиёт ба «иқтисодиёти коркунанда, истеҳсолкунанда, такрористеҳсолкунанда» мусоидат менамояд»[18, с. 34], ки ба чунин модели рушди иқтисоди «сабз» шомил намудан мумкин аст, ки барои истеҳсолоти даврагии кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити атроф мусоидат менамояд.

Инкишофи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва пешгирии зуҳуроти буҳрони озуқаворӣ дар шароити муосир бидуни иштироки фаъоли давлат имконнопазир аст, зеро субъектҳои хурди хоҷагидор дар алоҳидагӣ на захираи молиявӣ ва на иқтидори технологии кофӣ барои гузариш ба усулҳои нави истеҳсолот доранд. Аз

ин лиҳоз, дахолати давлат бояд на хусусияти маъмурӣ, балки шакли дастгирии мақсаднок - қарзи имтиёзнок, кафолати харид, машваратдиҳии касбӣ ва таъмини инфрасохтори умумӣ дошта бошад.

Гуногунсозии истеҳсолот - диверсификатсия дар шароити ташаккули иқтисоди «сабз» ба яке аз самтҳои калидии сиёсати аграрӣ табдил меёбад. Моҳияти он равшан аст: агар хоҷагӣ танҳо ба як ё ду зироат такя кунад, ҳар гуна хушксолӣ, беморӣ ё паст шудани нархи ҳамон мол зарбаи сахт мезанад; дар сурати кишти чандсамта бошад, ин зарба миёни навъҳои гуногун паҳн шуда, тобоварии умумии хоҷагӣ дар баробари хатарҳои табиӣ ва бозорӣ баланд мегардад. Дар маҷмуъ, чунин муносибат ба таъмини суботи иқтисодию иҷтимоӣ дар деҳот мусоидат намуда, барои нигоҳ доштани шуғли аҳолӣ, муътадил гардонидани даромади оилаҳо ва пешгирии тавозуни номатлуб дар бозори дохилии озуқаворӣ заминаи боэътимод фароҳам меоварад.

Ба андешаи Шералиев Э.Н., Муминов Ф.Ш. «...ин равандҳо аз низоми муносибатҳои заминдорӣ истифодаи самараноки кулли омилҳои асосии истеҳсолот, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва экологии минтақаҳои кишвар равона гардиданд, манша мегиранд» [46, с. 79]. Чунин алоқамандӣ ва таъсири байниҳамдигарӣ зеркомплексҳои минтақавӣ дар доираи махсусгардонии истеҳсолот ва рушди инноватсия амалӣ гардида, ба рушди устувори экологӣ-иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Соҳаи кишоварзӣ дар шароити гуногунсамтии рушди он ва дастгирии давлатии оқибатҳои манфӣ ба муҳити зист ва экосистемаҳои табиӣ роҳандозӣ шуда, он бо мақсади дастгирии давлатии бозори озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии мардум амалӣ карда мешавад.

Ба андешаи Арабов Ф.П. «...дар ин самт ба сиёсат ва ҳадафҳои пешгирифтаи давлат дар самти рушди устувори истифодаи захираҳои табиӣ дар ин баробар коҳиш додани таъсири экологӣ, баланд

бардоштани устувории истеҳсолоти агросаноатӣ ва беҳтар кардани сатҳи некуаҳволии аҳолии деҳотро танҳо бо роҳи мудохилаҳои сиёсӣ, самаранокӣ ва хароҷоти инноватсияҳои рақамӣ метавон расид» [107, с.288].

Ин амал дар мавриди вобастагии бозори озуқаворӣ ва воридотивазкунии рӯзмара буда, ноустувории истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагии бештари воридоти маводи озуқаворӣ ва бехатарии озуқавориро мушкил менамояд. Яъне воридоти бештари маводи озуқаворӣ бо мавҷудияти имрӯзаи истеъмоли шахсӣ ва бехатарии ғизо алоқамандӣ дошта, он ба устувории низоми минтақаҳои кишвар таъсири худро мерасонад. Иқтидори афзоиши истеҳсоли озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди «сабз» маҳсуб меёбад.

Дар шароити минтақаҳои мамлакат сатҳи истеҳсолу истеъмоли маводи озуқаворӣ дар шароити ҳозира ба талаботи меъёри ғизои истеъмолӣ пурра мутобиқат наменамояд, ки онро метавон бо якчанд сабабҳо асоснок намуд:

- зиёд будани талаботи истеъмолии аҳолӣ бо сабабҳои афзоиши аҳолӣ ва номгӯи бештари маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ки тибқи маълумотҳои ФАО дар як шабонарӯз то - 3000 ккал/одам рост омада, ин нишондиҳанда дар шароити минтақаҳои кишвар ба 2409 ккал/одам рост меояд;

- маҳдудияти заминҳои кишоварзӣ ва дар минтақаи аридӣ ҷойгир шудани кишвари мо ва дар шароити кунунӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар мо 0,05 га замини кишт рост меояд;

- ҳосилнокии зироатҳо дар сатҳи ниҳоят паст қарор дорад, ки сабаби асосии он бесамар истифода шудани майдонҳои кишт ва ифлос гардидани муҳити атроф мебошад;

- талабот ба маводи ғизоӣ дар кишвар афзуда истодааст, вале истеҳсоли дохилӣ аз он қафо мемонад ва маҳз ҳамин фосила боиси зиёд шудани воридоти маҳсулоти озуқаворӣ мегардад;

- дастгирии на он қадар фаъоли молиявӣ-қарзии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва дар сатҳи зарурӣ ва сари вақт таъмин накардани аҳолии минтақаҳо бо ғизои худӣ ва ғайра.

Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, бахусус ғалла на танҳо ба фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, балки ба рушди иқтисоди «сабз» ва беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ таъсири бештар мерасонад. Барои муайян намудани он чунин маҳакҳо: «...ба монанди таносуб дар ҳудуди муайян (аниқӣ)-и миқдор ва номгӯи озуқа дар нуқтаҳои фурӯш, ки талаботи аҳолӣ ба он зиёд мебошад, ҷавобгӯ будани ҳаҷм ва сохтори таъминоти озуқа аз тарафи истеъмолкунандагони махсус бо меъёри барои он қабулшуда, ҳаҷми масоҳати савдо ба 1000 нафар аҳолӣ ва ғайра истифода бурда мешавад» [105, с. 31-34].

Нишондиҳандаҳои ҷории истеҳсоли ғалладона дар доираи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар ҷадвали 3.1 пешниҳод гардидаанд.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.1. маълум мегардад, ки дар ҳама намудҳои хоҷагӣ истеҳсоли маҳсулоти ғалла ва лубиёгӣ зиёд гардида, дар соли 2024 нисбат ба соли 2015 нишондиҳандаи он 1,7 баробар афзун гардидааст.

Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо ва лӯбиёгӣ 131,2%-ро ташкил медиҳад, ки он ба 9,4 % зиёд шудааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои инфродӣ ин нишондиҳанда ба 123,4% ё 5,9 маротиба афзудааст. Ҳосили умумии зироатҳои ғалладонагӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва аҳолӣ баръакс тамоюли афзоиш дорад.

**Ҷадвали 3.1. - Тамоюли истеҳсоли ғалладонагӣ ва лӯбиё дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи категорияи хоҷагидорӣ солҳои 2015-2024, тонна**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2024 бо % нисбати 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2018 | 2020 | 2023 | 2024 | |
| **Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ** | | | | | | |
| Зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ, ҳамагӣ, аз ҷумла: | 1392,6 | 1296,2 | 1561,4 | 1754,9 | 1828,3 | 131,2 |
| Минтақаи Суғд | 300,2 | 272,4 | 351,4 | 409,8 | 433,7 | 144,4 |
| Минтақаи Хатлон | 839,3 | 822,6 | 985,3 | 1086,2 | 1126,0 | 134,2 |
| ВМБК | 16,7 | 9,6 | 7,1 | 7,8 | 8,2 | 49,1 |
| НТҶТ | 236,4 | 191,6 | 217,6 | 245,3 | 254,3 | 107,5 |
| **Дар корхонаҳои кишоварзӣ** | | | | | | |
| Зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ, ҳамагӣ, аз ҷумла: | 154,0 | 109,5 | 156,2 | 169,8 | 280,7 | 182,3 |
| Минтақаи Суғд | 45,2 | 43,4 | 61,3 | 74,9 | 82,5 | 182,5 |
| Минтақаи Хатлон | 62,8 | 49,3 | 63,3 | 66,0 | 157,2 | 2,5 мар. |
| ВМБК | 16,7 | 1,4 | 0,3 | 0,04 | 5,4 | 32,3 |
| НТҶТ | 43,4 | 15,3 | 31,2 | 28,5 | 35,1 | 80,8 |
| **Дар хоҷагиҳои аҳолӣ** | | | | | | |
| Зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ, ҳамагӣ, аз ҷумла: | 405,8 | 434,2 | 492,6 | 507,3 | 519,9 | 128,1 |
| Минтақаи Суғд | 61,7 | 67,6 | 60,7 | 68,8 | 65,3 | 105,8 |
| Минтақаи Хатлон | 281,3 | 308,4 | 369,9 | 371,1 | 388,5 | 138,1 |
| ВМБК | 2,2 | 1,2 | 0,9 | 1,0 | 1,1 | 50,0 |
| НТҶТ | 60,6 | 56,9 | 61,0 | 65,0 | 65,2 | 107,6 |
| **Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)** | | | | | | |
| Зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ, ҳамагӣ, аз ҷумла: | 832,8 | 752,5 | 912,6 | 1077,8 | 1027,7 | 123,4 |
| Минтақаи Суғд | 193,3 | 161,4 | 229,4 | 266,0 | 285,9 | 147,9 |
| Минтақаи Хатлон | 495,2 | 464,8 | 552,1 | 649,1 | 580,3 | 117,2 |
| ВМБК | 12,1 | 7,0 | 5,9 | 6,5 | 1,7 | 14,0 |
| НТҶТ | 132,2 | 119,4 | 125,3 | 151,8 | 154,6 | 116,9 |

**Сарчашма:** [6, с. 137-152].

Аз ин рӯ, дар минтақаҳои кишвар ташаккули муносибати нави заминдорӣ ва сиёсати гузариш иқтисоди «сабз» таъмин мегардад.

Аз ҷумлаи умумии заминҳои киштбоби минтақаҳои кишоварзӣ, ҳиссаи бештарро маҳз зироатҳои ғалладона ишғол менамоянд. Афзун гардонидани истеҳсоли ин зироатҳо, дар навбати худ, ба хотири пешгирии эҳтимоли норасоии маҳсулоти озуқаворӣ зарурати том дошта, василаи муҳимми таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ маҳсуб меёбад.

Мушкилоти таъмини озуқаи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақаҳо ба кам шудани истеҳсоли озуқаи худӣ вобаста буда, он бозори дохилии минтақаҳоро бо навъҳои асосии ғизои худӣ дар сатҳи лозима таъмин карда наметавонад. Мутаассифона, сохтори соҳавии коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ба сабабҳои гуногун ба меъёрҳои муқаррарии озуқаворӣ мутобиқат намекунад. Бинобар ин, эҳтиёҷи ҷиддӣ ба он вуҷуд дорад, ки ин сохтор дар асоси истеҳсоли маҳсулоти баландсифату аз ҷиҳати экологӣ тоза аз нав ташкил ёбад.

Тавре ба мо маълум аст, барои ҳаёти солими инсон ва қобилияти ҷисмонии он истеъмоли энергия дар ҳаҷми 1000 килокалория дар як шабонарӯз лозим мебошад ва он давомнокии умри инсонро зиёд намуда, барои шахсони қадбаланд ва ба фаъолиятҳои корҳои ҷисмонӣ банд буда, меъёри истеъмолӣ ва маҳсулоти ғизоӣ, сафеда -100 грамм, чарб - 80 грамм, карбогидратҳо 350-400 грамм меъёр ва тибқи назарсанҷишҳо узви ҳар оила дар як шабонарӯз ва се моҳи аввали давраи ҳисоботӣ, ба миқдори 46,8% сафедаҳо, 58,2% чарбҳо ва аз карбогидратҳо таъмин карда шавад.

Тибқи меъёрҳои мавҷудаи истеъмолӣ маҳсулоти озуқаи инфиродӣ барои эҳтиёҷоти солонаи 10,6 миллион нафар аҳолӣ дар давраи ҳисоботи муайян ва баҳогузорӣ мегардад, ки ин бо истеҳсолоти ҳақиқии маводи озуқаворӣ ба солҳои пешина муқоиса карда шуда, ба талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ниёзи аввалаи озуқаворӣ муқоиса мегардад (ҷадвали 3.2).

**Ҷадвали 3.2. - Таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар соли 2024**

| Намуди маҳсулот | Ҳаҷми истеҳсол дар соли 2024 | Меъёрҳои тавсиявии истеъмолӣ | Фоизи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ |
|---|---|---|---|
| Ғалладона | 174,1 | 147,1 | 118,3 |
| Картошка | 121,6 | 92,0 | 132,2 |
| Сабзавот | 317,2 | 166,1 | 1,9 мар. |
| Полезӣ | 110,1 | 166,1 | 66,3 |
| Мева ва бутта мева | 79,0 | 124,1 | 63,6 |
| Гӯшт (дар вазни кушта) | 20,0 | 40,8 | 49,0 |
| Шир | 113,3 | 115,3 | 98,2 |
| Тухм, дона | 121,7 | 180,0 | 67,6 |

**Сарчашма:** [6, с.137]. Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти омории Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2025. - саҳ 137. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои истеъмолӣ”. Душанбе 2018 с.

Мутобиқи нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.2. миқдори миёнаи калорияе, ки ба ҳар нафар аз аҳолии ҳудуду минтақаҳои гуногуни кишвар рост меояд, мавриди санҷиш қарор гирифтааст. Чунончи, организми инсон барои қонеъ шудани ниёзи худ дар як шабонарӯз ба таври миёна ба 3300 калория ва 1,5 килограмм нони гандуми сафед эҳтиёҷ дорад.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ, таъминоти озуқаворӣи бозори дохилӣ аз андозаи заминҳои киштбоб ва тавсеаи кишоварзии органикӣ вобастагӣ дошта, мутаносибии талабот ва арзаи маҳсулоти асосии ғизоӣ бо ёрии танзими бозори дохиливу минтақавӣ ба эътидол меояд.

Дараҷаи дастрасии экологию иқтисодӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ба сатҳи амнияти экологию иҷтимоӣ бетаъсир намемонад. Маблағҳои аз ҷониби давлат ҷубронкардашуда барои пардохти маҳсулоти ғизоӣ ба аҳолии камбизоат бояд кифоягӣ намояд.

Рушди муносибатҳои бозорӣ ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва об шароитҳои мусоид фароҳам меоранд. Дар мавриди камчинии заминҳои кишоварзӣ ва суръати баланди афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар самаранокии заминҳои мавҷудаи обёришавандаи кишоварзӣ аҳамияти калон пайдо менамояд.

Таъмини бехатарии озуқаворию экологӣ дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди «сабз» боз чанд ҷиҳати дигар дорад. Аввалан, масофаи миёни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда кӯтоҳ карда шавад. Сониян, коркарди такрории ашёи хоми кишоварзӣ ба роҳ монда шуда, ҳамзамон, қоидаҳои дурусти заминистифодабарӣ риоя гардад. Сеюм, объектҳои истеҳсолӣ аз рӯи ҳисоби иқтисодӣ ва экологӣ ҷойгир карда шаванд. Чорум, низоми киштгардон дар миқёси васеъ ҷорӣ гардад ва усулҳои ҳимояи растаниҳо ба кор бурда шаванд. Ва ниҳоят, идораи манзараҳои табиии минтақаҳои кишоварзӣ ба таври самаранок ба роҳ монда шавад.

Рушди иқтисоди «сабз» заминаи муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ ба ҳисоб рафта, он барои бехатарии иқтисодӣ тайи солҳои минбаъда хизмат мекунад. Рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва минтақаҳои агросаноатӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» дар минтақаҳои кишвар дар ниҳояти кор ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ мусоидат менамояд.

Ба ин тартиб, омӯзиши масъалаи бехатарии озуқаворӣ дар шароити рӯй овардан ба иқтисоди «сабз» аз маҷмуи тадбирҳои зикршуда сарчашма гирифта, ду ҳадафро дунбол мекунад: таъмини аҳолии сол то сол афзояндаи минтақаҳо бо маҳсулоти озуқаворӣ ва пойдории муҳити зисти онҳо. Ба хотири расидан ба амнияти озуқаворию экологӣ, ҳар давлат роҳу воситаҳои мухталифро ба кор мебарад, ки аз миёни онҳо инҳо арзиши бештар доранд:

- ҷорисозии низоми нави муносибатҳои хоҷагидорӣ ва ҳуқуқи моликияти замин, ки заминаи ташаккули иқтисодиёти бисёрҷанбаро тавассути имтиёзҳои андозию молиявӣ, аз ҷумла қарздиҳии имтиёзнок ба субъектҳои кишоварзӣ фароҳам меорад;

- ҳифзи табиат ва беҳтар намудани ҳолати экологию мелиоративии заминҳои обёришаванда;

- ҳадафмандона равона кардани сармояи дохилию хориҷӣ, дар навбати аввал, ба рушди иқтисоди «сабз» тавассути барномаҳои экологию иқтисодии дорои дастгирии давлативу минтақавӣ; дар ин раванд, шарти ҳатмӣ таҳияи лоиҳаҳои маблағгузорӣ барои навоҳии дурдаст, хусусигардонии субъектҳои агросаноатӣ ва мутобиқсозии онҳо ба муносибатҳои бозорӣ мебошад;

- маҳз иқтисоди «сабз» бо мақсади бартараф кардани он ба вуҷуд омада, ҳифзи экосистемаи минтақавӣ ва пойдории иқтисоди кишварро таъмин месозад.

Маҷмуи омилҳои дар боло баррасигардида ба ҳолати умумии бехатарии иқтисодии кишвар таъсири бевосита расонида, дар сурати сари вақт бартараф нагардидани онҳо метавонанд аз мушкилоти соҳавӣ ба таҳдиди хусусияти миллидошта табдил ёбанд. Ба ин сабаб, сиёсати давлатӣ дар ин самт бояд хусусияти пешгирикунанда дошта, ба се самти асосии ба ҳам алоқаманд равона карда шавад.

Самти аввал рафъи мушкилоти таъминоти озуқаворӣ дар шароити афзоиши бемайлони шумораи аҳолӣ ва маҳдудияти заминҳои корам мебошад, ки ин пеш аз ҳама, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва коҳиши талафотро тақозо менамояд; самти дуюм посух додан ба тамоюли афзояндаи таваҷҷуҳи истеъмолкунандагон ба маҳсулоти ватанӣ ва мустаҳкам намудани мавқеи он дар бозори дохилӣ ба ҳисоб меравад. Самти сеюм бошад, фароҳам овардани имконияти воқеии таъмини мардум бо ғизои босифат ва аз ҷиҳати биологӣ безарар буда, амалисозии

он ба низоми боэътимоди назорати сифат, сертификатсия ва экологикунонии ҷараёни истеҳсолот вобаста мебошад.

Дар такя бар далелу рақамҳои зикршуда, метавон гуфт, ки татбиқи ҳадафҳои иқтисоди «сабз» дар якҷоягӣ бо тадбирҳои маҷмуии экологию иқтисодӣ аллакай натиҷаи мушаххас дода истодааст. Дар навбати худ, дурнамои ҳалли масъалаҳои рушди устувори кишоварзӣ бештар ба ду омил вобаста аст: истифодаи оқилонаи заминҳои киштбоб, алалхусус қитъаҳои обёришаванда ва ҷалби минтақаҳои наздикӯҳию кӯҳӣ ба сифати захираи эҳтиётӣ. Маҳз ҳамин ду омил дар маҷмуъ, такони асосии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишварро таъмин месозанд.

### 3.3. Модели рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз»

Хатарҳои экологие, ки соҳаи кишоварзиро дар минтақаҳо фаро гирифтаанд, зарурати баҳодиҳии амиқи омилҳои калидии рушди ин соҳаро дар партави гузариш ба иқтисоди «сабз» ба миён меоранд. Воқеан, маҳз афзудани хатарҳои мазкур ва мушкили таъмини бехатарии озуқаворӣ давлатро водор месозад, ки дар минтақаҳои агросаноатӣ ба ин модели нави рушд рӯй орад.

Дар доираи рисолаи мазкур, модели баҳодиҳие пешниҳод гардидааст, ки самаранокии истифодаи омилҳои асосии кишоварзиро дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз» ва ҳифзи табиат месанҷад. Сохтани ин модел бо кумаки барномаи EViews сурат гирифта, он ба пешбинии дурнамои рушди устувори эколого-иқтисодии кишоварзӣ хидмат мерасонад. Раванде, ки дар паи худ ҳам беҳтар шудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳам ҳифзи экосистемаҳои табииро ба бор меорад. Бо ин мақсад, дар таҳқиқот ба модели регрессионии бисёромила такя карда шуда, он бо усули квадратҳои хурдтарин (Least Squares, LS) дар муҳити EViews коркард гардидааст.

Таҳияи модели мазкур имкон медиҳад, ки алоқамандии миқдорӣ байни ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва дар маҷмуъ, маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бо як қатор омилҳои муайянкунанда ошкор ва аз ҷиҳати оморӣ асоснок карда шавад.

Ба ҳайати омилҳои асосии таҳлилшаванда ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳосилнокии зироатҳои асосӣ дар як гектар, миқдори истифодашудаи нуриҳои минералию органикӣ шомил мебошанд. Дар баробари ин, хароҷоти умумии марбут ба истеҳсолот ва нархи ниҳоии фурӯши маҳсулот ҳамчун нишондиҳандаҳои иқтисодии калидӣ ба модел ворид карда мешаванд, зеро маҳз таносуби онҳо даромаднокии хоҷагӣ ва имконияти он ба навсозии экологии истеҳсолотро муайян месозад.

Тағйирот нисбат ба нусхаи қаблӣ: банди аввал акнун бо «хатарҳо» ҳамчун субъекти грамматикӣ оғоз мешавад (на «шароити минтақаҳо»); феъли «пешниҳод гардидааст» ба ибораи «модели баҳодиҳие пешниҳод гардидааст» гузаронида шуд; тавзеҳи EViews ва LS бо сохтори нав баён шуд; рӯйхати омилҳо дар охир ба сохтори «ошкор месозад:» иваз гардид.

Модел дар асоси ҷамъи регрессӣ, ки имконияти таҳлили амиқи самаранокии истифодаи заминҳои кишти кишоварзиро дар минтақаҳои кишвар ва таъсири онҳоро ба истеҳсоли ҳаҷми маҳсулоти озуқаворӣ ва тағйирёбии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нишон медиҳад. Тағйирёбандаҳои вобастагии омилҳо дар модели мазкур, ки ба ҳайси ченакҳои муҳими рушди устувори соҳаи кишоварзӣ хизмат менамояд, давраи таҳлили 2015-2024-ро дар бар мегирад.

Хусусияти хоси модели мазкур, пеш аз ҳама, дар маҷмуъ, дар имконияти истифодаи ҳамаи омилҳои таъсиррасон ва таъсири ҳар яке онҳо дар алоҳидагию якҷоягӣ ба асосии рушди иқтисоди «сабз» ва соҳаи кишоварзӣ мебошад. Тағйирёбандаи вобаста (У) дар ин таҳлил ҳамчун нишондиҳандаи марказии самаранокии иқтисоди кишоварзӣ хизмат

намуда, тахти таъсири маҷмуи омилҳое қарор дорад, ки аз ҷумлаи онҳо метавон чунинро зикр кард: ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, миқдори маҷмуии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, дараҷаи истифодаи нуриҳои органикӣ дар киштзорҳо, вобаста ба шароити хоси ҳар минтақа ва дигар омилҳои марбута.

Асоси интихоби тағйирёбандаҳои мустақилро назарияи функсияи истеҳсолӣ, инчунин, таҳлили амиқи адабиёти илмии коршиносони соҳаи иқтисоди кишоварзӣ ташкил медиҳад (Wooldridge, 2019; Greene, 2018).

Асоси назариявии ин модел ба принсипу функсияи истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ такя мекунад, ки тибқи он истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад: дараҷаи истифодаи дурусти заминҳои кишоварзӣ (X1); сатҳи ҳосилнокии замин ва истифодаи нуриҳои органикӣ (X2); истифодаи нуриҳои минералӣ (X3); дараҷаи механикунонии истеҳсолот (X4); ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар давраи ҳисоботӣ (X5); ва омилҳои берунии сохторӣ (DUMMY). Тағйирёбандаи DUMMY барои бартараф кардани таъсири шокҳои берунӣ, аз ҷумла таъсири омилҳои табиӣ-иқлимӣ, паёмадҳои бӯҳрони пандемияи COVID-19 ва тағйироти сохтории кишоварзӣ, ки тайи солҳои таҳлилшаванда рух додаast, ба модел ворид карда шудааст.

Дар ҷадвали 3.3. мазмун ва воҳиди ченаки ҳар як тағйирёбанда нишон дода шудааст.

***Муодилаи ибтидоии модел ба шакли зерин ифода меёбад:***

$$Yt = \beta_0 + \beta_1 \cdot X1t + \beta_2 \cdot X2t + \beta_3 \cdot X3t + \beta_4 \cdot X4t + \beta_5 \cdot X5t + \delta \cdot DUMMYt + \varepsilon t \quad \textbf{(3.1)}$$

ки дар он:

t = 2015,

2024 - индекси давраи вақтӣ;

ε - ҷузъи тасодуфии хатоӣ.

Натиҷаҳои тахмини модел ва муодилаи эконометрикии бадастомада.

Бо истифода аз формулаи (3.1) муодилаи регрессионии ҳисобӣ намуди зеринро мегирад:

$$\hat{Y} = - 879\ 520{,}05 + 150{,}573 \cdot X1 + 4\ 951{,}673 \cdot X2 + 24{,}431 \cdot X3 + 2{,}513 \cdot X4 + 0{,}969 \cdot X5 - 199\ 571{,}0 \cdot DUMMY \quad \textbf{(3.2)}$$

**Ҷадвали 3.3. - Сохтори модели тағйирёбандаҳои коррелиатсионӣ-регрессионӣ**

| Рамз | Ном ва мазмун | Воҳид | Нақш дар модел |
|---|---|---|---|
| Y | Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ (ММД-и кишоварзӣ) | млн сомонӣ | Тағйирёбандаи вобаста |
| $X_1$ | Майдони кишт | ҳазор га | Омили асосии захиравӣ |
| $X_2$ | Истифодаи нуриҳои органикӣ | ҳазор тонна | Омили интенсивикунонӣ |
| $X_3$ | Истифодаи нуриҳои минералӣ | ҳазор тонна | Омили интенсивии соҳаи кишоварзӣ |
| $X_4$ | Шумораи тракторҳо | адад | Омили механизатсия |
| $X_5$ | Маҷмуи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ (лаг) | млн сомонӣ | Омили динамикии иловагӣ |
| DUMMY | Тағйирёбандаи сохторӣ | 0 ё 1 | Ислоҳкунандаи сохторӣ |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф бо истифодаи усулҳои риёзӣ

Дар ҷадвали 3.4 натиҷаҳои пурраи оморӣ - коэффисиент, хатои меъёрӣ, t - омор ва сатҳи аҳамиятнокӣ барои ҳар як тағйирёбанда нишон дода шудаанд.

**Тафсири иқтисодии ҳар як коэффисиент.**

Тафсири иқтисодии дурусти коэффисиентҳои модели регрессионӣ яке аз вазифаҳои асосии таҳлили эконометрикӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи принсипи ceteris paribus (тағйирёбии як омил ҳангоми тағйир наёфтани омилҳои боқимонда), ҳар як коэффисиент таъсири тағйирёбандаи мустақилро ба нишондиҳандаи вобаста дар ҳолати тағйир наёфтани омилҳои дигар нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3.4. - Натиҷаҳои тахмини модели регрессионӣ (EViews, 2015-2024) қайд: ** - p < 0,05; *** - p < 0,01.**

| Тағйир. | Маъно иқтисодӣ | Коэф-т | Std. Error | t-омор | Prob. | Хулоса |
|---|---|---|---|---|---|---|
| C | Константаи озод | - 879 520,05 | 130 663,0 | -6,731 | 0,0067 | Муҳим*** |
| $X_1$ | Майдони кишт | 150,573 | 29,088 | 5,177 | 0,0140 | Муҳим** |
| $X_2$ | Нуриҳои органикӣ | 4 951,673 | 653,764 | 7,574 | 0,0048 | Муҳим*** |
| $X_3$ | Нуриҳои минералӣ | 24,431 | 4,496 | 5,434 | 0,0122 | Муҳим** |
| $X_4$ | Шумораи тракторҳо | 2,513 | 6,660 | 0,377 | 0,0311 | Муҳим** |
| $X_5$ | ММД кишоварзӣ (лаг) | 0,969 | 0,213 | 4,554 | 0,0198 | Муҳим** |
| DUMMY | Тағйирёбӣ сохторӣ | −199 571,0 | 22 988,92 | −8,681 | 0,0032 | Муҳим*** |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидудашуда таҳия карда шудааст.

**Аъзои озод ($\beta_0$ = - 879 520,05 млн сомонӣ).** Қимати манфии константа далолат бар он мекунад, ки истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бидуни иштироки ҳеҷ як омил, яъне дар фарзи он ки майдони кишт, истифодаи нуриҳо, техникаи кишоварзӣ ва дигар воситаҳо баробари сифр бошанд, амри воқеан ғайриимкон аст. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ин маънои онро дорад, ки истеҳсолоти кишоварзӣ бе воситаҳои асосии истеҳсолот мавҷуд буда наметавонад. Аз нуқтаи назари техникии МНК, константа вазифаи таъмини аҳамияти тахминҳои коэффисиентҳои дигар омилҳоро иҷро мекунад (Gujarati, 2020). Аҳамияти баланди омории он (t = - 6,731; p = 0,0067) исбот мекунад, ки дар модел зарур аст.

**Майдони кишт ($\beta_1$ = 150,573 млн сом./ҳазор га).** Афзоиши майдони кишт ба андозаи 1 000 га (1 ҳазор га), дар ҳолати собит мондани дигар омилҳо, ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ба андозаи 150,5 млн

сомонӣ оварда мерасонад. Ин натиҷа бо назарияи иқтисоди кишоварзӣ комилан мувофиқ мебошад, ки захираҳои замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот дар кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи t = 5,177 ва p = 0,0140 аҳамияти баланди омории худро дар сатҳи 5%-ро тасдиқ менамояд.

**Нуриҳои минералӣ ($\beta_3$ = 24,431 млн сом./ҳазор тонна).** Афзоиши истифодаи нуриҳои минералӣ ба 1000 тонна маҷмуи маҳсулотро ба 24,4 млн сомонӣ меафзояд. Аҳамияти омории он бо t = 5,434 ва p = 0,0122 (дар сатҳи 5%) тасдиқ мегардад.

**Шумораи тракторҳо ($\beta_4$ = 2,513 млн сом./адад).** Ҳар як трактори иловагӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзиро ба 2,5 млн сомонӣ меафзояд. Арзиши нисбатан хурди ин коэффисиент нишон медиҳад, ки самараи як воҳиди механизатсияи кишоварзӣ нисбати нуриҳои органикӣ хурдтар аст, аммо дар маҷмуъ, ба ҳисоби ҷамъбастии тракторҳои сершумор таъсири зиёде мерасонад. Аҳамияти омории он (t = 0,3; p = 0,03) дар сатҳи 5% тасдиқ мешавад.

**ММД-и кишоварзӣ - $X_5$ ($\beta_5$ = 0,9 млн сом./млн сом.).** Коэффисиенти 0,9 маънои иқтисодии ҷиддӣ дорад: ҳар 1 млн сомонии маҳсулоти соли қаблӣ маҳсулоти соли ҷорӣ ба 0,9 млн сомонӣ меафзояд. Аҳамияти оморӣ: t = 4,554; p = 0,0198.

**Муайян кардани омили аз ҳама таъсирбахш.**

Барои муайян кардани омиле, ки таъсири бузургтарин ба маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ мерасонад, коэффисиентҳо тавассути коэффисиентҳои стандартикунонидашуда (Beta-coefficients) ё ба тариқи нисбии иқтисодӣ муқоиса карда мешаванд. Барои ин мо ба маҷмуи t-оморҳо, арзишҳои коэффисиент ва манзараи умумии моделлӣ такя мекунем.

Аз нуқтаи назари қудрати тавзеҳдиҳӣ (ба таври мутлақ аз рӯи t-омор) бузургтарин таъсирро тағйирёбандаи фиктивии DUMMY (|t| = 8,6)

дорад, ки нишондиҳандаи таъсири шадиди омилҳои берунист. Дар байни омилҳои сохторӣ ва идоравӣ, нуриҳои органикӣ ($X_2$) бо t = 7,5 ва коэффисиенти 4951,6 млн сом./ҳазор тонна аввалин мақомро ишғол менамояд.

**Ҷадвали 3.5. - Тартиби аҳамияти омилҳо тибқи меъёри t**

| Омил | Коэф-т | t-омор | Prob. | Тартиби аҳамият |
|---|---|---|---|---|
| DUMMY | -199 571,0 | −8,681 (\|8,68\|) | 0,0032 | 1 - бузургтарин мутлақ |
| $X_2$ - нуриҳои органикӣ | 4 951,673 | 7,574 | 0,0048 | 2 - бузургтарин миёни омилҳои мусбат |
| $X_3$ - нуриҳои минералӣ | 24,431 | 5,434 | 0,0122 | 3 |
| $X_1$ - майдони кишт | 150,573 | 5,177 | 0,0140 | 4 |
| $X_5$ - ММД лаг | 0,969 | 4,554 | 0,0198 | 5 |
| $X_4$ - тракторҳо | 2,513 | 0,377 | 0,0311 | 6 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидудашуда таҳия карда шудааст.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ ин натиҷа маъно онро дорад, ки нуриҳои органикӣ на танҳо ҳосилхезии ҳақиқии хокро беҳтар менамоянд, балки таъсири дарозмуддатии онҳо ба сифати хок, ҳосилнокӣ ва устувории агробиологии экосистемаи табиӣ ҳадди якуми ченаки иқтисодиро дорад. Аз ин рӯ, сиёсати афзоиши истифодаи нуриҳои органикӣ ба ҳайси воситаи муҳими афзоиши ММД-и кишоварзии аввалиятнок тавсия дода мешавад.

Майдони кишт ($X_1$) гарчанде дорои коэффисиенти хурдтар нисбат ба $X_2$ аст, аммо ба назари масштаб гирем - 1 ҳазор га афзоиши майдон

танҳо 150,5 млн сомонӣ, аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ, даҳҳо ҳазор гектар заминҳои захиравии кишоварзӣ дорад, пас иқтидори воқеии ин омил хеле зиёд мебошад.

**Арзёбии сифати модел.**

Сифати модели регрессионӣ аз рӯи маҷмуи нишондиҳандаҳои оморӣ арзёбӣ карда мешавад. Натиҷаҳои асосии сифатсанҷии модел дар ҷадвали 3.7 нишон дода шудааст.

**$R^2$ = 0,992999 (99,3%).** Ин нишондиҳанда чунин маъно дорад, ки омилҳои интихобшуда (X1-X5, DUMMY) дар маҷмуъ, 99,3%-и тағйирёбии маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи 2015-2024-ро тавзеҳ медиҳанд. Танҳо 0,7% бо тасодуфот ё омилҳои берун аз модел вобаста аст. Мутобиқи меъёрҳои умумипазири эконометрика, $R^2 > 0,90$ ба ҳайси сифати хеле баланд арзёбӣ мешавад (Gujarati, 2020).

**Adjusted $R^2$ = 0,978998 (97,9%).** Коэффисиенти детерминатсияи танзимшуда бо назардошти шумораи параметрҳо ва мушоҳидаҳо ҳисоб мешавад. Вай ба иловакунии тағйирёбандаҳои вобастанашудаи нодуруст ҳассостар мебошад.

**F-statistic = 70,923; Prob(F) = 0,002541.** Меъёри Фишер фарзияи нуллии $H_0$: $\beta_1=\beta_2=\beta_3=\beta_4=\beta_5=\delta=0$ (ҳамаи коэффисиентҳо сифранд)-ро санҷиш мекунад. Қимати F = 70,923 ва эҳтимоли p = 0,0025 маъно дорад, ки фарзияи нуллӣ дар сатҳи 1% рад карда мешавад. Модел дар маҷмуъ, аз ҷиҳати омор ниҳоят аҳамиятнок аст.

